# Иллатҳои гароиш ба моддигарӣ

*Таълифи:*

**Устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ**

*Баргардон тавассути:*

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

بسم الله الرحمن الرحیم

**Феҳристи матолиб**

Материализм ... 5
Оё инсон фитратан илоҳӣ аст ё моддӣ? ... 6
Собиқаи таърихӣ ... 7
Материализм дар давраи исломӣ ... 8
Материализм дар қуруни ҷадид ... 9
Нақши калисо дар гароишҳои моддӣ ... 11
Тасвири инсонии Худо ... 12
Худо аз айнаки Огуст Кант ... 14
Мақоми худоӣ ... 15
Давраҳои сегонаи Огуст Кант ... 17
Хушунатҳои калисо ... 19
Норасоии мафоҳими фалсафии Ғарб ... 23
Мушкили "иллати нахустин" ... 24
Тавзеҳи ҷаҳон бо далел ва на иллат ... 30
Ваҳдати зеҳну айн ... 32
Решаи ниёзмандии ашё ба иллат ... 33
Тавҳид ва такомул ... 43
Азалияти модда ... 56
Худо ё озодӣ? ... 57
Тасодуф, Худо, иллият? ... 59
Мафҳуми офариниш ... 63
Бурҳони назм ... 69
Хулосаи назариёти Юм дар баёни бурҳони назм ин аст: ... 73
Посухи ишколҳои Дэвид Юм бар бурҳони назм ... 75
Норасоии мафоҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ ... 82

Изҳори назари ғайри мутахассис ........................................................................ 84
Худопарастӣ ё зиндагӣ ........................................................................................ 86
Муҳити ахлоқӣ ва иҷтимоии номусоид ............................................................... 90
Сангари қаҳрамонӣ ва пархошгарӣ ..................................................................... 96
Натиҷа .................................................................................................................. 102

## Материализм

Мавзӯи баҳс, сабабҳои гароиш ба моддигарӣ (материализм) аст. Аввал бояд моддигарӣ (материализм)-ро, ки мавзӯи баҳси имрӯзи мост, аз назари истилоҳи роиҷи кунунӣ таъриф кунем ва ҳудуди онро баён намоем, сипас вориди баҳс шавем. Вожаи “материализм” истеъмолоти мухталифе дорад, ки ҳамаи онҳо — акнун, ки дар бораи иллатҳои гароиш ба материализм баҳс мекунем — наметавонад мавзӯи баҳси мо бошад. Масалан, гоҳе материализм мегӯянд ва мурод “мактаби асолати модда” аст, аммо ба ин маънӣ, ки модда як амри асил ва як амри воқеӣ дар ҷаҳони ҳастӣ аст, на як амри фарзӣ ва зеҳнӣ ва намоишӣ ва сохтаи зеҳн; дар муқобили идеализм, ки мункири воқеияти модда аст ва онро махлуқи зеҳни башар медонад. Агар материализмро ба ин маънӣ бигирем, бояд ҳамаи илоҳиюнро — чӣ мусалмон ва чӣ ғайримусалмон — материалист бихонем; зеро инҳо ҳама моддаро, ки воқеиятест дар бистари замону макон ва ҳақиқатест мутағайир ва мутаҳаввил ва мутакомил ва маҳсусу малмус, амре айнӣ ва моварои зеҳнӣ ва дорои асар медонанд. Моддӣ будан ва материалист будан ба ин маънӣ, бо масъалаи Худо ва тавҳид мунофоте надорад, балки олами модда ва табиат ба унвони як воҳиди “кор” ва як воҳиди “маснуъ”, беҳтарин васила барои шиносоии Худованд аст. Иродаи ҳакимонаи Худованд дар ҷараёни ҳамин таҳаввулоти моддӣ кашф мешавад. Қуръони Карим падидаҳои моддиро ба унвони “оятҳои (нишонаҳои) илоҳӣ” ёд мекунад.

Ва гоҳе ин калима истеъмол мешавад ва мурод аз он, инкори мавҷуди мовараи модда аст яъне мактаби инҳисор; мактабе, ки ҳастӣ ва низоми вуҷудро дар инҳисори модда медонад ва ҳастиро дар чаҳорчӯби он чӣ дар тағйиру табдил аст ва дар бистари замону макон воқеъ аст маҳдуд ва маҳсур мекунад ва он чиро, ки аз

чаҳордевории тағйиру табдил ва эҳсосу ламси башар берун аст, мункир аст ва маъдум ва нест мепиндорад.

Акнун баҳси мо перомуни иллатҳои гароиш ба ин мактаб, яъне мактаби инҳисор аст, ки чӣ тавр шуд гурӯҳе аз башар тарафдори инҳисор гаштанд ва ба мактаби нафй гароиданд ва дар садади инкори Худо баромада, берун аз ҷаҳони моддаро нест пиндоштанд.

## Оё инсон фитратан илоҳӣ аст ё моддӣ?

Тарҳи ин баҳс ба ин кайфият, ки иллатҳои гароишҳои моддӣ чист, табъан намудори ин аст, ки мо муддаӣ ҳастем инсон табиатан намебоист гароиши моддӣ пайдо кунад, (балки) моддигарӣ як ҷараёни мухолифи табиат ва фитрати инсон аст, ва чун бар хилофи асл аст, бояд ба ҷустуҷӯи иллати он пардохт ва аз сабабе, ки онро бар хилофи аслу қоида ба вуҷуд оварда ковиш намуд. Ва ба иборати соддатар, эътиқод ба Худо ҳукми саломатро дорад ва гароиши моддӣ ҳукми бемориро. Ҳеч гоҳ аз сирри саломат набояд пурсид, зеро саломат бар тибқи масир ва ҷараёни табиии низоми хилқат аст. Аммо агар дидем фарде ё ҷамъияте беморанд, онҷо бояд пурсид: чаро ин афрод бемор шуданд? Чӣ мӯҷиботе сабаби бемории онҳо шудааст?

Ин назари мо, дуруст бар хилофи он аст, ки дар китобҳои “таърихи адён” маъмулан изҳори назар мекунанд. Нависандагони он китобҳо ғолибан ба дунболи ин мегарданд, ки чаро башар гароиши динӣ пайдо кард? Аз назари мо, гароиши динӣ ниёзе ба пурсиш надорад. Он, кашиши фитрат аст, балки бояд ковиш кард, ки чаро башар гароиш ба бединӣ пайдо кард? Феълан намехоҳем ин баҳсро дунбол кунем, ки оё динӣ будан як амри табиӣ аст ва бединӣ амре ғайритабиӣ ва ё баръакс аст? Зеро аз назари мавзӯи баҳси аслӣ, зарурате намебинем.

Албатта ин матлабро бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки мақсуд ин нест, ки чун гароиши тавҳидӣ як гароиши фитрӣ ва табиист, он гоҳ, ки дар сатҳи таъаққулоти илмӣ ва фалсафӣ тарҳ мешавад, ҳеч гуна суоле ба вуҷуд намеоварад. Хайр. Мақсуд ин нест. Ин масъала монанди ҳар масъалаи дигар ҳарчанд мавриди таъйиди як ғаризаи фитрӣ бошад, он гоҳ, ки дар сатҳи таъаққул тарҳ мешавад, табъан суолот ва ишколот ва шакку шубаҳоте барои мубтадӣ ба вуҷуд меоварад ва роҳи ҳаллҳои лаззатбахше

ҳам дар ҳамон сатҳ дорад. Аз ин рӯ, мо намехоҳем шакку шубаҳоте, ки воқеан барои афроде пеш меояд, нодида бигирем ва ё онҳоро ношӣ аз хубси тинат ва суихулқи онҳо бидонем. Хайр. Чунин нест. Пайдоиши шакку шубаҳот дар ин замина он гоҳ, ки башар мехоҳад ҳамаи масоили марбут ба ин мавзӯъро ҳал кунад, як амри табиӣ ва оддӣ аст ва ҳамин шаккҳост, ки муҳаррики башар ба сӯи таҳқиқи бештар аст. Ва аз ин рӯ, мо ин навъ шаккҳоро, ки мунҷар ба таҳқиқи бештар мешавад, муқаддас мешуморем, зеро муқаддимаи вусул ба яқин ва имон ва итминон аст. Шак он гоҳ бад аст, ки ба сурати васвос дарояд ва одамиро ба худ саргарм кунад, он чунон, ки мебинем баъзе афрод аз ин ки метавонанд дар масоил тардид кунанд, лаззат мебаранд ва охирин манзили сайри фикрии худро, тардид ва дудилӣ медонанд. Ин ҳолат, ҳолати бисёр хатарнокест, бар хилофи ҳолати аввал, ки муқаддимаи камол аст. Аз ин рӯ ба такрор гуфтаем, ки: "**шакк, гузаргоҳи хуб ва лозиме аст, аммо таваққуфгоҳ ва сарманзили баде**."

Баҳси мо акнун дар бораи афрод ё гурӯҳҳоест, ки шакро таваққуфгоҳ ва охирин манзили хеш сохтанд. Ба ақидаи мо, материализм ҳарчанд худро як мактаби ҷазмӣ муаррифӣ мекунад, вале ҷузъи макотиби шак аст. Мантиқи Қуръон низ дар бораи инҳо ҳамин аст. Қуръон мегӯяд: "*Ҳаддиаксар ин аст, ки дучори бархе шакку гумонҳо ҳастанд, вале дар амал, онро ба сурати ҷазм ва илм ва яқин дармеоваранд*."

## Собиқаи таърихӣ

Ин тарзи тафаккур чизи тоза ва ҷадиде нест. Набояд пиндошт, ки пайдоиши ин тарзи тафаккур аз натоиҷи таҳаввулоти илмӣ ва санъатии ҷадид аст ва дар яке ду қарни ахир барои аввалин бор ба вуҷуд омадааст, монанди бисёре аз назариёти илмӣ, ки дар давронҳои қабл набуд ва сипас башар бар онҳо даст ёфт. На, мусалламан гароиши моддии башар падидаи махсуси қарнҳои ахир нест, балки аз ҷумлаи афкори бисёр қадимӣ аст. Дар таърихи фалсафа мехонем, ки бисёре аз фалосифаи Юнони бостон, қабл аз даврони Суқрот ва наҳзати фалсафии ӯ, моддӣ буда ва мовароии моддаро инкор мекарданд.

Дар миёни мардуми ҷоҳилияти муқорини замони беъсат низ гурӯҳе чунин фикре доштанд ва Қуръон дар мақоми мубориза бо онҳо баромада, суханашонро нақл ва интиқод мекунад:

وَقَالُوا مَا هِيَ إِلَّا حَيَاتُنَا الدُّنْيَا نَمُوتُ وَنَحْيَا وَمَا يُهْلِكُنَا إِلَّا الدَّهْرُ

"*Ва гуфтанд: гайр аз зиндагонии дунёи мо, чизи дигаре нест; мемирем ва зинда мешавем ва моро ҷуз "даҳр" (рӯзгор) ҳалок намекунад…*" (*Сураи Ҷосия, ояти 24*)

Ин ҷумла, ки Қуръон аз мардуме нақл мекунад, ҳам инкори Худоро дарбар дорад ва ҳам инкори маодро.

## Материализм дар давраи исломӣ

Калимаи "даҳр" яъне рӯзгор. Ба муносибати ҳамин оят ва ҳамин калима, ки дар ин оят омадааст, дар давраи исломӣ афродеро, ки мункири Худо буданд, "даҳрӣ" мегуфтанд. Дар давраи исломӣ ба афроде бархӯрд мекунем, ки даҳрӣ ва моддӣ будаанд, хусусан дар даврони Аббосиён, ки фарҳангҳо ва равишҳои мухталифи фалсафӣ вориди ҷаҳони ислом шуд. Ба воситаи озодии фикрӣ, ки дар он давра барои афкори илмӣ ва фалсафӣ ва динӣ вуҷуд дошт, расман иддае ба унвони моддимаслак ва мункири Худо шинохта мешуданд. Ин идда бо мусалмонон ва соири пайравони адён ва мӯътақидон ба Худо, мубоҳиса ва муҷодила мекарданд ва далоили худро бозгӯ менамуданд ва ба далоили аҳли тавҳид эрод мегирифтанд ва билохира мегуфтанд ва мешуниданд ва озодона ақоиди худро иброз медоштанд. Таърихчаи инҳо дар матни китобҳои исломӣ сабт шудааст.

Афроде дар замони Имом Содиқ (а) дар масҷиди пайғамбар (с) ҷаласа мекарданд ва аз ин навъ суханон мегуфтанд. Китоби "*Тавҳиди Муфаззал*" зоидаи яке аз ин ҷараёнҳост.

Яке аз асҳоби Имом Содиқ (а) ба номи Муфаззал ибни Умар мегӯяд: дар масҷиди пайғамбар намоз хондам ва сипас дар андеша фурӯ рафтам ва дар бораи пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва азамати он ҳазрат фикр мекардам. Дар ҳамон ҳол Абдулкарим ибни Абилавҷоъ — ки ба истилоҳи он вақт зиндиқ будааст — омад ва ба фосилаи дуртаре нишаст. Сипас яке дигар аз ҳаммаслакони вай омад. Ду нафар шурӯъ карданд ба куфр гуфтан, яъне Худоро инкор карданд ва пайғамбарро фақат

ба унвони як мутафаккир ва нобиғаи бузург — на ба унвони фиристодаи Худо ва мабъус аз ҷониби ӯ ва ба унвони касе, ки аз мабдаи ғайбӣ ваҳй талаққӣ мекардааст — ёд карданд. Мегуфтанд, ӯ нобиғае буд, ки афкорашро ба сурати ваҳй арза дошт, то битавонад дар мардум нуфуз кунад, вагарна на Худое ҳаст ва на ваҳйе ва на қиёмате.

Муфаззал аз шунидани суханони онҳо сахт нороҳат шуд ва ба онҳо носазо гуфт. Сипас ба маҳзари Имом Содиқ (а) омад ва ҷараёнро ба арз расонид. Ҳазрат ӯро дилдорӣ дод ва фармуд: ман туро муҷаҳҳаз мекунам ба суханоне, ки битавонӣ бо онон мувоҷеҳ шавӣ ва суханонашонро ҷавоб гӯӣ. Сипас Имом Содиқ (а) дар чанд ҷаласаи тӯлонӣ таълимоте ба Муфаззал дод, Муфаззал навишт ва ба ин тартиб китоби "*Тавҳиди Муфаззал*" ба вуҷуд омад.

## Материализм дар қуруни ҷадид

Чунонки медонем, дар қарнҳои 18-ум ва 19-ум, материализм ба сурати як мактаб даромад, ва ҳол он ки дар гузашта инчунин набудааст ва он чӣ ба баъзе макотиби Юнони қадим нисбат медиҳанд, асоси дурусте надорад. Маъмулан, таърихи фалсафанависҳо худашон фалсафа намедонанд ва чун баъзе калимот аз бархе фалосифа дар мавриди қадими замонӣ будани модда ва ё чизе аз ин қабил мебинанд, хаёл мекунанд, ки лозимаи ин фикр, инкори Худо ва моварои табиат аст. Аз назари мо собит нест, ки қабл аз қуруни ҷадид мактабе моддӣ вуҷуд доштааст, балки қаблан фақат гароишҳои фардӣ ба сӯи моддигарӣ дар Юнон ва ғайри Юнон вуҷуд доштааст. Ва ҳамин аст, ки барои бисёре ин эҳтимолро ба вуҷуд овардааст, ки шояд пайдоиши материализм ба сурати як мактаб, робитаи мустақим бо илм ва пешрафтҳои илмӣ дорад.

Худи материалистҳо албатта бисёр мекӯшанд, ки матлабро ба ҳамин сурат ҷилва диҳанд ва дигаронро ба ин матлаб мутақоъид намоянд, ки иллати ривоҷи материализм дар қуруни 18 ва 19, тулӯи назариёти илмӣ буда ва тавсиъаи илм, башарро ба ин сӯ кашондааст. Ин матлаб ба шӯхӣ наздиктар аст то ба як ҳақиқати ҷиддӣ.

Гароиши моддӣ аз давронҳои бостон, ҳам дар табақоти донишманд буда ва ҳам дар табақоти ҷоҳил. Дар давраи ҷадид низ ҳамин тавр, дар тамоми табақот афроде моддӣ пайдо мешаванд, ҳамчунон ки дар тамоми табақот ва қишрҳо — хусусан дар табақаи донишманд — гароишҳои илоҳӣ ва маънавӣ ва мовароуттабиӣ вуҷуд дорад. Агар матлаб ба ин минвол буд, ки материалистҳо мегӯянд, бояд ба ҳамон нисбат, ки илм пешравӣ кардааст ва донишмандони бузург дар ҷаҳон пайдо шудаанд, гароишҳои моддӣ дар типи донишманд бештар бошад ва афрод ҳар чӣ донишмандтар бошанд, моддитар бошанд, ва ҳол ин ки воқеият хилофи онро нишон медиҳад.

Имрӯз мо аз як тараф афроде маъруф ва машҳурро мебинем монанди Росел, ки то ҳудуди зиёде худро материалист нишон медиҳанд. Вай мегӯяд:

*"Башар мавлуди омилҳоест, ки дар эҷоди ӯ тадбире ба кор нарафта ва гояте дар назар гирифта нашудааст. Асли башар, нумӯ ва ҳатто авотифи ӯ чун орзу, тарс, ишқ ва ақида, чизе ҷуз мазҳари талфиқи тасодуфии атомҳои мухталиф нест…"* (*Ба нақл аз китоби "Исботи вуҷуди Худо", с.99*)

Росел ба ин тартиб вуҷуди нерӯи шуъуркунанда ва мудаббири ҳоким бар ҷаҳонро инкор мекунад, ҳарчанд гоҳе дар баъзе гуфтаҳои худ, худро шаккок ва "лоадрӣ" қаламдод мекунад. (*Ирфон ва мантиқ*)

Аз тарафи дигар, Эйнштейн, нобиғаи илмии қарни 20-умро мебинем, ки дуруст дар ҷиҳати хилофи назари Росел назар медиҳад ва мегӯяд:

*"Дар олами маҷҳул, нерӯи оқил ва қодире вуҷуд дорад, ки ҷаҳон гувоҳи вуҷуди ӯст."* (*Ба нақл аз китоби "Исботи вуҷуди Худо", с.76*)

Оё метавон гуфт Росел бо мафоҳими илмии имрӯз ошност, аммо Эйнштейн ошно нест?! Ё фалон файласуфи қарни 18-ум ё 19-ум бо мафоҳими илмии замони хеш ошно буда, аммо Постур (*Louis Pasteur*)-и Худошинос, ошно набуда ва ҷоҳил будааст?! Ё метавонем бигӯем, Вилём Ҷеймз, марди муваҳҳид, балки орифи асри хеш, ё Бергсун ва Алексис Корл ва амсоли инҳо бо мафоҳими илмии замони худ ошно набудаанд ва бо миқёси ҳазор сол қабл фикр мекардаанд, аммо фалон ҷавон,

ки якдаҳуми онҳо маълумот надорад ва ба Худо мӯътақид нест, бо мафоҳими илмии замони худ ошност?!

Гоҳе дида мешавад, ду нафар риёзидон яке мӯътақид ба Худо ва дин аст ва дигаре моддӣ аст. Ё ду нафар физикдон, ду нафар зистшинос, ду нафар ситорашинос яке моддӣ фикр мекунад ва дигаре илоҳӣ. Пас, масъала ба ин соддагӣ нест, ки бигӯем илм омадааст ва масоили мовароиъ табиатро мансух кардааст. Ин як сухани кӯдакона аст.

Баҳсе, ки бештар бояд рӯи он такя кард ин аст, ки чӣ чиз мӯҷиб гашт дар Урупо материализм ба сурати як мактаб зуҳур кард ва гаравандагони бисёре пайдо кард, ҳарчанд қарни 20-ум бар хилофи қарнҳои 18-ум ва 19-ум аз пешравии материализм кост, балки дар ин қарн навъе шикаст насиби материализм шуд. Ин гароишҳои дастаҷамъӣ, як силсила иллатҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дорад, ки бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Мо дар мутолеоти худ ба иллатҳое бархӯрдаем ва ҳамонҳоро дар инҷо зикр мекунем. Шояд афроде, ки мутолеоти бештаре дар заминаҳои иҷтимоӣ, хусусан дар таърихи Урупо доранд, иллатҳо ва сабабҳои дигареро бишносанд. Мо дар инҷо маҳсули мутолеоти худамонро зикр мекунем.

## Нақши калисо дар гароишҳои моддӣ

Калисо, чӣ аз назари мафоҳими норасое, ки дар илоҳиёт арза дошт ва чӣ аз назари рафтори ғайриинсониаш бо тӯдаи мардум, хусусан табақаи донишмандон ва озодфикрон, аз иллатҳои умдаи гароиши ҷаҳони масеҳӣ — ва ба таври ғайримустақим ҷаҳони ғайримасеҳӣ — ба моддигарӣ аст.

Мо ин омилро дар ду бахш баррасӣ мекунем:

1) Норасоии мафоҳими калисоӣ дар мавриди Худо ва мовароуттабиа;

2) Хушунатҳои калисо.

**Аммо бахши аввал:**

Дар қуруни вусто, ки масъалаи Худо ба дасти кашишҳо афтод, як силсила мафоҳими кӯдакона ва норасо дар бораи Худо ба вуҷуд омад, ки ба ҳеч ваҷҳ бо

ҳақиқат вифқ намедод ва табъан афроди боҳуш ва равшанфикрро на танҳо қонеъ намекард, балки мутанаффир месохт ва бар зидди мактаби илоҳӣ бармеангехт.

## Тасвири инсонии Худо

Калисо ба Худо тасвири инсонӣ дод ва Худоро дар қолаби башарӣ ба афрод муаррифӣ намуд. Афрод таҳти таъсири нуфузи мазҳабии калисо, аз кӯдакӣ Худоро бо ҳамин қолабҳои инсонӣ ва моддӣ талаққӣ карданд ва пас аз рушди илмӣ, дарёфтанд, ки ин матлаб бо меъёрҳои илмӣ ва воқеӣ ва ақли саҳеҳ созгор нест. Ва аз тарафи дигар, тӯдаи мардум табъан ин миқдор қудрати наққодӣ надоранд, ки фикр кунанд мумкин аст масоили марбут ба моварои табиат мафоҳими маъқуле дошта бошад ва калисо иштибоҳ карда бошад. Чун диданд мафоҳими калисоӣ бо миқёсҳои илмӣ татбиқ намекунад, матлабро аз асос инкор карданд.

Китобе ҳаст ба номи "*Исботи вуҷуди Худо*", ки маҷмӯаест аз 40 мақола аз 40 нафар аз донишмандони мутахассис дар риштаҳои гуногун, ки ҳар кадом аз роҳи мутолеоти тахассусии худ, барои исботи Худо истидлол кардаанд. Ин китоб ба забони форсӣ тарҷума шудааст. Аз ҷумла, яке аз он донишмандон ба номи Волтер Ускор Ландбург (*Walter Oscar Landborg*) баҳсе илмӣ дар бораи Худошиносӣ мекунад ва дар зимни баҳс, таҳқиқе дорад дар ин замина, ки чаро иддае, ҳатто аз донишмандон, гароиши моддӣ пайдо кардаанд. Вай ду иллат зикр мекунад, ки як иллаташ ҳамин аст, ки мо зикр кардем. Яъне норасоии мафоҳиме, ки ба ин ному унвон дар хона ё дар калисо ба афрод ёд медодаанд.

Ин ки фақат номи калисоро мебарем, ба ин маънӣ нест, ки дар манобир ва масоҷиди мо ҳамеша афроди мутталеъ ва босалоҳият мафоҳими диниро таълим медиҳанд ва медонанд чӣ таълим диҳанд ва бо умқи таълимоти исломӣ ошно ҳастанд. Ин ки фақат номи калисоро мебарем, яке бад-он ҷиҳат аст, ки баҳс дар иллатҳои гароишҳои моддӣ аст ва ин гароишҳо дар муҳитҳои масеҳӣ буда, на дар муҳитҳои исломӣ — дар муҳитҳои исломӣ ҳар чӣ пайдо шуда нусха ва тақлиде буда ва ҳаст аз Урупо – ва дигар ин ки дар муҳити исломӣ дар сатҳи фалосифа ва ҳукамои илоҳӣ мактабе вуҷуд доштааст, ки посухгӯи аҳли таҳқиқ буда ва монеъ буда, ки кори

донишмандон бад-онҷо бикашад, ки дар Урупо кашида шуд, вале дар муҳитҳои калисоӣ чунин мактабе вуҷуд надоштааст.

Ба ҳар ҳол, оқои Волтер Ускор Ландбург чунин мегӯяд:

*“Ин ки таваҷҷӯҳи баъзе донишмандон дар мутолеоти илмӣ, мутаваҷҷеҳи дарки вуҷуди Худо намешавад, иллатҳои мутаъаддиде дорад, ки аз он ҷумла ду иллатро зикр мекунем: нахуст он ки голибан шароити сиёсии истибдодӣ ё кайфияти иҷтимоӣ ва ё ташкилоти мамлакатӣ, инкори вуҷуди сонеъро эҷоб мекунад. Дуввум он ки фикри инсонӣ ҳамеша таҳти таъсири баъзе авҳом (пиндорҳо) қарор дорад ва бо он ки шахс ҳеч азоби руҳӣ ва ҷисмӣ ҳам надошта бошад, боз фикри ӯ дар интихоб ва ихтиёри роҳи дуруст комилан озод нест. Дар хонаводаҳои масеҳӣ аглаби атфол дар аввалҳои умр ба вуҷуди Худое шабеҳи инсон имон меоваранд; мисли ин ки башар ба шакли Худо офарида шудааст. Ин афрод ҳангоме, ки вориди муҳити илмӣ мешаванд ва ба фаро гирифтан ва тамрини масоили илмӣ иштигол меварзанд, ин мафҳуми инсонгуна ва заъиф аз Худо наметавонад бо далоили мантиқӣ ва мафоҳими илмӣ ҷур дарбиёяд ва натиҷатан баъд аз муддате, ки умеди ҳар гуна созиш аз байн меравад, мафҳуми Худо низ ба куллӣ матрук ва аз саҳнаи фикр хориҷ мешавад. Иллати муҳимми ин кор он аст, ки далоили мантиқӣ ва таърифоти илмӣ, виҷдониёт ё мӯътақадоти пешини ин афродро иваз намекунад ва эҳсоси ин, ки дар имон ба Худо қаблан иштибоҳ шуда ва ҳамчунин омилҳои дигари равонӣ боис мешаванд, ки шахс аз норасоии ин мафҳум бимнок шавад ва аз Худошиносӣ эъроз ва инсироф ҳосил кунад.” (Исботи вуҷуди Худо, с.51*)

Хулосаи сухан: чизе, ки дар бархе таълимоти динӣ ва мазҳабӣ мушоҳида мешавад ва мутаассифона каму беш дар миёни худи мо ҳам ҳаст ин аст, ки дар айёми кӯдакӣ мафҳуме бо мушаххасоти хоссе бо ному унвони Худо ба хӯрди кӯдак медиҳанд. Кӯдак вақте бузург мешавад ва донишманд мегардад, мебинад чунин чизе маъқул нест ва наметавонад мавҷуд бошад, то Худо бошад ё ғайри Худо. Кӯдак пас аз он ки бузург шуд, бидуни ин ки фикр кунад ё интиқод кунад, ки мумкин аст мафҳуми саҳеҳе барои он тасаввур кард, яксара улуҳиятро инкор мекунад. Ӯ хаёл мекунад Худоеро, ки инкор мекунад, ҳамон аст, ки Худошиносон қабул доранд. Пас, чун ин сохташудаи зеҳни худро — ки авҳоми омиёна барояш сохтаанд — қабул надорад,

Худоро қабул надорад, дигар фикр намекунад Худой ба он мафҳумро, ки ӯ инкор мекунад, Худошиносон низ инкор доранд ва инкори ӯ инкори Худо нест, балки инкори ҳамон аст, ки бояд инкор кард. Фломорюн (*Flammarion*) дар китоби "*Худо дар табиат*" мегӯяд: "*Калисо ба ин шакл Худоро муаррифӣ кард, ки: чашми росташ то чашми чапаш шаш ҳазор фарсах фосила дорад*". Бадеҳист афроде, ки аз дониш бахрае дошта бошанд – ҳарчанд бисёр мухтасар — ба чунин мавҷуде наметавонанд мӯътақид шаванд.

## Худо аз айнаки Огуст Кант

Фломорюн аз Огуст Кант, ки поягузори "позитивизм" аст матлабе нақл мекунад, ки дурнамои хубест барои нишон додани ин ки тасвире, ки донишмандоне монанди Огуст Кант дар муҳити калисоии он рӯз аз Худо доштаанд, чӣ гуна тасвире будааст. Фломорюн мегӯяд, Огуст Кант гуфтааст: "*Илм падари табиат ва коинотро аз шуғли худ мунфасил (ҷудо кард) ва ӯро ба маҳалли инзиво савқ дод ва дар ҳоле, ки аз хадамоти муваққати ӯ изҳори қадрдонӣ кард, ӯро то сарҳадди азаматаш ҳидоят намуд.*"

Мақсудаш ин аст, ки қаблан ҳар ҳодисае дар ҷаҳон пайдо мешуд, бо истинод ба Худо таълил мешуд. Масалан, касе таб мекард ва ин пурсиш ба вуҷуд меомад, ки чаро таб кардааст? Таб аз куҷо пайдо шуд? Ҷавоб ин буд, ки Худо табро оварда. Мафҳуми умумӣ аз ин ҷумла ин набуд, ки гардонандаи чархи коинот Худост ва ин ки мегӯем Худо табро овард яъне Худованд гардонандаи аслӣ ва куллии ҷаҳон аст, балки мафҳуми ин ҷумла ин буд, ки Худо монанди мавҷуди мармузе ва монанди ҷодугаре, ки ҷоду мекунад, якмартиба тасмим гирифт бидуни муқаддима таб биёфаринад ва офарид. Баъд, илм омад иллати онро кашф кард. Диданд, табро Худо наёвардааст, балки фалон навъ микроб мӯҷиби таб шудааст. Дар инҷо Худо як қадам ақибнишинӣ кард. Баъд, Худошинос маҷбур буд бигӯяд баҳсро ба микроб мунтақил мекунем. Микробро кӣ овард? Илм иллати микробро ҳам кашф кард, ки дар чӣ шароите микроб ба вуҷуд меояд. Боз дар инҷо Худо қадаме ақибтар рафт. Боз аз иллати он иллат баҳс мешуд. Ва ҳамчунин ақибнишинии Худо идома ёфт то он ҷо, ки билохира илм тавсиъа ёфт ва умумият пайдо кард ва иллати бисёре аз падидаҳо кашф шуд ва он падидаҳое ҳам, ки иллати онҳо маҷҳул монд, яқин ҳосил шуд, ки

иллате аз навъи иллатҳои шинохташуда дорад. Инҷо буд, ки башар барои ҳамеша узри Худоро хост, зеро ҷое ва мақоме барояш боқӣ намонда буд. Ҳолати Худо дар ин вақт, ҳолати корманде аст дар як муассиса, ки шуғли муҳимме ба ӯ вогузор шуда ва он гоҳ афроди шоистатаре пайдо мешаванд ва тадриҷан корҳои ӯро аз ӯ мегиранд то ҷое, ки мақоми ӯ ва машоғили ӯ якҷо гирифта мешавад ва мақоме ва ҷое барояш боқӣ намемонад. Дар ин вақт мудири муассиса меояд ва зимни қадрдонӣ аз хадамоти гузаштаи ӯ барои ҳамеша узрашро мехоҳад; иблоғи хотимаи хидматро ба дасташ медиҳад ва барои ҳамеша мураххасаш менамояд.

Огуст Кант аз Худо ба “падари табиат” таъбир кардааст. Ин таъбир дар бораи Худо нишондиҳандаи тарзи тафаккури калисои ӯст. Кант бо таълимоти калисо мухолиф аст, аммо тафаккураш дар бораи Худо, тафаккури калисоӣ буда ва натавонистааст худро аз ин тарзи тафаккур озод кунад.

Маҷмӯи гуфтаи Огуст Кант нишон медиҳад, ки Худо дар назари ӯ яъне чизе монанди ҷузъе аз ҷаҳон ва омиле дар арзи соири омилҳои ҷаҳон, вале омиле маҷҳул ва мармуз. Аз тарафи дигар, падидаҳои ҷаҳон низ бар ду қисм аст: маълум ва маҷҳул. Ҳар падидаи маҷҳулеро бояд ба он омили мармуз ва маҷҳул нисбат дод. Табъан ҳар чӣ падидаҳо дар асари илм макшуф ва маълум мегарданд, аз ҳавзаи таъсири он омили маҷҳул коста мегардад.

Ин тарзи тафаккур, тафаккури танҳо ӯ набудааст; тафаккури муҳит ва асру замони ӯ будааст.

## Мақоми худоӣ

Пас, умда ин аст, ки ба истилоҳ, мақоми улуҳиятро ташхис диҳем ва ҷо ва мақоми худоиро бишносем. Оё ҷои Худо дар ҳастӣ ва мақоми улуҳият дар олами вуҷуд ин аст, ки ӯро дар радифи яке аз мавҷудоти олам ва ҷузъе аз олам бидонем ва дар миёни корҳои ҷаҳон кореро ба ӯ ихтисос диҳем ва ба истилоҳ, тақсими кор ба амал оварем, он гоҳ дар ташхиси кори махсуси Худо, ки чист ва чӣ гуна аст, биравем бибинем дар миёни осор ва маълулот кадом асар аст, ки иллат ва сабаби он бар мо маҷҳул аст ва ҳар ҷо иллат ва сабаб маҷҳул буд, бигӯем ин яке дигар кори Худост?! Натиҷаи ин тарзи тафаккур ин аст, ки Худоро дар миёни маҷҳулоти худ ҷустуҷӯ

кунем. Табъан, ҳар чӣ бар маълумоти мо афзуда мегардад ва аз маҷҳулоти мо коста мешавад, минтақаи Худошиносии мо маҳдудтар мегардад, то ҷое, ки агар фарз кунем ҷамиъи маҷҳулоти башар як рӯз ҳал шавад, дигар ҷое барои Худо ва Худошиносӣ боқӣ намемонад.

Тибқи ин тарзи тафаккур, танҳо бархе мавҷудоти ҷаҳон оят ва ҳикоят ва оинаи вуҷуди Худованд мебошанд, ва онҳо, ҳамон мавҷудоте ҳастанд, ки иллатҳои онҳо маҷҳул аст; аммо мавҷудоти шинохташуда аз назари асбобу иллатҳо, аз қаламрави оят (нишонӣ) ва муарриф будани зоти Парвардигор хориҷанд.

Субҳоналлоҳ! Чӣ қадр ин тарзи тафаккур ғалат аст ва ин чӣ қадр гумроҳӣ аст ва чӣ қадр ноошноӣ ба мақом ва ҷойгоҳи улуҳият аст! Дар инҷо бояд таъбири Қуръонро зикр кунем, ки мефармояд:

**وَمَا قَدَرُواْ اللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِ**

*"Худоро ончунон, ки шоиста аст, тасаввур накардаанд…"* (*Сураи Анъом, ояти 91*)

Алифбои Худошиносӣ ин аст, ки ӯ Худои ҳамаи олам аст ва бо ҳамаи ашё нисбати баробар дорад. Ҳамаи ашё бидуни истисно мазҳари қудрат ва илм ва ҳикмат ва ирода ва машияти ӯянд ва оят ва ҳикояти камол ва ҷамол ва ҷалоли ӯ мебошанд. Фарқе миёни падидаҳои иллаташон маълум ва иллаташон маҷҳул дар ин ҷиҳат нест. Ҷаҳон бо ҳамаи низомот ва иллатҳо ва асбобаш якҷо қоим ба зоти ӯст. Ӯ бар замону макон тақаддум дорад. Замону замониёт ва макону макониёт, аъамм аз он ки поёндор бошанд ё бепоён, яъне аъамм аз он ки риштаи замон маҳдуд бошад ё аз азал то абад кашида шуда бошад, ва абъоди маконӣ ва фазоии ҷаҳон низ аъамм аз ин ки ба ҷое мунтаҳӣ шавад ё нашавад ва билохира доманаи мавҷудот, аъамм аз он ки дар замону макон бепоён бошад ё поёндор, мутааххир аз зот ва ҳастии ӯст ва файзе аз файзҳои ӯ ба шумор меравад.

Пас, ғояти ҷаҳолат аст, ки "калисоӣ" фикр кунем ва монанди Огуст Кант интизор дошта бошем, ки дар як гӯшаи олам зимни ҷустуҷӯ аз иллати як шайъи хосс, якмартиба вуҷуди Худоро дар он гӯша кашф кунем ва он гоҳ ҷашн бигирем ва шодмонӣ кунем, ки Худоро дар фалон ҷо пайдо кардем! Ва агар муваффақ нашудем ва пайдо накардем, бадбин шавем ва яксара вуҷуди Худовандро инкор намоем.

Баръакс, танҳо дар ин сурат аст, ки бояд мункири Худо бишавем. Яъне он Худое, ки монанди яке аз аҷзои олам аст ва зимни ҷустуҷӯҳое, ки аз падидаҳо мешавад, ӯ ҳам монанди як падида кашф мешавад, ӯ қатъан Худо нест ва бояд мункираш шуд.
Агар ба забони соддатар бихоҳем бигӯем, бояд бигӯем, ки ин гуна ҷустуҷӯ аз Худо дар олам, шабеҳи ин аст, ки соатро ба касе нишон диҳем ва бигӯем ин соат созандае дорад. Ӯ бихоҳад соатсозро дар лобалои чархҳои соат ва аҷзои он биёбад ва пас аз он ки муддате дар лобалои чархҳо ҷустуҷӯ кард ва ғайр аз аҷзои соат чизе наёфт, бигӯяд, ман соатсозро наёфтам, пас ин далели ин аст, ки соатсозе вуҷуд надорад.
Ё мисли ин аст, ки либоси дӯхтаи зебоеро ба касе нишон бидиҳанд ва бигӯянд, ин либос дӯзанда ва хайёте дорад, ва ӯ бигӯяд ман агар хайётро дар ҷайбҳои он либос пайдо кардам, вуҷудашро қабул мекунам вагарна на.
Ин тарзи тафаккур аз назари таълимоти исломӣ сад дар сад ғалат аст. Худо аз назари маорифи исломӣ дар радифи иллатҳои табиӣ нест, ки мо бигӯем ин мавҷуди хориҷиро Худо дуруст карда ё фалон иллати табиӣ? Ин тардид (яъне, ё гуфтан) ғалат ва бемаъност. Миёни Худо ва иллатҳои табиӣ тардид ва "ё" мутахаллил намешавад то суолро бад-ин гуна матраҳ кунем. Ин наҳви тафаккур, тафаккури зидди худоӣ аст. Худошиносӣ ба ин маънист, ки тамоми маҷмӯаи табиат аз аввал то ба охир, як воҳиди кор аст ва ҳама маҷмӯан кори Худост; на ин ки ҷузъе аз ин корро бигӯем оё Худо карда ё табиат, он гоҳ агар иллати онро хуб нашнохтем, бигӯем Худо карда. Ва агар иллати табиии онро шинохтем, бигӯем марбут ба табиат аст ва дигар рабте ба Худо надорад.

## Давраҳои сегонаи Огуст Кант

Огуст Кант дар мавриди давраҳои зиндагии башар тақсиме дорад, ки бо камоли таассуф камубеш пазируфта шудааст, дар сурате, ки аз назари ошноён ба фалсафаи исломӣ, сухане комилан баччагона аст. Кант мегӯяд, башар се давраро гузарондааст:
1) *Давраи раббонӣ*. Дар он давра башар ҳаводисро бо қувваҳои мовароуттабиа тавҷеҳ мекард ва иллати ҳар чизро Худо ё Худоён медонист;
2) *Давраи фалсафӣ*, ки дар он давра башар ба асли иллият пай бурда буд, аммо ҳанӯз ба тафсил иллатҳои ашёро намедонист. Чун ба асли иллият пай бурда буд, дар

бораи ҳар ҳодисае ҳукм мекард, ки иҷмолан иллате дар худи табиат дорад. Дар ин давра башар ба вуҷуди қувва дар табиат пай бурда буд ва сарбаста ҳукм мекард, ки дар табиат як силсила қувваҳо вуҷуд дорад, ки дар ҳаводис нақши аслиро бар ӯҳда дорад. Дар ин давра назар ба ин ки башар куллӣ ва фалсафӣ фикр мекард, ҷуз ин наметавонист изҳори назар кунад, ки фалон ҳодиса иллате дорад, аммо ин ки он иллат чист ва чӣ мушаххасоте дорад, посухе надошт;

3) *Давраи илмӣ*, ки дар ин давра башар ба тафсил иллатҳои ашёро дар табиат шинохтааст. Дар ин давра башар аз тафаккури куллӣ ва фалсафӣ рӯй гардонид ва равиши таҷрибӣ ва падидашиносиро пеша сохт ва падидаҳоро бо якдигар таълил кард. Барояш комилан равшан шуд, ки як робитаи занҷирӣ падидаҳоро ба якдигар марбут мекунад. Илми имрӯз ин равишро саҳеҳ медонад ва аз ин рӯ ин давраро "давраи илмӣ" мехонем.

Ин се давра, ки Огуст Кант баён кардааст, аз назари омма ва тӯдаи мардум мумкин аст саҳеҳ бошад, ба ин маънӣ, ки дар як давра мардум иллати як ҳодиса — масалан беморӣ — ро мавҷудоте номаръӣ аз қабили деву ҷин медонистанд, ҳамчунон ки алъон ҳам ҳатто дар миёни таҳсилкардаҳои урупоӣ чунин афрод ва табақоте вуҷуд доранд. Ва дар як давраи дигар, ба низомоти табиӣ пай бурда буданд ва иллати бемориро дар иллатҳое, ки бар бемор иҳота кардааст медонистанд ва иҷмолан медонистанд таъсироте аз ноҳияи табиат сабаби беморӣ шудааст, ҳамчунон ки ҳамаи касоне, ки тиб нахондаанд ва иттилооти тиббӣ надоранд, вале ба низомоти табиӣ имон доранд, табъан тасаввурашон ба ҳамин шакл аст. Ва дар давраи дигар, робитаи худи падидаҳоро аз роҳи таҷрибиёти илмӣ кашф кардаанд, ки ин ҳам тозагӣ надорад, ҳам дар қадим буда ҳам дар ҷадид, ва албатта дар давраи ҷадид, гароиши башар ба падидашиносӣ ва таълили падидаҳо ба якдигар бештар аст.

Вале тақсимбандии фикри башар ба ин наҳв ғалат аст. Агар бихоҳем давраҳои тафаккури башарро тақсимбандӣ кунем, бояд афкори мутафаккирони башарро — на тӯда ва оммаро — миқёси давраҳо қарор диҳем ва ба истилоҳ, ҷаҳонбинии афроди барҷастаи башарро дар назар бигирем. Дар инҷост, ки мебинем тақсимбандии Огуст Кант сар то по ғалат аст. Ҳаргиз андешаи башарӣ, ки

мутафаккирони ҳар даврае намояндагони он ҳастанд, инчунин се давра тай накардааст.

Яке аз адвори тафаккур ва ё ҳалқаҳои тафаккур, давра ва ҳалқаи тафаккури исломӣ аст. Аз назари методи исломӣ, ҳамаи ин тафаккурот дар як шакли хосс бо ҳам имкони иҷтимоъ доранд. Яъне дар як тарзи тафаккури хосс — ки мо онро исломӣ меномем — ҳамаи он се навъи тафаккур бо якдигар қобили ҷамъ аст. Ба иборати дигар, як фард дар они воҳид метавонад тарзи тафаккуре дошта бошад, ки ҳам илоҳӣ бошад, ҳам фалсафӣ ва ҳам илмӣ. Аз назари як мутафаккири ошно ба тафаккури исломӣ, ин матлаб матраҳ нест, ки оё иллати ҳодиса он аст, ки илм нишон медиҳад ё он аст, ки фалсафа ба сурати қувва нишон медиҳад ё иллати ҳодиса он аст, ки ба номи Худо номида мешавад.

Пас, дар инҷо ба амсоли оқои Огуст Кант бояд ёдовар шуд, ки тарзи тафаккури чаҳоруме дар ҷаҳон буда, ки шумо аз он бехабаред.

### Хушунатҳои калисо

То инҷо нақши калисоро дар гароиш ба моддигарӣ аз назари норасоии мафоҳими илоҳии калисоӣ баён кардем. Калисо аз назари дигар низ нақши муҳимме дар савқ додани мардум ба зиддихудоӣ дорад, ки аз норасоии мафоҳими илоҳии калисоӣ басе муассиртар будааст. Ва он, таҳмили ақоид ва назариёти хосси мазҳабӣ ва илмии калисо ба сурати иҷбор ва салби ҳар гуна озодии ақида дар ин ду қисмат аст.

Калисо, илова бар ақоиди хосси мазҳабӣ, як силсила усули илмии марбут ба ҷаҳон ва инсонро, ки ғолибан решаҳои фалсафии юнонӣ ва ғайриюнонӣ дошт ва тадриҷан мавриди қабули уламои бузурги мазҳаби Масеҳ қарор гирифта буд, дар радифи усули ақоиди мазҳабӣ қарор дод ва мухолифат бо он “улуми расмӣ”-ро ҷоиз намешумурд, балки ба шиддат бо мухолифони он ақоид мубориза мекард.

Мо феълан ба масъалаи озодии мазҳаб ва ақоиди мазҳабӣ ва ин ки усули ақоиди мазҳабӣ бояд озодона мавриди таҳқиқ воқеъ шавад вагарна бо руҳи мазҳаб, ки ҳидоят ва роҳнамоист мунофот дорад, коре надорем. Ин ки усули дин бояд таҳқиқӣ бошад на тақлидӣ ва ё таҳмилӣ, тезе аст, ки ислом тарафдори он аст; бар хилофи масеҳият, ки усули динро барои ақл “минтақаи мамнӯъа” эълом кардааст.

Хатои умдаи калисо дар ду ҷиҳати дигар буд: яке ин ки калисо порае мӯътақадоти илмии башарии ба мерос монда аз фалосифаи пешин ва уламои каломи масеҳиро дар радифи усули мазҳабӣ қарор дод ва мухолифат бо онҳоро мӯҷиби иртидод донист. Дигар ин ки: ҳозир набуд сирфан ба зуҳури иртидод иктифо кунад ва ҳар кас, ки собит ва муҳаққақ шуд муртад аст, ӯро аз ҷомеаи масеҳият тард кунад, балки бо навъе режими пулисии хашин дар ҷустуҷӯи ақоид ва он чи дар замири афрод аст буд ва кӯшиш мекард кучактарин нишонае аз мухолифат бо ақоиди мазҳабӣ дар фарде ё ҷамъе пайдо кунад ва бо хушунате васфношуданӣ он фард ё ҷамъро мавриди озор қарор диҳад.

Ин буд, ки донишмандон ва муҳаққиқон ҷуръат надоштанд бар хилофи он чӣ калисо онро илм медонад, биандешанд. Яъне маҷбур будандончунон биандешанд, ки калисо меандешад. Ин фишори шадид бар андешаҳо, ки аз қарни 12 то 19 дар кишварҳои Фаронса, Англистон, Олмон, Ҳуланд, Пуртуғол, Лаҳистон ва Испониё маъмул буд, табиатан аксуламали бисёр баде нисбат ба дину мазҳаб ба таври куллӣ эҷод кард.

Калисо маҳкамаҳое ба номи "Тафтиши ақоид" (*Inquisition* = *Святая инквизиция*) ба вуҷуд овард, ки номи ин маҳкамаҳо аз вазифае, ки ба ӯҳдаи онҳо гузошта шуда буд, ҳикоят мекунад.

Вил Дуронт (*Will Durant*) менависад:

*"Маҳкамаи тафтиши ақоид қонунҳо ва ойини додрасии хосси худ дошт. Пеш аз он ки девони муҳокимоти он дар шаҳре ташкил шавад, аз фарози минбари калисоҳо фармони имонро ба гӯш мерасонид ва аз мардум мехост, ки ҳар кадом, аз мулҳид ва бедин ва бидъатгузоре суроғ доранд, ба самъи аъзои маҳкамаи тафтиш бирасонанд. Онҳоро ба хабарчинӣ, ба муттаҳам сохтани ҳамсоягон, дӯстон ва хешовандон таҳризу ташвиқ мекарданд… Ба хабарчинон қавли розпӯшии комил ва ҳимоят дода мешуд ва он кас, ки мулҳидеро мешинохт ва расво намесохт ё дар хонаи хеш пинҳон медошт, ба лаъну такфиру нафрин гирифтор мегашт… Туруқи шиканҷа дар ҷоҳо ва замонҳои мухталиф мутафовит буд. Гоҳ мешуд, ки дасти муттаҳамро ба пушташ мебастанд ва сипас бо онҳо меовехтандаш. Мумкин буд, ки ӯро бибанданд чунонки натавонад ҳаракат кунад ва*

*он гоҳ чандон об дар гулӯяш бичаконанд, ки ба хафагӣ афтад. Мумкин буд, ки танобе чанд бар атрофи бозувон ва соқҳояш бибанданд ва чандон муҳкам кунанд, ки дар гӯштҳои танаш фурӯ равад ва ба устухон бирасад…"* (*Таърихи тамаддун, с.349-351*)

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

*"Шумораи қурбониён… аз соли 1480 то 1488 (яъне дар муддати 8 сол) болиг бар 8800 тан сӯхта ва 96494 тан маҳкум ба муҷозотҳои дигар, ва аз соли 1480 то 1808 болиг бар 31912 тан сӯхта ва 291450 тан маҳкум ба муҷозотҳои сангин тахмин зада шудааст…"* (*Ҳамон манбаъ, с.360*)

Ҷорҷ Сортун (*George Sarton*), мутахассис ва қаҳрамони маъруфи таърихи илм, дар китоби "*Шаш боли илм*" баҳсе таҳти унвони "*Ҷодугарӣ*" боз кардааст ва нишон медиҳад, ки калисо ба номи мубориза бо ҷодугарӣ чӣ ҷиноёте муртакиб шудааст. Менависад:

*"… Уламои илоҳӣ ва дин, огоҳона ё ноогоҳ, зандақаро бо ҷодугарӣ яке тасаввур мекарданд. Одамӣ зуд ба ин натиҷа мерасад, ки касоне, ки бо ӯ тавофуқ надоранд, мардуми баде ҳастанд. Ҷодугарон мардон ё заноне буданд, ки руҳи худро ба шайтон фурӯхта буданд. Бо фарзи ин ки зиндиқон ва баддинон низ робитае бо шайтон доранд, танбеҳ кардан ва азоб додан ба онҳо ба суҳулат ҷоиз шумурда мешуд ва мардуме, ки дар дини худ мустақим буданд, мумкин буд бо худ бигӯянд, ки ин моҷароҷӯён ва ошӯбгарон ҷодугаранд ва бояд ба ҳамин сурат бо эшон муомила шавад; на шоистаи онанд, ки имони саҳеҳ дошта бошанд ва на он ки мавриди афв қарор гиранд…"*

Ҷорҷ Сортун аз китобе ба номи "*Чаккуши соҳирон*" ном мебарад, ки тавассути ду нафар кашиши доминикӣ ба ишораи Поп Инусенти 8 (*Pope Innocent VIII, поп дар солҳои 1484-1492 мелодӣ*) навишта шуд ва дар ҳақиқат, дастуруламали тафтиши ақоиди муттаҳамон ба зандақа ва ҷодугарӣ буд. Мегӯяд:

*"Китоби "Чаккуш" дастуруламале барои роҳнамоии бозрасони ақоиди мардум буд ва ҷузъиёти тарзи кашф ва маҳкум кардан ва ба муҷозот расондани соҳирон дар он дида мешавад… Тарс аз ҷодугарон иллати аслии куштани эшон буд ва худи ин куштан сababи зиёд шудани тарс мешуд. Дар он замон як бемории равонии тӯдаӣ пайдо шуда буд, ки назири он то асри мунаввари ҳозир (асри рӯшангарӣ) дида нашуд. Сурати маҷлиси баъзе аз*

*он муҳокимот ба диққат сабт шуда ва барои мо боқӣ мондааст. Бозрасони ақида мардуми баде набуданд; худро лоақалл аз ҳадди васати мардум беҳтар мепиндоштанд. Магар на ин аст, ки лоянқатеъ барои эълои калимаи ҳақ ва номи Худо мекӯшиданд ва кор мекарданд?! Никуло Румӣ, бозраси ақидаи "Лурен" сабаби он шуд, ки 900 ҷодугарро дар зарфи муддати 15 сол (1575-1590) ба оташ бисӯзонанд. Вай марди бовиҷдоне буд! Ва дар охири умр аз он ҷиҳат, ки аз куштани чанд кӯдак чашм пӯшида буд, худро гуноҳкор эҳсос мекард: магар касе ҳақ дорад аз куштани баччаи афъӣ худдорӣ кунад?! Усқуф Бинзфалд фармони марги 6500 нафарро содир карда буд…"*

Он гоҳ менависад:

*"Ҳангоме, ки бозрасони ақида ба ноҳияи тозае дармеомаданд, эълон мекарданд, ки ҳар кас нисбат ба соҳире мазнун аст иттилооти худро бидиҳад. Агар касе иттилооти худро махфӣ мекард, дар маърази он қарор мегирифт, ки вайро табъид кунанд ва маблаге ба унвони ҷарима аз вай биситонанд. Додани иттилоъ дар ин замина унвони таклиф ва вазифа дошт ва касоне, ки хабар медоданд, номашон ифшо намешуд. Ашхоси муттаҳамро — ки мумкин буд дар миёни онон касоне буда бошанд, ки душманони шахсӣ беҷиҳат дар ҳаққи эшон хабарчинӣ кардаанд — аз ҷурме, ки ба эшон нисбат дода шуда ва аз далоили он ҷурм бехабар мегузоштанд. Чунон фарз ва қабул мешуд, ки ин мардум гуноҳкор ва базаҳкоранд ва бар эшон буд, ки гуноҳкории худро собит кунанд. Доварон ҳар гуна василаи фикрӣ ва баданиро барои водор кардани эшон ба эътироф ба гуноҳ ва шиносондани ҳамдастони худ ба кор мебурданд. Барои ташвиқи муттаҳамин ба эътироф, ваъдаи бахшиш ё тахфиф ба эшон медоданд. Вале он доварон чунон мепиндоштанд, ки барои вафо кардан ба аҳде, ки бо ҷодугарон ва баддинон бастаанд, ҳеч илзоми ахлоқӣ надоранд ва ин ваъдаро барои муддати мухтасаре, ки дар он фосила муттаҳам он чӣ гуфтанӣ аст бигӯяд, муроъот мекарданд. Ҳар амали хориҷ аз ҳудуди шарофатмандиро, ки нисбат ба он муттаҳамон анҷом мешуд, чун ба манзури муқаддасе медонистанд, раво медоштанд. Ҳар чӣ бештар мардумро азобу шиканҷа медоданд, ин корро заруритар тасаввур мекарданд. Инҳо, ки гуфтем, мумкин аст ба осонӣ бо муроҷиа ба "Чаккуш" ва китобҳои дигар ва низ ба сурати муҷассамтар бо мутолеаи сурати маҷлисҳои муҳокимот, ки ададашон фаровон аст, таъйид шавад…"* (Шаш боли илм, с.296-297)

Ҷорҷ Сортун пас аз се чаҳор сафҳа баҳс дар ин замина, мегӯяд:

*“Эътиқод ба ҷодугарӣ ба ростӣ як бемории димоғӣ буд, ки аз сифлис хатарноктар буд ва сабаби марги ваҳшатангези ҳазорон марду зани бегуноҳ шуд. Аз он гузашта, таваҷҷӯҳ ба ин амр ҷанбаи торике аз ренусонсро нишон медиҳад, ки маъмулан фиребандагии он аз чизҳои дигаре, ки маъмулан дар бораи ин давра гуфта мешавад камтар аст, вале донистани он барои фаҳми саҳеҳи ҳаводиси ин давра зарурат дорад. Ренусонс давраи тиллоии ҳунар ва адабиёт буд, вале дар айни ҳол, давраи адами тасомуҳи динӣ ва қасоват ва бераҳмӣ низ буд. Номардумии он давра ба андозае аст, ки ҷуз дар замони ҳозир дар ҳеч даврае чунин набудааст…” (Ҳамон манбаъ, с.303*)

Мазҳаб, ки мебоист далели ҳидоят ва паёмовари муҳаббат бошад, дар Урупо ба ин сурат даромад, ки мушоҳида мекунем. Тасаввури ҳар кас аз дину Худову мазҳаб, хушунат буду ихтиноқу истибдод. Бадеҳист, ки аксуламали мардум дар муқобили чунин равише ҷуз нафйи мазҳаб аз асос ва нафйи он чизе, ки пояи аввалии мазҳаб аст, яъне Худо, наметавонист бошад. Ҳар вақт ва ҳар замон, ки пешвоёни мазҳабии мардум — ки мардум дар ҳар ҳол онҳоро намояндаи воқеии мазҳаб тасаввур мекунанд — пӯсти паланг мепӯшанд ва дандони бабр нишон медиҳанд ва мутавассил ба такфиру тафсиқ мешаванд, махсусан ҳангоме, ки ағрози хусусӣ ба ин сурат дармеояд, бузургтарин зарбат бар пайкари дину мазҳаб ба суди моддигарӣ ворид мешавад.

## Норасоии мафоҳими фалсафии Ғарб

Дуввумин иллате, ки дар мавриди гароишҳои моддии дастаҷамъӣ дар ҷаҳони Ғарб бисёр қобили аҳаммият аст, норасоии мафоҳими фалсафии Ғарб аст.

Ҳақиқат ин аст, ки Ғарб дар он чӣ ҳикмати илоҳӣ номида мешавад, бисёр ақиб аст. Ва шояд иддае натавонанд бипазиранд, ки Ғарб ба фалсафаи илоҳии Машриқ ва хусусан фалсафаи исломӣ нарасидааст. Бисёре аз мафоҳими фалсафӣ, ки дар Урупо сару садои зиёде бапо мекунад, аз ҷумлаи масоили пеши по уфтодаи фалсафаи исломӣ аст. Дар тарҷумаҳои фалсафаи ғарбӣ ба матолиби музҳике бармехӯрем, ки ба унвони матолиби фалсафӣ аз файласуфони бисёр бузурги Урупо нақл шудааст, ва ҳам ба матолибе бармехӯрем, ки мебинем файласуфон дучори бархе мушкилот

дар масоили илоҳӣ будаанд ва натавонистаанд онҳоро ҳал кунанд. Яъне меъёрҳои фалсафиашон норасо будааст. Бадеҳист, ки ин норасоиҳо заминаи фикриро ба нафъи материализм омода мекардааст.

### Мушкили "иллати нахустин"

Яке аз масоиле, ки хуб аст ба унвони намуна зикр кунем, достони фалсафии "иллати нахустин" дар фалсафаи Ғарб аст. Ҳарчанд матлаб қадре душвор аст, аммо умедворам хонандагон қадре таҳаммул дошта бошанд.

Ҳегел аз файласуфони бузург ва маъруфи ҷаҳон аст, ки ҳаққан бузургиашро набояд инкор кард ва дар суханони вай матолиби саҳеҳ бисёр аст. Матлабе аз ин файласуфи бузург дар бораи яке аз муҳимтарин масоили илоҳиёт нақл мекунем ва сипас онро бо он чӣ дар фалсафаи исломӣ омада муқоиса мекунем. Он матлаб дар бораи иллати нахустин, яъне дар бораи зоти "воҷибулвуҷуд" аст аз он ҷиҳат, ки нахустин иллати мавҷудот аст. Ҳегел мегӯяд:

*"Дар ҳалли муаммои ҷаҳони офариниш, ба дунболи иллати фоъилӣ набояд биравем; зеро аз тарафе зеҳн ба тасалсул розӣ намегардад ва ночор иллати нахустин мехоҳад, ва аз тарафе, чун иллати нахустинро дар назар гирифтем, муаммо ҳал нагашта ва табъ қонеъ намегардад ва ин мушкил боз боқист, ки иллати нахустин чаро иллати нахустин шудааст? Барои ин ки муаммо гушуда шавад, бояд гоят ё ваҷҳ ва далели вуҷудро дарёбем; зеро агар донистем барои чӣ мавҷуд шудааст, ва ба иборати дигар, чун маълум шуд, ки амре маъқул аст, табъ қонеъ мешавад ва иллати дигаре намеҷӯяд, ва равшан аст, ки ҳар чиз тавҷеҳ лозим дорад, аммо худи ваҷҳ, тавҷеҳ намехоҳад."*

Шореҳини каломи ӯ натавонистаанд муроди ӯро тавҷеҳ кунанд, вале шояд битавон бо диққат донист, ки дарди ин мард чӣ будааст.

Агар бихоҳем матлабро ба забони фалсафаи худамон тавре тақрир кунем, ки бо назари Ҳегел мунтабиқ шавад ва лоақал наздик гардад, бояд бигӯем, Худоро ба сурати амре, ки мустақиман мавриди қабули зеҳн аст — на ба сурати амре, ки зеҳн бо навъе иҷбор мулзам гардад онро бипазирад — бояд пазируфт. Фарқ аст миёни матлабе, ки зеҳн мустақиман лиммият (чароӣ)-и онро дарк мекунад ва пазиришаш як пазириши табиӣ аст ва миёни ин ки матлаберо аз он ҷиҳат бипазирад, ки

бутлони нуқтаи муқобили он матлаб ӯро мулзам мекунад; ва дар ҳақиқат, аз он ҷиҳат мепазирад, ки ҷавобе надорад ба далеле, ки бар бутлони нуқтаи муқобили он иқома шудааст бидиҳад. Ва аз тарафе, вақте, ки нуқтаи муқобили як матлаб ба ҳукми бурҳон ботил шинохта шуд, табъан ва иҷборан худи он матлабро бояд пазируфт. Чун мумкин нест ҳам нуқтаи муқобили як матлаб нодуруст бошад ва ҳам худи он матлаб, балки аз ду нақиз якеро бояд пазируфт. Бутлони яке аз ду нақиз, далели сиҳҳат ва дурустии нақизи дигар аст.

Пазируфтани матлабе ба далели бутлони нақизи он матлаб, навъе илзом ва иҷбор барои зеҳн ба вуҷуд меоварад, вале қаноат намеоварад. Ва фарқ аст миёни иҷбор ва илзоми зеҳн бо иқноъ ва ирзои он. Бисёр иттифоқ меафтад, ки инсон дар муқобили як далел сокит мешавад, аммо дар умқи виҷдони худ навъе шакку тардид нисбат ба муддао эҳсос мекунад.

Ин тафовутро миёни "бурҳони мустақим" ва "бурҳони хулф" мебинем. (*Бурҳони хулф яъне ин аст, ки барои он ки собит кунем қазия дуруст аст, собит мекунем, ки хилофи он қазия, яъне нақизи он, нодуруст аст. С.И.*) Гоҳе зеҳн аз "муқаддима" ва "ҳадди васат" ба таври табиӣ ва оддӣ ва огоҳона убур мекунад ва ба "натиҷа" мерасад. (*Ҳадди васат яъне ҳадди муштарак миёни муқаддимоти қиёс, ки дар ҳар ду муқаддима такрор мешавад ва ду ҳадди дигари қиёс (суғро ва кубро)-ро дар натиҷа ба ҳам пайванд медиҳад. С.И.*) "Натиҷа" мавлуди мустақими "ҳадди васат" аст, ончунон ки дар бурҳонҳои "лиммӣ" мушоҳида мешавад. Дар ин гуна бурҳонҳо зеҳн ба таври табиӣ натиҷаро аз муқаддимот истинтоҷ мекунад. Натиҷа барои зеҳн ҳукми фарзандеро дорад, ки ба таври табиӣ аз падару модар мутаваллид мешавад. Аммо "бурҳони хулф" чунин нест, ҳатто "бурҳон иннӣ" низ чунин нест. Дар "бурҳони хулф", зеҳн ба ҳукми иҷбор натиҷаро қабул мекунад. Ҳолати зеҳн ҳолати касест, ки дар муқобили як қувваи қаҳрия қарор гирифта ва наметавонад сарпечӣ кунад; аз он ҷиҳат мепазирад, ки наметавонад рад кунад.

Дар ин гуна бурҳонҳо чун аз ду тарафи эҳтимол, як тараф бо далел ботил мешавад, зеҳн маҷбур аст тарафи дигарро бипазирад. Он тарафи дигар, ки мавриди қабули зеҳн воқеъ шудааст, аз ин ҷиҳат мавриди қабули зеҳн аст, ки тарафи мухолиф рад

шуда ва аз ду тараф яке бояд мақбул бошад ва мумкин нест ҳар ду тараф мардуд бошад, зеро мусталзими иртифоъи нақизайн аст; пас, ин тарафро илзоман ва иҷборан қабул мекунад, пас, пазириши ин тараф як пазириши иҷборӣ аст, на табиӣ.

Ҳегел мехоҳад бигӯяд, ин ки ба дунболи иллати нахустин меравем ва онро қабул мекунем, аз навъи дуввум аст. Зеҳн мустақиман иллати нахустинро дарк намекунад, балки барои парҳез аз тасалсул онро мепазирад. Ва аз он тараф мебинад, ки ҳарчанд аз ҳукми "имтиноъи тасалсул" (маҳол будани тасалсул) наметавон сарпечӣ кард, аммо наметавон дарк кард, ки фарқи иллати нахустин бо соири иллатҳо чист, ки онҳо ниёзманд ба иллатанд ва ӯ бениёз аз иллат аст?! Ё ба иборати худи Ҳегел, наметавон фаҳмид, ки чаро иллати нахустин иллати нахустин шудааст?! Вале агар ба дунболи ваҷҳ ва ғоят биравем, мерасем ба ваҷҳ ва ғояте, ки ваҷҳ ва ғоят будани он айни зоти ӯст ва эҳтиёҷе ба ваҷҳ ва ғояти дигар надорад.

Назири он чӣ Ҳегел дар боби иллати нахустин гуфтааст Конт (*Immanuel Kant*) ва Спенсер (*Herbert Spencer*) низ гуфтаанд. Спенсер мегӯяд:

"*Мушкил ин ҷост, ки ақли башар аз як тараф барои ҳар амре иллат меҷӯяд, ва аз тарафи дигар аз давру тасалсул имтиноъ дорад. Иллати беиллатро ҳам на меёбад ва на фаҳм мекунад, чунонки кашиш чун ба кӯдак мегӯяд дунёро Худо халқ кардааст, кӯдак мепурсад Худоро кӣ халқ кардааст?*"

Ва ҳамчунин назири инҳо ва балки бепоятар аз инҳост он чӣ Жан Пол Сартр (*Jean-Paul Sartre*) дар ин бора гуфтааст. Вай ба нақли Поул Фулкие (*Paul Foulquié*) дар бораи иллати нахустин мегӯяд:

"*Таноқуз аст ин ки вуҷуди худаш иллати худаш бошад.*"

Поул Фулкие дар тавзеҳи гуфтаи Сартр чунин мегӯяд: "*Бурҳони мазбур, ки Сартр онро ташреҳ намекунад, маъмулан инчунин арза мегардад: агар иддао кунем, ки худ вуҷуди хешро поя гузордаем, бояд инро низ бовар дошт, ки пеш аз вуҷуди худ вуҷуд доштаем, ва ин ҳамон таноқузи ошкорест, ки рух мегушояд.*" (*Пол Фулкия, Экзистенциализм, с.96*)

* * *

Акнун бояд бибинем тасвири воқеии назарияи “иллати нахустин” аз назари фалсафӣ чӣ гуна аст? Оё ба ин шакл аст, ки Жан Пол Сартр ва гурӯҳе дигар фарз кардаанд, ки як шайъ ба вуҷудоварандаи худ бошад ва ба истилоҳ, поягузори вуҷуди худ бошад, ки лозимааш ин аст як шайъ худаш иллати худаш ва маълули худаш бошад? Ва ё маънии иллати нахустин он аст, ки Конт ва Ҳегел ва Спенсер тасаввур кардаанд, яъне мавҷуде, ки дар бораи ӯ истисное дар қонуни иллият сурат гирифтааст; яъне бо он ки ҳар чизе ниёзманд ба иллат аст ва мумкин нест бидуни иллат бошад, истисноан иллати нахустин чунин нест? Ва оё имтиноъи тасалсул, ки моро мулзам мекунад ба қабули иллати нахустин, мулзам мекунад ба ин ки қабул кунем як чизе худаш иллати худаш аст? Оё зеҳни мо барои фирор аз як маҳол, мулзам мегардад ба қабули як маҳоли дигар? Чаро? Агар биност зеҳн маҳолро напазирад, ҳеч маҳолеро намепазирад. Чаро истисно қоил шавад?!

Мутобиқи тасвири Сартр, иллати нахустин низ монанди ҳамаи ашё ниёзманд ба иллат аст, вале ин ниёзро худаш барои худаш бармеоварад. Аммо мутобиқи тасвири Конт ва Ҳегел ва Спенсер, дар миёни ашёе, ки ҳама аз назари ақл монанди ҳам ҳастанд, якеро илзоман ва барои фирор аз имтиноъи тасалсул, бояд истисно кунем ва бигӯем, ҳамаи ашё ниёзманд ба иллатанд ҷуз яке, ва он яке ҳамон иллати нахустин аст. Аммо ин ки чӣ фарқе миёни иллати нахустин ва соири ашё аст, ки ҳамаи онҳо ниёзманд ба иллатанд ва он яке мавриди истисно воқеъ шудааст, ҷавоб ин аст, ки аз назари ақл ҳеч фарқе нест; танҳо барои фирор аз тасалсули мумтанеъ маҷбурем якеро бениёз аз иллат фарз кунем.

Дар ин тасвир фарз нашуда, ки иллати нахустин ниёзманд ба иллат аст, вале худаш ниёзи худашро баровардааст (чунонки дар тасвири Сартр инчунин буд), балки фарз шуда, ки иллати нахустин ниёз ба иллате, ки ӯро ба вуҷуд оварад надорад; яъне иллати нахустин, аз ин қоида мустасност. Аммо ин ки чаро ниёз надорад, чаро мустасно аст, маълум нест.

Тасвири аввал бисёр кӯдакона аст. Ҳеч файласуф ва нимафайласуф ва ҳатто аксари инсонҳои оммӣ чунон тасвире аз Худо надорад. Андаке дар бораи тасвири дуввум баҳс мекунем ва зимнан тасвири саҳеҳи онро ба даст медиҳем.

* * *

Аз назари мо, тардиду шакки амсоли Конт ва Ҳегел ва Спенсер дар бораи “иллати нахустин”, ба ду матлаби асосии фалсафӣ бастагӣ дорад, ки ҳеч кадом аз онҳо дар фалсафаи Ғарб ҳал нашуда будааст. Он ду масъалаи асосӣ, яке масъалаи “асолати вуҷуд” аст ва дигар масъалаи “маноти (меъёри) эҳтиёҷ ба иллат” аст.

Акнун ҷои баҳсу тавзеҳ дар бораи “асолати моҳият” ва ё “асолати вуҷуд” — ки нуқтаи муқобили он аст — нест; аммо ҳамин андоза тавзеҳ медиҳем, ки бино бар асолати моҳият — он ҳам бо як назари ибтидоӣ ва ғайриамиқ, яъне бо ин фарз, ки Худо низ монанди дигар зотҳо дорои моҳияте ва вуҷуде аст (ки албатта ҳатто ба назари тарафдорони асолати моҳият низ сухане мардуд аст ва онҳо низ зоти Худоро вуҷуди маҳз медонанд) — ҷои ин пурсиш ҳаст, ки чаро ҳар зоте иллат мехоҳад ва зоти Худо иллат намехоҳад? Чаро як зот “воҷибулвуҷуд” аст ва зотҳои дигар “мумкинулвуҷуд”? Магар на ин ки ҳамаи зотҳо моҳиятҳое ҳастанд, ки вуҷуд бар онҳо ориз гаштааст? Лекин бино бар “асолати вуҷуд” — ки қаҳрамони он, аз назари исботи фалсафӣ ва иқомаи бурҳонҳо, Садрулмутаалliҳини Шерозӣ аст — тарзи тафаккур иваз мешавад.

Бино бар назарияи аввал (асолати моҳият), тасвири мо дар бораи ашё чунин хоҳад буд, ки зоти онҳо чизе аст, ки ба худии худ ғайри “ҳастӣ” аст ва “ҳастӣ”-ро як мавҷуди дигар бояд ба ӯ ифоза намояд. Мо он мавҷуди дигарро “иллат” меномем. Аммо бино бар асолати вуҷуд, зоти ҳақиқии ашё ҳамон баҳраи онҳо аз ҳастӣ аст ва ҳастӣ зоте нест, ки як мавҷуди дигар бихоҳад ба он ҳастӣ бидиҳад. Пас, агар лозим бошад, ки иллати хориҷӣ чизеро ба ашё ифоза намояд, он чиз ҳамон зоти ашё аст, ки айни ҳастӣ аст, на як амри ориз ва илова бар зоти ашё.

Он гоҳ матлаби дигаре матраҳ мешавад, ва он ин ки: оё ҳастӣ аз он ҷиҳат, ки ҳастӣ аст — яъне дар ҳар либос ва дар ҳар мазҳар ва дар ҳар мартиба бошад — лозим аст, ки аз ноҳияи як мавҷуди дигар ифоза шавад? Ва лозимаи ин матлаб ин аст, ки вуҷуд аз он ҷиҳат, ки вуҷуд аст, айни ифоза ва айни файз ва айни вобастагӣ ва таъаллуқ ва айни асар будан ва муаххар будан аст ва қаҳран айни маҳдудият аст, ё ҷиҳати дигаре дар кор аст?

Посух ин аст, ки ҳақиқати ҳастӣ — ки дар айни доро будани маротиб ва мазоҳири мухталиф, як ҳақиқат беш нест — ҳаргиз эҷоб намекунад эҳтиёҷ ба шайъи дигарро; зеро маънии эҳтиёҷ дар ҳастӣ (бар хилофи эҳтиёҷе, ки қаблан дар моҳиятҳо фарз мешуд) ин аст, ки ҳастӣ айни эҳтиёҷ бошад, ва агар ҳақиқати ҳастӣ айни эҳтиёҷ бошад, лозим меояд таъаллуқ ва вобастагӣ дошта бошад ба ҳақиқате дигар ғайри худ, ва ҳол он ки барои ҳастӣ ғайр ва мовароe тасаввур надорад. Ғайри ҳастӣ нестӣ аст ва моҳият аст, ки он низ бар ин фарз "эътиборӣ" аст ва баробари нестӣ. Пас, ҳақиқати ҳастӣ аз он ҷиҳат, ки ҳақиқати ҳастист, эҷоб мекунад истиқлол ва ғино ва бениёзӣ ва адами вобастагӣ ба ғайри худро ва ҳам эҷоб мекунад итлоқ ва раҳоӣ ва ломаҳдудиятро. Яъне эҷоб мекунад, ки ба ҳеч ваҷҳ адам ва салб дар ӯ роҳ надошта бошад. Ниёз ва фақр ва вобастагӣ ва ҳамчунин маҳдудият ва тавъам бо нестӣ будан, аз эътиборе дигар ғайр аз сирофати ҳастӣ ношӣ мешавад; ношӣ аз тааххур ва маълулият аст. Яъне ҳастӣ аз он ҷиҳат, ки ҳастӣ аст — қатъи назар аз ҳар эътибори дигар — эҷоб мекунад истиғно ва истиқлол аз иллиятро. Аммо ниёзмандӣ ба иллат, ва ба иборати дигар, ин ки ҳастӣ дар марҳила ва мартибае ниёзманд ба иллат бошад, аз он ношӣ мешавад, ки айни ҳақиқати ҳастӣ набошад то аз зоти Ҳақ ба сурати як файз судур ёбад. Лозимаи файз будан, тааххур ва ниёзмандӣ аст, балки ба ҳақиқат, чизе ҷуз он нест.

Аз инҷо мефаҳмем, ки бино бар "асолати вуҷуд" агар назари ақлро ба ҳақиқати ҳастӣ бидӯзем, дар онҷо бениёзӣ ва истиғно ва аввалият мебинем, ва ба иборати дигар, ҳақиқати ҳастӣ мусовӣ аст бо вуҷуби зотӣ, ва ба таъбире, ки Ҳегелро писанд ояд, ваҷҳи маъқули ҳақиқати ҳастӣ бениёзӣ аз иллат аст. Ниёз ба иллат аз эътиборе илова бар ҳақиқати ҳастӣ пайдо мешавад, ки ҳамон тааххур ва маҳдудият аст, ва ба таъбире дигар, ниёз ба иллат айни тааххури мартибаи ҳастӣ аз ҳақиқати ҳастист, ва ба таъбире мутаносиб бо таъбири Ҳегел, ниёз ба иллат ваҷҳи ғайримаъқули ҳастӣ аст.

Ин аст маънии ин ки мегӯянд (ва ба таъбири Ибни Сино), сиддиқин чун ба ҳақиқати вуҷуд менигаранд ва ҳастиро қатъи назар аз ҳар қайду изофае таҳти мутолеа қарор медиҳанд, аввалин чизе, ки кашф мекунанд, зоти воҷибулвуҷуд ва иллати нахустин

аст; сипас аз зоти воҷибулвуҷуд ба осор ва маълулоташ, ки ҳастии маҳз нестанд ва ҳастиҳои маҳдуд ва тавъам бо адаманд, истидлол мекунанд. Ва ин аст маънии ин, ки дар ин мантиқ ҳеч чизе воситаи исботи зоти Ҳақ нест; зоти Худо худ гувоҳ бар вуҷуди хеш аст:

شَهِدَ اللّهُ أَنَّهُ لاَ إِلَهَ إِلاَّ هُوَ وَالْمَلاَئِكَةُ وَأُوْلُواْ الْعِلْمِ

(*"Худо гувоҳӣ медиҳад, ки ҷуз Ӯ ҳеч маъбуде нест ва фариштагони ӯ ва донишварон низ…"*

*(Сураи Оли Имрон, ояти 18*)

*Офтоб омад далели офтоб,*

*Гар далелат бояд, аз вай рух матоб.*

*Аз вай ар соя нишоне медиҳад,*

*Шамс ҳар дам нури ҷоне медиҳад.*

*(Мавлоно*)

Аз инҷо маълум мешавад, ки чӣ қадр пуч аст сухани касе, ки мегӯяд: фарзи иллати нахустин мусталзими таноқуз аст, зеро мусталзими ин аст, ки як шайъ худаш поягузори вуҷуди худаш бошад ва худаш қабл аз худаш вуҷуд дошта бошад! Ва ҳамчунин сухани касе, ки мегӯяд: фаразан бо далел исбот кунем, ки ҳама чизро иллати нахустин ба вуҷуд овардааст, ин суол боқист, ки худи иллати нахустинро чӣ чиз ба вуҷуд овардааст? Ва иллати нахустин як истисноѝ бидуни далел аст.

## Тавзеҳи ҷаҳон бо далел ва на иллат

Ҳегел мӯътақид шуд, ки тавзеҳи ҷаҳон аз роҳи иллати нахустин, хоҳ ин иллатро зеҳн бидонем ё модда ё Худо, номумкин аст; зеро худи иллати нахустин тавзеҳнопазир аст. Пас, бояд барои тавзеҳи ҷаҳон роҳи дигаре ҷустуҷӯ кард. Вай гуфт, нахуст бибинем "тавзеҳ" чист?

*"Маъмулан ҳангоме, мегӯем, ки амри бахусусе барои мо тавзеҳ дода шудааст, ки иллати он кашф шуда бошад. Ва агар натавонем он иллатро муайян кунем, мегӯем, ки он амр бе тавзеҳ мондааст… Вале коинотро ба ин шева наметавон тавзеҳ дод. Агар чунин фарз шавад, ки коинот иллате дорад, он иллат ё худ маълули иллати пешинӣ аст ва ё нест. Ё занҷираи иллатҳо то бениҳоят вопас меравад, ва ё дар ҷое метавон иллатулилал (иллати иллатҳо) ё иллати нахустиниро ёфт, ки маълули ҳеч иллати пешинӣ набошад. Агар ин*

*занҷира поённопазир бошад, ёфтани тавзеҳи гоӣ ва ниҳоӣ номумкин аст. Ва агар иллати нахустин дар кор аст, ин иллати нахустин худ амре тавзеҳнопазир аст… Тавзеҳи коинот ба ёрии чизе, ки худ розе гоӣ аст, бе гумон ҳеч мушкилеро ҳал нахоҳад кард." (Волтер Стас (Walter Stace), Фалсафаи Ҳегел, тарҷумаи дуктур Ҳамиди Иноят, с.68*)

Ҳегел баъд гуфт, асли иллият на танҳо коинотро наметавонад тавзеҳ диҳад, ҳатто аз тавзеҳи умури ҷузъӣ низ оҷиз аст, зеро тавзеҳи як чизе иборат аст аз баёни робитаи мантиқии он чиз бо чизи дигар. Ҳар гоҳ чизе аз чизе мантиқан истинтоҷ шавад, ба василаи он чиз тавзеҳ дода шудааст.

Масалан он гоҳ, ки медонем зовияи A мусовӣ бо зовияи B аст ва зовияи B мусовӣ бо зовияи C аст, мантиқан натиҷа мегирем, ки зовияи A мусовии зовияи C аст. Зеҳн дармеёбад, ки заруратан бояд чунин бошад ва наметавонад чунин набошад, яъне маҳол ва мумтанеъ аст, ки чунин набошад. Ин ҷост, ки мусовӣ будани зовияи A бо зовияи C ба ёрии ду муқаддима тавзеҳ дода шудааст. Он ду муқаддима, "далел"-и мусовӣ будани зовияи A бо зовияи C аст, на "иллат"-и он.

Аммо иллият чизеро тавзеҳ намедиҳад. Иллият танҳо як "қазияи вуҷудӣ"-ро баён мекунад, на як "қазияи зарурӣ"-ро; зеро иллият аз таҷриба ба даст меояд, на аз истинтоҷи ақлӣ. Масалан, ба таҷриба дарёфтаем, ки об дар асари ҳарорат бухор мешавад ва дар асари сармо мунҷамид мегардад. Аз ин рӯ мегӯем, ҳарорат иллати бухор шудан, ва сармо иллати мунҷамид шудани об аст. Аммо ҳаргиз зеҳни мо ҳукм намекунад, ки заруратан ва мантиқан бояд чунин бошад. Фаразан мо дар таҷриба акси онро дарёфта будем, яъне ҳамеша об дар ҳарорат мунҷамид мешуд ва дар сармо бухор мегашт, аз назари зеҳни мо фарқе намекард. Пас, ин фарз аз назари зеҳн амре мумтанеъ ва маҳол нест; ба хилофи мусовӣ набудани зовияи A бо зовияи C дар мисоли гузашта, ки фарзи амре маҳол ва мумтанеъ аст. Иллият тавзеҳ намедиҳад, ки он чӣ маълул аст, бояд маълул бошад ва мантиқан бояд чунин бошад, ва он чӣ иллат аст мантиқан бояд иллат бошад. Пас, ҷаҳонро аз тариқи "далел" бояд тавзеҳ дод, на аз тариқи "иллат" . Фарқи далел ва иллат ин аст, ки иллат чизе "мунфарид" аст, яъне вуҷуде мустақил аз маълули худ дорад, бар хилофи далел, ки чизе "мунфарид" ва вуҷуде мустақил аз мадлул нест. Масалан, мусовӣ будани

зовияи А бо зовияи В, ва мусовӣ будани зовияи В бо зовияи С далели мусовӣ будани зовияи А бо зовияи С аст. Вале ин далелҳо дар хориҷ вуҷуде мустақил ва ҷудо аз маддлули худ надоранд, ончунон, ки иллатҳо вуҷудҳои мустақил аз маълулоти худ мебошанд.

**Ваҳдати зеҳну айн**

Ҳегел он гоҳ ба асли дигаре мепардозад, ки аз он, ба асли "ваҳдати шиносоӣ ва ҳастӣ" ва ё асли "ваҳдати зеҳну айн" ва ё асли "ваҳдати ақлу хориҷ" таъбир мешавад. Вай кӯшиш дорад девори дугонагии зеҳну айнро фурӯ резад. Аз назари Ҳегел, зеҳн ва айн ду ҳақиқати аз ҳам мустақил ва бегона нестанд, яъне монанди ду шайъи комилан мутафовит нестанд, ки дар баробари якдигар қарор гирифта бошанд, балки ҳар ду яке ҳастанд, зеро ду рӯйи гуногуни як ҳақиқатанд. Ҳикмати эътиқод ба ин ҳукм ин аст, ки агар онро напазирем, масъалаи ин ки маърифат чӣ гуна мумкин мегардад, зоҳиран ғайри қобили қабул хоҳад буд. (*Ҳамон манбаъ, с. 97*)

Ҳегел бар асоси ин ду асл, яке ин ки "далел" метавонад ҷаҳонро тавзеҳ диҳад, на "иллат", ва дигар асли "ваҳдати шиносоӣ ва ҳастӣ" (ваҳдати илм ва маълум), фалсафаи худро оғоз мекунад ва аз нахустин далел, ки ба гумони ӯ "ҳастӣ" аст оғоз мекунад ва аз "ҳастӣ" "нестӣ"-ро истинтоҷ менамояд ва аз он ба "шудан", ки мафҳуми ҳаракат аст мерасад, ва ба ин тартиб диалектики худро идома медиҳад.

* * *

Мо дар инҷо наметавонем ба нақди фалсафаи Ҳегел ва решаи иштибоҳоти ӯ бо меъёрҳои фалсафии исломӣ, ки достоне дилкашу тӯлонист бипардозем. Инҷо ҳамин қадр ишора мекунем, ки бино бар фалсафаи "асолати вуҷуд" ва бо таваҷҷӯҳ ба бурҳони хосси "сиддиқин" (бурҳони Бӯалӣ Сино), ин ҷудоӣ, ки Ҳегел миёни иллат ва далел ("лимми субутӣ" ва "лимми исботӣ") фарз карда, ҳама нақши бар об мешавад. Иллати нахустин бино бар ин фалсафа, ҳам "худсомон" аст ва бениёз аз иллат, ва ҳам "худпайдо" ва бениёз аз далел; ҳам иллати ҳамаи ашё ва ҳам далели онҳо ва тавзеҳдиҳандаи онҳо.

Барои ҳалли масъалаи маърифат (масъалаи шинохт) низ ниёзе ба асли "ваҳдати шиносоӣ ва ҳастӣ" — ончунон, ки Ҳегел фарз карда — нест. Масъалаи маърифат ва

шинохт, ки аз мушкилтарин ва печидатарин масоили фалсафист, роҳи ҳалли дигаре дорад. Шарҳи ин ду матлабро ба ҷои дигар мавкул мекунем.

Тавзеҳ додем, ки бино бар “асолати вуҷуд” ин суол, ки иллати нахустин чаро иллати нахустин шудааст, ба куллӣ бемаъни аст. Акнун мегӯем, ҳатто бино бар “асолати моҳият” низ ин суол боқӣ нест; зеро суол вақте боқист, ки илзоман фарз кунем зоти воҷибулвуҷуд ҳам монанди соири зотҳо моҳияте дорад ва вуҷуде, ки ориз бар он моҳият шудааст. Аммо илзоме ба чунин фарзе надорем, балки илзом бар хилофи он аст. Яъне, ҳамин ки ба ҳукми имтиноъи тасалсул ночорем вуҷуди иллати нахустинро, ки воҷибулвуҷуд аст бипазирем, ба ҳукми ин ки воҷибулвуҷуд наметавонад ҳақиқате мураккаб аз моҳият ва вуҷуд бошад, ҳукм мекунем, ки ӯ вуҷуди маҳз (“иннияти сирф”) аст ва табъан суоли мо мунтафӣ мешавад.

Ин истидлол, бино бар “асолати моҳият” низ истидлоли тамоме аст. Афроде назири Бӯалӣ Сино аз ҳамин роҳ рафтаанд. Суоле агар боқӣ бимонад, дар ҷои дигар аст, ва он ин ки агар ҳақиқати зоти воҷиб, вуҷуди маҳз аст, ҳақиқати соири ашё чист? Оё ҳақиқати соири ашё моҳияти онҳост ва вуҷуд дар онҳо амри эътиборӣ аст ва дар натиҷа ҷаҳони ҳастӣ ду ҳақиқатист, ва ё ҳақиқат дар соири ашё низ ҳамон баҳраи онҳо аз вуҷуд аст?

Посухи саҳеҳи ин суол ба он аст, ки шиққи дуввумро интихоб кунем, ва ин ҳамон “асолати вуҷуд” аст.

Ва албатта амсоли Ибни Сино мункири асолати вуҷуд набудаанд. Дар замони онҳо ҳанӯз масъалаи асолати моҳият ва асолати вуҷуд дар миёни фалосифа ва ғайри фалосифа тарҳ нашуда будааст. Аз ин рӯ, ин суол бар баёни Ибни Сино суолест, ки дар он вақт тарҳ нашуда будааст, на ишколе бар баёни вай. Ба ҳар ҳол, қатъи назар аз асолати вуҷуд низ эроди амсоли Конт ва Ҳегел ва Спенсер эроди дурусте нест. Акнун дар бораи “милоки (меъёри) ниёзи маълул ба иллат” тавзеҳе медиҳем.

## Решаи ниёзмандии ашё ба иллат

Қонуни иллият ва робитаи сабабӣ ва мусаббабии ашё нисбат ба якдигар, аз қатъитарин маорифи башарӣ аст. Пайванд ва иртиботи маълул ба иллат, шаклӣ ва зоҳирӣ нест; амиқ аст ва дар матни воқеияти маълул нуфуз дорад. Яъне, маълул ба

тамоми воқеияти худ вобаста ва муттакӣ ба иллат аст ва ба тавре аст, ки агар воқеияти иллат набуд, маҳол буд, ки воқеияти маълул таҳаққуқ ёбад. Улуми башарӣ бар пояи ин қонун бино шудааст. Мо дар ҷои худ исбот кардаем, ки гурез аз ин қонун мусовӣ аст бо нафйи ҳар гуна низоме дар ҳастӣ ва нафйи ҳар гуна қонуни илмӣ ва фалсафӣ ва мантиқӣ ва риёзӣ. Дар ин ҷо беш аз ин лозим намедонем, ки дар бораи ин асл баҳс кунем.

Фалосифаи исломӣ масъалае дар ин замина тарҳ кардаанд, ки аз назаре муқаддам бар асли иллият аст. (Ин масъала барои аввалин бор дар фалсафаи исломӣ тарҳ шуда ва монанди бисёре аз масоили дигар натиҷаи муноқишот ва нохун заданҳои мутакаллимин аст. Мутакаллимин бо нохун заданҳои худ сабаб шуданд, ки масоили хоссе дар фалсафа матраҳ шавад, ва аз ин назар, ҳаққи бузурге бар фалсафа доранд.)

Ва он ин ки: милоки ниёзмандӣ ба иллат чист? Бинобар ин дар ҳар мавриде, масалан дар мавриди иллияти А барои В, ду суол ва ду чаро матраҳ аст: яке ин ки чаро В мавҷуд шудааст? Посух ин аст, ки вуҷуди А иқтизо карда, ки В мавҷуд гардад, ва агар А мавҷуд намешуд, қатъан В мавҷуд намешуд. Пас, вуҷуди А худ посухи ин пурсиш аст. Фарз кунед хонае дар ҷараёни сел хароб мешавад. Шахсе аз мо мепурсад, чаро ин хона хароб шуд? Посух медиҳем, чун сел омад.

Дигар ин ки: чаро В ниёзманд ба А аст ва бидуни А наметавонад вуҷуд пайдо кунад? Чаро В аз А бениёз нест? Бадеҳист, ки посухи ин пурсиш ин нест, ки вуҷуди А чунин иқтизо кардааст. Посухи дигаре барои ин пурсиш бояд ҷустуҷӯ кард.

Посухи суоли аввалро бо илм — ки маҳсули таҷрибиёт ва озмоишҳои башар аст — метавон дод, зеро кори илм кашфи равобити иллӣ ва маълулии ашё аст. Пас, агар аз мо бипурсанд, иллати В чист, мо бо истимдод аз улум мегӯем, иллати В А аст.

Аммо ин ки чаро В ниёзманд ба А аст?, чаро мустақил ва бениёз аз А ва ҳар иллати дигар нест?, суоле аст, ки посухи он аз қаламрави улум хориҷ аст. Бо озмоишу таҷриба ва таҷзияву таркибу лабаратория барои ин пурсиш посухе наметавон ёфт. Ин ҷост, ки пойи таҷзияву таҳлилҳои фалсафӣ ва муҳосиботи дақиқи ақлӣ ба миён меояд. Ба ҳамон далел, ки мавриди суол як падидаи айнӣ нест — зеро ниёзмандии маълул ба иллат дар айни ин ки як ҳақиқати ғайри қобили инкор аст, падидае ҷудо

аз иллату маълул нест, яъне дар хориҷ се падида надорем: яке иллат ва яке маълул ва севвум ниёзмандии маълул ба иллат — айнан ба ҳамон далел, илм — ки кораш падидашиносӣ аст — аз посухгӯӣ нотавон аст ва фалсафа — ки қодир ба кашфи ин равобит ва нуфуз дар умқи ҳақоиқ аст — танҳо мақоми салоҳиятдори посухгӯӣ ба ин гуна пурсишҳост.

Аз назари фалсафа, матлаб ин нест, ки чун амалан дида нашуда, ки B бидуни A вуҷуд пайдо кунад, пас B ниёзманди A аст ва ҳамчунин ҳар маълули дигар нисбат ба иллати худаш. Аз назари фалсафа, он чӣ маълул аст, маҳол аст, ки маълул набошад ва мустақил аз иллат бошад; вобастагии маълул ба иллат, аз воқеияти маълул ғайри қобили тафкик аст, балки айни воқеияти маълул аст. Ин аст, ки фалсафа бидуни он ки ба маълулияти хусуси B барои A таваҷҷӯҳ кунад, як масъаларо ба таври куллӣ матраҳ мекунад, ва он ин ки: решаи вобастагиҳои иллӣ ва маълулӣ ва ниёзи маълул ба иллат дар куҷост? Оё ашё аз он ҷиҳат, ки "шайъ" ё "мавҷуд" мебошанд, ниёзманд ба иллатанд? Яъне, шайъият ва мавҷудият, милоки ниёзмандӣ аст? Пас, ҳар шайъ ва ҳар мавҷуде аз он ҷиҳат, ки шайъ аст ва мавҷуд аст, бояд вобаста ба иллате бошад, ё сирфи шайъият ва мавҷудият милоки вобастагӣ ва ниёзмандӣ нест? Агар бино бошад, ки сирфи шайъият ва мавҷудият милоки чизе бошад, қоъидатан бояд милоки бениёзӣ ва адами вобастагӣ бошад, на милоки ниёзмандӣ ва вобастагӣ. Он чӣ муносиб аст милоки ниёзмандӣ ва вобастагӣ бошад, нақс дар шайъият ва мавҷудият аст, на нафси шайъият ва мавҷудият ва на камол дар шайъият ва мавҷудият.

Фалосифаи исломӣ ва ҳамчунин мутакаллимин, ки оғозкунандаи ин баҳс буданд, ҳаргиз фарз накарданд, ки сирфи шайъият ва мавҷудият милоки ниёзмандӣ ва вобастагӣ бошад — ки лозимааш ин аст мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст бояд вобаста бошад — балки ин матлабро қатъӣ донистанд, ки ҳайсият ва ҷиҳати дигаре, ки ба ҷанбаҳои нақс ва адамии ашё бармегардад, бояд решаи ин ниёзмандӣ ва вобастагӣ бошад. Дар инҷо маҷмӯан се назария иброз шуд:

а) *Назарияи мутакаллимин*: мутакаллимин милоки вобастагӣ ва ниёзмандии маълулҳо ба иллатҳо ва адами истиқлоли онҳоро "ҳудус" (ҳодис будан) яъне

собиқаи нестӣ донистанд ва решаи бениёзии як шайъ аз иллатро "қидам" (қадим будан) ва доимӣ будани вуҷуд донистанд. Мутакаллимин гуфтанд, агар мавҷуде вуҷудаш масбуқ ба адам буда ва нестӣ бар ҳастиаш пешӣ дошта бошад, ва ба иборати дигар, агар мавҷуде дар як замон набуд ва дар замони дигари баъд аз он замон "буд" шуд, чунин мавҷуде ба ин далел, ки набуда ва баъд "буд" шуда, ниёзманд ба иллате аст, ки ӯро падид оварад ва вуҷудаш як вуҷуди вобаста ба ғайр хоҳад буд. Ва аммо агар мавҷуде фарз шавад, ки ҳамеша будааст, ҳеч гоҳ набуда, ки набудааст, чунин мавҷуде мустақил ва бениёз аз иллат аст ва ба ҳеч ваҷҳ вобаста ба ғайри худ нахоҳад буд. Мутакаллимин гуфтанд, ки асосан маънии иллияти чизе барои чизе — масалан иллияти А барои В — ин аст, ки А В-ро аз нестӣ ба ҳастӣ овардааст, ва ин дар сурате мутасаввар аст, ки В собиқаи нестӣ дошта бошад. Ва аммо агар фарз шавад, ки В ҳамеша будааст, ҳеч гоҳ набуда, ки набуда бошад, иллияти А барои он маънӣ надорад.

Дар ҳақиқат, мутакаллимин он нақсе, ки маншаи ниёзмандии ашё ва вобастагии онҳо ба ғайри худашон мешавад, нестии пешин — яъне нестии муқаддам бар ҳастӣ аз ҳайси замон — донистанд ва маншаи камол ва бениёзӣ ва истиқлол аз ғайрро "қидам" (қадим будан) ва надоштани собиқаи нестӣ донистанд. Пас, аз назари мутакаллимин, мавҷуд ё ноқис аст ва ниёзманд аст ва ҳодис аст ва вобаста ба ғайр аст, ва ё комил аст ва бениёз аст ва қадим аст ва мустақил аз ғайр аст.

б) *Назарияи қудамои фалосифаи исломӣ монанди Бӯалӣ то давраи Садрулмутааллиҳин*: ин фалосифа бар назарияи мутакаллимин, ки ҳудус ва адами пешинро милоки нақс ва ниёзмандӣ ва вобастагӣ ба ғайр донистанд, эродҳои асосӣ ворид карданд, ки акнун маҷоли зикри он эродҳо нест. Гуфтанд, дуруст аст, ки ҳар ҳодисе ниёзманд ба иллат аст, аммо милоки ниёзмандии ҳодис ҳудусаш нест; чизи дигар аст. Ва гуфтанд, "қидам" (қадим будан) ба ҳеч ваҷҳ милоки бениёзӣ ва камол ва истиқлол нест. Фалосифа муддаӣ шуданд, ки милоки нақсу камол ва ниёзмандиву бениёзии ашёро дар мартибаи зот ва моҳияти онҳо бояд ҷустуҷӯ кард, на дар собиқаи нестӣ, ки "ҳудус" номида мешавад ва азалияти вуҷуд, ки "қидам" номида мешавад.

Ашё дар мартибаи зот аз назари ҳастӣ, ду гунаанд ё лоақал ду гуна фарз мешаванд:

1) Яке ин ки: ҳастӣ айни зоти онҳо бошад, яъне моҳияте ғайр аз ҳастӣ надошта бошанд, ва ба иборати дигар, "чистӣ" ва "ҳастӣ"-и онҳо яке бошад.

2) Дигар ин ки: зоти шайъ чизе бошад ғайр аз ҳастӣ ва ғайр аз нестӣ.

Навъи аввалро "воҷибулвуҷуд" меномем ва навъи дуввумро "мумкинулвуҷуд". Воҷибулвуҷуд аз он назар, ки айни вуҷуд аст ва маънӣ надорад, ки шайъ аз худаш холӣ бошад, балки маҳол аст, ки худаш, ки айни ҳастист "ҳаст" набошад, бениёз аз иллат аст; зеро иллият иборат аст аз ин ки иллат ба зоти маълул ҳастӣ бибахшад ва вақте, ки зоти шайъ айни ҳастӣ аст ва аз ин назар халаъе надорад, ниёзе ба иллат надорад. Вале мумкинулвуҷуд назар ба ин ки на айни ҳастӣ аст ва на айни нестӣ ва нисбат ба ҳар ду бетафовут ва лоиқтизост ва нисбат ба ҳар ду халаъ дорад, ниёзманд ба чизи дигар аст, ки он халаъро пур кунад, ва он иллат аст. Вуҷуди иллатҳо он халаъро аз ҳастӣ пур мекунад ва мумкинулвуҷуди биззот воҷибулвуҷуди билғайр мегардад, ва адами иллат он халаъро аз нестӣ пур мекунад ва мумкинулвуҷуди биззот мумтанеъулвуҷуди билғайр мегардад.

Фалосифа номи ин халаъро "имкони зотӣ" мегузоранд ва мегӯянд, милоки ниёзмандии ашё ба иллат, имкони зотист, ҳамчунон ки номи он "малаъ"-и вуҷудиро "вуҷуби зотӣ" мениҳанд.

Дар ҳақиқат, аз назари фалосифа он нақси зотӣ, ки мавҷудотро ниёзманд ва ноқис ва вобаста ба ғайр мекунад, ҳамон халаъи зотӣ аст ва он камоли зотӣ, ки маншаи камоли мавҷудот аст ва онҳоро аз вобастагӣ ба ғайр бениёз месозад, "малаъ"-и зотӣ яъне айнияти зот ва вуҷуд аст.

Аз назари ин фалосифа, назар ба ин ки реша ва милоки ниёзмандӣ халаъи зотӣ аст на собиқаи нестӣ, фаразан мавҷуде дар олам вуҷуд дошта бошад, ки ҳамеша буда ва ҳеч гоҳ набуда, ки набудааст ва ба ҳеч ваҷҳ собиқаи нестӣ надорад аммо мумкинулвуҷуд аст, яъне моҳияташ айни ҳастӣ нест ва дар мартибаи зоти худ халаъи ҳастӣ дорад, чунин мавҷуде маълул ва махлуқ ва вобаста ба ғайр аст ҳарчанд азалӣ ва абадӣ бошад. Ба ақидаи ҳукамо, чунин мавҷудоте вуҷуд доранд ва онҳоро "ъуқули қоҳира" меноманд.

в) *Назарияи хосси Садрулмутаалликин ва пайравони мактабаш*: Садрулмутааллиҳин қабул кард, ки ҳар ҳодисе ниёзманд ба ғайр аст ва ҳам қабул кард, ки ҳар мумкинулвуҷуде ниёзманд ба иллат аст; эродҳои фалосифаро бар мутакаллимин ворид донист ва назари фалосифаро дар бораи ин ки ҳеч монеъе надорад, ки мавҷуде қадими замонӣ ва доимулвуҷуд ва азалӣ ва абадӣ бошад ва дар айни ҳол вуҷудаш вобаста ва махлуқ ва маълул бошад пазируфт, ҳамчунон ки назари фалосифаро дар бораи ин ки милоки ниёзмандиҳо ва вобастагиҳоро дар даруни ашё бояд ҷустуҷӯ кард, на дар адами пешин, саҳеҳ донист, вале собит кард ҳамчунон ки "ҳудус" наметавонад милоки ниёзмандӣ бошад, "имкони зотӣ" — ва ба таъбири мо "халаъи зотӣ" — низ наметавонад милоки ниёзмандӣ ва вобастагӣ бошад, зеро "имкони зотӣ" аз аҳкоми моҳият аст. Ин моҳият аст, ки гуфта мешавад дар мартибаи зот нисбат ба ҳастӣ ва нестӣ бетафовут аст ва дар даруни худ пӯку холӣ аст ва ғайре бояд то онро пур кунад. Аммо назар ба ин ки моҳият эътиборӣ аст на воқеӣ, аз ҳарими ниёзу бениёзӣ ва иллияту маълулият ва таъсиру таъассур ва балки аз ҳарими мавҷудият ва маъдумият хориҷ аст. "Имкони моҳувӣ" наметавонад решаи аслии ин ниёз бошад. Ҳамаи инҳо, яъне мавҷудияту маъдумият ва иллияту маълулият ва ниёзу бениёзиро ба моҳият метавон нисбат дод, аммо билараз ва маҷозан. Яъне ба табаи вуҷуде, ки моҳият аз он интизоъ ва эътибор шудааст. Пас, решаи аслии ниёзи ҳақиқӣ ва бениёзии ҳақиқиро бояд дар худи вуҷуд ҷустуҷӯ кард. Садрулмутааллиҳин ҳамон тавр, ки "асолати вуҷуд"-ро исбот кард, "ташкики вуҷуд" яъне дорои маротиб будани ҳақиқати вуҷудро низ исбот кард. Пас, ҳамон тавр, ки бениёзӣ аз ҳақиқати вуҷуд хориҷ нест, ниёз низ аз ҳақиқати вуҷуд хориҷ нест, ва ҳамон тавре, ки камол аз ҳақиқати вуҷуд берун нест, балки мусовӣ бо вуҷуд аст, нақс низ аз ҳақиқати вуҷуд берун нест. Ин ҳақиқати вуҷуд аст, ки камолу нақс, истиғнову фақр, бениёзиву ниёз, шиддату заъф, вуҷубу имкон, ва ломаҳдудӣ ва маҳдудиро дар даруни худ мепазирад, балки айни ҳамаи инҳост. Чизе, ки ҳаст, ҳақиқати вуҷуд бар сирофати худаш ва дар мартибаи зоти худаш мусовӣ аст бо камол ва истиғно ва бениёзӣ ва шиддат ва вуҷуб ва ломаҳдудият, аммо нақсу фақр

ва ниёзу имкон ва амсоли инҳо аз тааххур аз мартибаи зот ва аз маълулият, ки лозимааш нақс аст бармехезад.

Аз назари Садрулмутааллиҳин, масъалаи халаъи зотии моҳият аз ҳастӣ ва ниёзмандӣ ба шайъи дигар, ки он халаъро пур кунад, бино бар асолати моҳият дуруст аст, на бино бар асолати вуҷуд. Бино бар асолати вуҷуд нисбати ниёзмандӣ ва халаъи зотӣ ба моҳият ва ин ки чизе дигар ба номи иллат пуркунандаи ин халаъ аст танҳо бо навъе тасомуҳи фалсафӣ дуруст аст. Иллияту маълулият ва ниёзмандиву бениёзӣ ҳама аз шуъуни он чизе аст, ки айни айният ва матни воқеият аст яъне вуҷуд. Решаи ниёзмандии як ҳастӣ ба ҳастии дигар, қусури зотӣ ва маҳдудияти зотии он ҳастӣ аст.

Бино бар назарияи Садрулмутааллиҳин — бар хилофи назарияи мутакаллимин ва назарияи ҷумҳури фалосифа – ниёз ва ниёзманд ва милоки ниёз, умури ҷудогона нестанд. Дар инҷо ниёз ва ниёзманд ва милоки ниёз ҳар се як чиз аст. Бархе аз маротиби ҳастӣ ба ҳукми қусури зотӣ ва ба ҳукми тааххури зотӣ аз манбаи аслии вуҷуд, айни ниёз ба мартибаи дигаре аз ҳастӣ мебошанд.

Садрулмутааллиҳин он ҷо, ки ба таври килосик масъалаи “милоки ниёз ба иллат”-ро тарҳ мекунад, аз ҳамон равиши амсоли Бӯалӣ пайравӣ мекунад, вале дар ҷоҳои дигар назари хешро дар ин масъала — ки натиҷаи қатъии усуле аст, ки таъсис карда ва ҷуз ин наметавонист бошад — баён кардааст. Ва чун он ҷо, ки ба таври килосик масъаларо тарҳ карда, аз равиши қудамо пайравӣ кардааст, мутааххирон ва пайравони мактабаш монанди марҳум Ҳоҷӣ Сабзаворӣ чунин пиндоштаанд, ки Садрулмутааллиҳин дар ин масъала назари ҷудогонае надорад. Ва мо барои аввалин бор дар поварақиҳои “*Усули фалсафа ва равиши реализм*” ин матлабро равшан кардем ва мавриди истифодаи дигарон қарор додем.

Ва ба ҳар ҳол, он чӣ дар ин миён, бино бар ҳамаи макотиб, мусаллам шуд ин аст, ки решаи ниёзмандии ашё ба иллат, сирфи “шайъ” будан ё “мавҷуд” будан нест ва ашё фақат ба далели ин ки мавҷуданд, ниёзманд ба иллат намебошанд. Мавҷудият беш аз он ки далели ниёз бошад, далели бениёзӣ аст.

Аз маҷмӯи он чи, ки то кунун гуфтем, ду матлаб маълум шуд:

а) Ин ки аҳёнан мегӯем “ҳар чизе ва ё ҳар мавҷуде иллат мехоҳад”, таъбири носаҳеҳе аст, балки як ғалати фоҳиш аст. Таъбири саҳеҳ ин аст, ки: “ҳар ноқисе ниёзманд ба иллат аст”. Ва чунонки донистем макотиби мухталифе, ки дар ин бора баҳс кардаанд, дар ироаи нақсе, ки милоки ниёзмандӣ ба иллат мешавад, ихтилофи назар доранд, вале қадри мусаллам ин аст, ки ҳар ноқисе ниёзманд ба иллат аст, на ҳар чиз аъамм аз он ки ноқис бошад ё комил.

б) Тасаввури мо дар бораи иллати нахустин равшан шуд ва маълум шуд иллати нахустин, ки ҳамон зоти қадими комили воҷибулвуҷуди номутаноҳист, аз он ҷиҳат иллати нахустин аст, ки ҳастӣ айни зоти ӯст, ва ҳастии комил аст на ноқис, ва номаҳдуд аст на маҳдуд, то маншаи ниёз ба иллат пайдо шавад. Маънии иллати нахустин ин нест, ки ӯ худаш иллати худ ва поягузори худ ва сомондиҳандаи хеш аст, ва ҳам маънии иллати нахустин ин нест, ки бо соири мавҷудоти дигар аз назари ниёз ба иллат фарқе надорад ва ӯ ба ҳукми як истисно аз қонуни иллият хориҷ шудааст.

Ин ҷо мумкин аст дар зеҳни афроде, ки тамрине дар ин масоил надоранд, як суоли дигар тарҳ шавад, ва он ин ки: дуруст аст, ки иллати нахустин чун қадим ва комил ва номаҳдуд ва воҷибулвуҷуд аст, бениёз аз ҳар гуна вобастагӣ аст ва соири ашё чун чунин нестанд, вобаста ва ниёзманданд, вале чаро иллати нахустин, иллати нахустин шуд? Яъне чаро танҳо ӯ дар миёни мавҷудоти ҷаҳон қадим ва комил ва номаҳдуд ва воҷибулвуҷуд шуд? Чаро ӯ ҳодис ва ноқис нашуд? Ва чаро як мавҷуди дигар аз мавҷудот, ки акнун ноқис ва ниёзманд аст, мақоми воҷибулвуҷудро ҳиёзат накард? Бо тазаккури матолиби гузашта посухи ин пурсиш возеҳ аст. Дар ин пурсиш чунин фарз шуда, ки мумкин буд воҷибулвуҷуд воҷибулвуҷуд набошад ва иллате дахолат кард ва онро воҷибулвуҷуд кард, на мумкинулвуҷуд, ва ҳам мумкин буд, ки мумкинулвуҷуд мумкинулвуҷуд набошад ва дар асари дахолати иллате хосс мумкинулвуҷуд шуд. Ва ба таъбири дигар, мумкин буд вуҷуди комилуззоти номаҳдуд ноқис ва маҳдуд бошад ва вуҷуди ноқиси маҳдуд комилуззот ва номаҳдуд бошад ва омиле дахолат кард ва он якеро комилуззот ва номаҳдуд сохт ва дигареро ноқисуззот ва маҳдуд. Оре, ин аст решаи ин пурсиш.

Пурсишкунанда таваҷҷӯҳ надорад, ки мартибаи ҳар мавҷуд айни зоти он мавҷуд аст, ҳамчунон ки мартибаи ҳар адад айни зоти он адад аст. Бинобар ин, агар мавҷуде ба ҳукми ғинои зотӣ ва камоли зотӣ мустағнӣ аз иллат шуд, пас ҳеч иллате ҳеч гуна дахолате дар ӯ наметавонад дошта бошад ва ҳеч иллате ӯро ба вуҷуд наёвардааст ва ҳеч иллате ҳам ӯро дар мартибае, ки ҳаст қарор надодааст. Суол аз ин ки чаро иллати нахустин иллати нахустин шуд — ки дар фалсафаи Ғарб як суоли беҷавоб талаққӣ шудааст — суолест бемаънӣ.

Иллати нахустин мавҷудияташ айни ҳақиқат ва айни зоташ аст ва ҳам иллати нахустин буданаш айни зоташ аст ва дар ҳар ду ҳайсият, бениёз аз иллат аст.

Ин пурсиш дуруст мисли ин аст, ки бигӯем чаро адади як адади як шуд ва адади ду нашуд, ва чаро адади ду адади ду шуд ва адади як нашуд ва дар ҷои адади як нанишаст? Мо дар китоби "*Адли илоҳӣ*" дар бораи ин ки мартибаи ҳар мавҷуде айни зоти он мавҷуд аст, баҳси бештаре кардаем ва дар ин ҷо такрор намекунем.

Дар поёни ин қисмат аз баҳс, муносиб аст сухане аз Бертронд Росел, файласуфи муосир дар бораи иллати нахустин нақл кунем ва тасаввури "файласуфонаи" ӯро низ дар бораи ин масъалаи ғомиз ба даст оварем.

Росел китоби кучаке дорад ба номи "*Чаро масеҳӣ нестам?*" Дар он китоб танҳо масеҳиятро интиқод намекунад, балки асосан андешаҳои мазҳабиро умуман ва андешаи Худоро хусусан — ки бархе ғайримазҳабиҳо низ қабул доранд — мавриди эрод ва интиқод қарор медиҳад. Вай дар он китоб аз ҷумла матолибе, ки эрод мегирад "бурҳони иллати нахустин" аст. Барои ин ки бидонем оқои Росел — ин файласуфи бузурги Ғарб, ки номаш ҳамаҷоро гирифта — ин масоилро ба чӣ шакле дар зеҳни худ тасвир мекардааст, иборати ӯро нақл мекунем. Мегӯяд:

"*Асоси ин бурҳон иборат аз ин аст, ки тамоми он чиро мо дар ин ҷаҳон мебинем, дорои иллатест ва агар занҷири иллатҳоро дунбол кунем, саранҷом ба нахустин иллат мерасем ва ин нахустин иллатро иллати иллатҳо ё Худо меномем.*"

Росел он гоҳ ин бурҳонро инчунин интиқод мекунад:

"*Ба ҳангоми ҷавонӣ дар бораи ин масоил жарф намеандешидам ва бурҳони "иллати иллатҳо"-ро то муддате мадид пазируфтам, то ин ки рӯзе ба синни 18-солагӣ зимни*

*хондани биографияи Ҷон Стуворт Мил бад-ин ҷумла бархӯрдам: “Падарам ба ман мегуфт, ки ин пурсиш: чӣ касе маро офаридааст?, ҷавоб надорад, зеро билофосила ин суол матраҳ мешавад, ки чӣ касе Худоро офарид?” Ҷумлае бад-ин соддагӣ дурӯғи бурҳони “иллати иаллатҳо”-ро бароям ошкор сохт ва ҳанӯз ҳам онро дурӯғ медонам. Агар ҳар чиз бояд иллате дошта бошад, пас Худоро низ иллате бояд! Агар чизе бидуни иллат вуҷуд тавонад дошт, ин чиз метавонад ҳам Худо бошад ва ҳам ҷаҳон, пучии ин бурҳон ба ҳамин ҷиҳат аст.”*

Суханони гузаштаи мо пучии сухани Роселро равшан мекунад. Сухан дар ин нест, ки оё ҳар чиз бояд иллат дошта бошад ё истисноан як мавҷуд бидуни иллат вуҷуд тавонад дошт, ва агар як чиз бидуни иллат метавонад вуҷуд дошта бошад, чӣ фарқ мекунад, ки Худо бошад ё ҷаҳон?! (Балки) сухан дар ин аст, ки ҳар чиз ва ҳар мавҷуд аз он ҷиҳат, ки чиз аст ва ба навъе дорои ҳастист, на милоки ниёз ба иллат аст ва на милоки бениёзӣ, то гуфта шавад чӣ фарқе дар ин ҷиҳат миёни чизҳост?! Сухан дар ин аст, ки дар миёни чизҳо ва мавҷудот, чизе ва мавҷуде ҳаст, ки вуҷуди сирф ва камоли мутлақ аст ва ҳар камоле аз ӯст ва ба сӯи ӯст ва ӯ чун ҳастӣ айни зоташ аст, бениёз аз иллат аст, бар хилофи чизҳое, ки ҳастиро ба сурати орият доранд. Онҷунон мавҷуде на вуҷуд ва на камолоти вуҷудро фоқид аст, то талаб кунад ва ба сӯи он бишитобад, ва на ин камолотро аз даст медиҳад.

Аз тарафи дигар, мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки ҳама чиз дар он ҷанбаи муваққатӣ дорад; ҳама чиз дар ҷустуҷӯи чизи дигаре аст, ки надорад; ҳама чиз он чиро дорад дар вақти дигар аз даст медиҳад. Дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки ҳама чиз дар он дар маърази фано ва завол ва тағйиру таҳаввул аст; аломатҳои фақр ва ниёз ва ориятӣ будан ва ориятӣ доштан дар ҷабини ҳамаи аҷзояш намудор аст. Пас, чунин ҷаҳоне наметавонад иллати нахустин ва воҷибулвуҷуд бошад, ва ин аст истидлоли иброҳимӣ, ки дар Қуръони Карим омадааст:

**وَكَذَلِكَ نُرِي إِبْرَاهِيمَ مَلَكُوتَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَلِيَكُونَ مِنَ الْمُوقِنِينَ. فَلَمَّا جَنَّ عَلَيْهِ اللَّيْلُ رَأَى كَوْكَبًا قَالَ هَذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لا أُحِبُّ الآفِلِينَ. فَلَمَّا رَأَى الْقَمَرَ بَازِغًا قَالَ هَذَا رَبِّي فَلَمَّا أَفَلَ قَالَ لَئِن لَّمْ يَهْدِنِي رَبِّي لأكُونَنَّ مِنَ الْقَوْمِ الضَّالِّينَ. فَلَمَّا رَأَى الشَّمْسَ بَازِغَةً قَالَ هَذَا رَبِّي هَذَآ أَكْبَرُ فَلَمَّا أَفَلَتْ قَالَ يَا قَوْمِ إِنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ. إِنِّي وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ حَنِيفًا وَمَا أَنَاْ مِنَ الْمُشْرِكِينَ**

*“Ва ин гуна малакути осмонҳо ва заминро ба Иброҳим намоёндем, то аз ҷумлаи яқинкунандагон бошад. Пас, чун шаб бар ӯ парда афканд, ситорае дид, гуфт: ин парвардигори ман аст. Ва он гоҳ чун гуруб кард, гуфт: гурубкунандагонро дӯст надорам. Ва чун моҳро дар ҳоли тулӯъ дид, гуфт: ин парвардигори ман аст. Он гоҳ чун нопадид шуд, гуфт: агар парвардигорам маро ҳидоят накарда буд, қатъан аз гурӯҳи гумроҳон будам. Пас, чун хуршедро баромада дид, гуфт: ин парвардигори ман аст, ин бузургтар аст. Ва ҳангоме ки уфул кард, гуфт: эй қавми ман! Ман аз он чи барои Худо шарик месозед, безорам. Ман аз рӯи ихлос покдилона рӯи худро ба сӯи касе гардонидам, ки осмонҳо ва заминро падид овардааст ва ман аз мушрикон нестам.” (Сураи Анъом, оятҳои 75-79*)

Хулосаи истидлол ин аст, ки ба соиқаи фитрат ва ба ҳукми бадеҳии ақл, худро марбуб ва дастпарварда ва мақҳур мебинад ва дар ҷустуҷӯи парвардигор ва қоҳири худ қарор мегирад. Ситораву моҳу хуршед ба тартиб назарашро ҷалб мекунад, аммо бо андак мулоҳиза, осори марбубият ва мақҳурият ва дастпарвардагиро дар онҳо — ки дурахшандатарини мавҷудотанд ва мардуми асру замони Иброҳим онҳоро мудиру мудаббири ҷаҳон медонистанд — ва дар соири мавҷудоти ҷаҳони табиат мушоҳида мекунад; савдоро якҷо мекунад ва рӯи дилро ба сӯи қудрати қоҳирае меоварад, ки “рабби” мутлақ ва қоҳири мутлақ аст ва нишонае аз марбубияту мақҳурият ва ҳудусу фано ва фақру нодорӣ дар ӯ нест. Аз ин фақру фаноҳо ва ҳудусу заволҳо ва марбубиятҳову мақҳуриятҳо, ба вуҷуди он қоҳирият ва камол пай мебарад.

## Тавҳид ва такомул

Аз ҷумлаи масоиле, ки ба назари ман таъсири зиёде дар гароишҳои моддӣ доштааст, таваҳҳуми тазодд миёни асли “хилқат ва офариниш” аз як тараф ва асли “transformisme” яъне асли такомул, хусусан такомули ҷондорон, аз тарафи дигар аст. Ва ба иборати дигар, таваҳҳуми ин ки “офариниш” баробар аст бо “онӣ ва дафъиюлвуҷуд” будани ашё, ва “такомул” баробар бо “холиқ надоштани ашё” аст. Ончунон, ки аз таърих бармеояд, дар Мағрибзамин ба хусус ин андеша вуҷуд доштааст, ки лозимаи ин ки ҷаҳон ба василаи Худованд ба вуҷуд омада бошад ин аст, ки ҳамаи ашё собит ва якнавохт буда бошанд ва тағйире дар коинот — хусусан

дар усули коинот яъне “анвоъ” — рух надиҳад. Пас, такомул хусусан такомули зотӣ — яъне такомуле, ки мусталзими ин бошад, ки моҳияти як шайъ тағйир кунад ва навъияти он иваз шавад — ғайримумкин аст. Аз тарафи дигар, мебинем, ки ҳар андоза улум сайри такомулӣ анҷом медиҳанд ва тавсиъа меёбанд, масъалаи ин ки ашё ва ба хусус ҷондорон як қавси суъудии такомулиро тай мекунанд, бештар собит ва мубарҳан мегардад. Натиҷаи ин ду муқаддима ин аст, ки улум – ба хусус улуми зистӣ — дар ҷиҳати зидди Худошиносӣ гом бармедоранд.

Чунонки медонем, назариёти Ломорк (*Jean-Baptiste Lamarck*) ва Дорвин (*Charles Darwin*), хусусан шахси ахир, ғавғое дар Урупо бапо кард. Дорвин бо ин ки шахсан марде мӯътақид ба Худо ва мазҳаб буд ва мегӯянд дар лаҳазоти эҳтизор китоби муқаддасро ба сина часпонида буд ва худаш мукаррар дар навиштаҳояш имони худро ба Худованд эълом мекунад, дигарон назариёти ӯро сад дар сад зидди Худо муаррифӣ карданд.

Мумкин аст гуфта шавад, трансформизм ба таври куллӣ (хусусан Дорвинизм бо таваҷҷӯҳ ба фарзияи вай дар ин бора, ки асли инсон аз маймун аст) аз он ҷиҳат зидди Худо шинохта шуд, ки бар хилофи мундараҷоти китобҳои муқаддаси мазҳабӣ буд; зеро китобҳои мазҳабӣ умуман хилқати инсонро аз як инсони аввалӣ ба номи Одам медонанд, ки зоҳир ин аст, ки ӯ мустақиман аз хок офарида шудааст. Бинобар ин ба ҳақ ва баҷо буда, ки Дорвин ва Дорвинистҳо, балки ҳамаи тарафдорони такомул, зидди Худо шинохта шаванд, зеро ба ҳеч ваҷҳ наметавон миёни эътиқод ба мазҳаб ва эътиқод ба асли такомул оштӣ дод. Чорае нест аз ин ки аз ин ду яке ихтиёр ва дигаре раҳо шавад.

Ҷавоб ин аст, ки аввалан, он чӣ улум дар ин замина баён доштаанд, фарзияҳоест, ки доиман тағйир карда ва ислоҳ шуда ва ё ботил шинохта шуда ва фарзияе дигар ҷонишини он шудааст. Бо инчунин фарзияҳое, наметавон матлаберо, ки дар як китоби осмонӣ омадааст, агар ба сурати сареҳ ва ғайри қобили тавҷеҳе баён шуда бошад, мардуд шинохт ва онро далел бар беасосии асли мазҳаб шумурд ва беасосии мазҳабро далел бар набудани Худо гирифт.

Сониян, он чӣ дар китобҳои мазҳабӣ омадааст, фаразан сароҳат дошта бошад, ки “одами аввал” мустақиман аз хок офарида шудааст, ба шакле баён шуда, ки нишон медиҳад мулозим бо навъе феълу инфиъол дар табиат будааст. Дар осори мазҳабӣ омадааст, ки тинати Одам чиҳил сабоҳ сиришта шуд. Чӣ медонем? Шояд ҳамаи мароҳилеро, ки ба таври табиӣ аввалин силлули ҳаётӣ бояд дар тӯли милёрдҳо сол тай кунад то мунтаҳӣ ба ҳайвоне аз навъи инсон бишавад, сиришт ва тинати “одами аввал” ба иқтизои шароити фавқулъодае, ки дасти қудрати илоҳӣ фароҳам карда будааст, дар муддати чиҳил рӯз тай карда бошад; ҳамчунон ки нутфаи инсон дар раҳим дар муддати нӯҳ моҳ тамоми мароҳилеро, ки мегӯянд аҷдоди ҳайвонии инсон дар тӯли милёрдҳо сол тай кардаанд, тай мекунад.
Солисан, фарз мекунем он чӣ дар улум дар ин замина омадааст, беш аз ҳадди фарзия аст ва аз назари улум қатъист, ва ҳам фарз мекунем, ки мумкин нест шароити табиӣ ба сурате фароҳам шавад, ки модда мароҳилеро, ки дар шароити дигар кунду батиъ тай мекунад, дар он шароит сареъ ва тунд тай кунад, ва аз назари илм қатъист, ки инсон аҷдоди ҳайвонӣ доштааст, (дар ин сурат) оё зоҳири матолиби мазҳабӣ ғайри қобили тавҷеҳ аст? Мо агар махсусан Қуръони Каримро милок қарор диҳем, мебинем Қуръон достони Одамро ба сурати ба истилоҳ самбулик тарҳ кардааст. Манзурам ин нест, ки Одам, ки дар Қуръон омада номи шахс нест, чун “самбул”-и навъи инсон аст – абадан — қатъан “одами аввал” як фард ва як шахс аст ва вуҷуди айнӣ доштааст. (Балки) манзурам ин аст, ки Қуръон достони Одамро аз назари сукунат дар биҳишт, иғвои шайтон, тамаъ, ҳасад, ронда шудан аз биҳишт, тавба ва ғайра… ба сурати самбулик тарҳ кардааст. Натиҷае, ки Қуръон аз ин достон мегирад, аз назари хилқати ҳайратангези Одам нест ва дар боби Худошиносӣ аз ин достон ҳеч гуна натиҷагирӣ намекунад, балки Қуръон танҳо аз назари мақоми маънавии инсон ва аз назари як силсила масоили ахлоқӣ достони Одамро тарҳ мекунад. Барои як нафар мӯътақид ба Худо ва Қуръон, комилан мумкин аст, ки имони худро ба Худо ва Қуръон ҳифз кунад ва дар айни ҳол достони кайфияти хилқати Одамро ба наҳве тавҷеҳ кунад. Имрӯз мо афроди боимон ва мӯътақид ба Худо ва Расул ва Қуръонро суроғ дорем, ки достони хилқати Одамро дар Қуръон ба

наҳве тафсир ва тавҷеҳ мекунанд, ки бо улуми имрӯзи мунтабиқ аст. Аҳаде иддао накардааст, ки он назарияҳо бар хилофи имон ба Қуръон аст. Мо худамон вақте он назарияҳоро дар китобҳои марбут ба ин мавзӯъ мутолеа мекунем, дар онҳо нукоти қобили таваҷҷӯҳ ва тааммули зиёде мебинем, ҳарчанд сад дар сад қонеъ нашудаем. Ба ҳар ҳол, ин гуна матолибро баҳонаи инкори Қуръон ва мазҳаб қарор додан — то чӣ расад баҳонаи инкори Худо қарор додан — бисёр дур аз инсофи илмӣ аст.

Робеъан, фаразан қабул кардем, ки зоҳири матолиби оятҳои мазҳабӣ ғайри қобили тавҷеҳ аст ва аз назари илмӣ ҳам тасалсули инсон аз ҳайвон қатъӣ аст, (дар ин сурат) ҳаддиаксар ин аст, ки инсон имони худро ба китобҳои мазҳабӣ аз даст бидиҳад, чаро имони худро ба Худо аз даст бидиҳад? Аввалан, шояд мазоҳибе дар ҷаҳон пайдо шаванд, ки дар бораи хилқати инсон, ба сароҳати Таврот, асли инсонро мустақиман аз хок надонанд. Сониян, чӣ мулозимае ҳаст миёни қабул надоштани як ё чанд ё ҳамаи мазоҳиб, ва миёни қабул надоштани Худо? Ҳамвора дар ҷаҳон афроде буда ва ҳастанд, ки ба Худованд имон ва эътиқод доранд, вале ба ҳеч мазҳабе пойбанд нестанд.

Аз маҷмӯи он чӣ гуфтем, маълум шуд фарзи тазодд миёни мундараҷоти китобҳои мазҳабӣ ва асли такомул, узре барои гароиш ба моддигарӣ маҳсуб намешавад; матлаб чизи дигаре аст. Ҳақиқат он аст, ки моддигароёни Урупо хаёл мекардаанд, ки фарзияи такомул ақлан ва мантиқан бо масъалаи Худо созгор нест — аъамм аз он ки бо мазҳаб созгор бошад ё набошад — бад-ин ҷиҳат изҳор медоштанд, ки бо қабули асли такомул, масъалаи Худо мунтафӣ аст.

* * *

Акнун мо вориди ин баҳс мешавем. Мехоҳем бибинем оё ақлан ва мантиқан миёни ин ду масъала зиддият аст ё ақлан ва мантиқан зиддияте нест ва норасоии мафоҳими фалсафии Урупо таваҳҳуми зиддиятро ба вуҷуд овардааст? Ва ба ҳар ҳол, бояд бибинем моддигароён, ки зиддият фарз мекардаанд, аз чӣ роҳ будааст?

Сухани инҳоро ба ду гуна метавон тақрир кард: яке ба ин наҳв, ки бо пайдоиши назарияи такомул, муҳимтарин далели илоҳиюн аз дасташон гирифта мешавад. Умда далели илоҳиюн бар вуҷуди сонеъи алими ҳаким, низоми мутқани мавҷудот

аст. Ин низоми мутқан ба хусус дар ҷондорон — яъне гиёҳон ва ҳайвонот — намудор аст. Агар хилқати гиёҳ ва ҳайвон дафъӣ мебуд, истидлол аз роҳи низоми мутқани мавҷудот саҳеҳ буд; зеро ақлан қобили қабул набуд, ки мавҷуде бидуни як назорати мудаббирона дафъатан мавҷуд гардад, дар ҳоле, ки ба як силсила ташкилот муҷаҳҳаз аст, ки нишон медиҳад ин ташаккул ва назм ба хотири ҳадафҳои пешбинишуда ва дар назар гирифташуда ба вуҷуд омадааст. Вале агар хилқати мавҷудот тадриҷӣ ва дар тӯли замон — яъне имтидоди садҳо милюн сол — сурат гирифта бошад; ба ин тартиб, ки кам-кам бо гузашти қарнҳо ва тарокуми наслҳо вазъи сохтмони мавҷудот ба шакли ҳозир даромада бошад, монеъе нест, ки ин ташкилоти дақиқ ба ҳеч ваҷҳ пешбинӣ нашуда бошад, яъне қувваи мудаббире бар он назорат надошта, балки танҳо тасодуфот ва интибоқи қаҳрӣ бо муҳит, маншаи ин низомот ва ташкилот буда бошад.

Пас, бо қабул ва субути назарияи трансформизм, умдаи далели илоҳиюн аз дасти онҳо гирифта шуд ва ҳамин кофист, ки каффаи моддигароён бичарбад ва гурӯҳе ба он тараф мутамоил гарданд.

Вале ин тавҷеҳ дар ҳадди зоти худ саҳеҳ нест. Агар ин сухан бар як мактаби илоҳие мисли Ислом арза бишавад, фавран посух медиҳад, ки аввалан, далели “итқони сунъ”-ро ба унвони танҳо далел бар вуҷуди Худо маҳсуб доштан ғалат аст ва ба унвони умда далел зикр кардан, муболиға аст. Сониян, низоми хилқат мунҳасир ба сохтмони аъзои ҳайвонот нест, то гуфта шавад такомули тадриҷии ҷондорон барои тавҷеҳи вуҷуди тасодуфии онҳо кофӣ аст. Солисан, он чӣ муҳим аст ва ҷавоби аслии ин эрод аст, ин аст, ки пайдоиши тадриҷӣ ва тағйироти тасодуфии сохтмони андомҳои гиёҳон ва ҳайвонот, ба ҳеч ваҷҳ барои тавҷеҳи ташкилот ва низомоти дақиқи андомҳои онҳо кофӣ нест.

Тағйироти тасодуфӣ он гоҳ метавонад кофӣ шумурда шавад, ки фарз кунем дар асари як тасодуф ва як фаъолияти беҳадаф ва ё як фаъолият барои ҳадафи дигар ғайр аз хоссияте, ки акнун пайдо шуда, тағйире дар андоми ҷондор пайдо шавад. Масалан, пардаи лойи ангуштони мурғобӣ пайдо шавад ва ин тағйири тасодуфӣ, ба ҳоли шиноварии мурғ муфид бошад ва баъд дар асари виросат ба наслҳои баъд

мунтақил шавад ва бимонад. Ва ҳол он ки аввалан, аз назари илми виросат, интиқоли сифоти иктисобӣ ва фардӣ ва шахсӣ, хусусан сифоти иктисобӣ, сахт мавриди тардид балки мавриди инкор аст. Ва сонията, ҳамаи аъзо ва ҷаворeҳ ва андомҳо аз қабили пардаи лойи ангушти мурғобӣ нест. Ғолибан ҳар кадом аз аъзо ҷузъи як ҷиҳози бисёр муфассал ва печидае аст назири ҷиҳози ҳозима, ҷиҳози танаффус, ҷиҳози босира, ҷиҳози сомеъа ва ғайра. Ҳар як аз ин ҷиҳозҳо як дастгоҳи муназзам ва ба ҳам пайваста аст, ки то ҳамаи аҷзои он ба вуҷуд наёянд, кор ва хоссияти манзур мутараттиб намешавад. Масалан, пардаҳои чашм чунон нест, ки фарз шавад ҳар кадом кори ҷудое барои бадан анҷом медиҳад ва ҳар кадом дар тӯли милюнҳо сол тадриҷан ба вуҷуд омадааст, балки чашм бо ҳамаи пардаҳо ва рутубатҳо ва аъсобу азулот, ки аз лиҳози касрат ва танаввӯъ ва интизом ва ташаккул ҳайратангез аст, маҷмӯан як корро анҷом медиҳад.

Қобили қабул нест, ки тағйироти тасодуфӣ, ҳарчанд дар тӯли милёрдҳо сол, тадриҷан ҷиҳози босира ё ҷиҳози сомеъаро ба вуҷуд оварда бошад. Асли такомул, беш аз пеш, дахолати қувваи мудаббир ва ҳодӣ ва роҳнаморо дар вуҷуди мавҷудоти зинда нишон медиҳад ва ироадиҳандаи асли ғоият аст.

Дорвин шахсан дар бораи асли “интибоқ бо муҳит” ончунон изҳори назар кард, ки ба ӯ гуфта шуд ту дар бораи ин асл монанди асли мовароуттабиӣ сухан мегӯӣ. Ҳақиқат ҳам ҳамин аст, ки нерӯи “татбиқ бо муҳит” дар ҷондорҳо, ки нерӯе бисёр释 мармуз ва ҳайратангез аст, нерӯест мовароуттабиӣ; яъне дар тасхири як навъ ҳидоят ва шуъур ба ҳадаф аст ва ба ҳеч ваҷҳ нерӯи кӯру беҳадаф нест.

Далолати асли такомул бар вуҷуди мутасаррифи ғайбӣ дар кори ҷаҳон, аз ҳеч асле камтар нест. Иллати ин ки шахси Дорвин ва ҳамчунин бисёре аз зистшиносони баъд аз ӯ муваҳҳид ва илоҳӣ ҳастанд, ҳамин аст, ки усул ва навомиси табиӣ — аз қабили асли “кӯшиш барои бақо”, асли “виросат”, асли “интихоби аслаҳ”, асли “интибоқ бо муҳит”-ро (агар сирфан ба як аксуламали оддии кӯр-кӯронаи табиӣ дар муқобили муҳит тафсир шавад) ба ҳеч ваҷҳ барои тавҷеҳи хилқати мавҷудоти зинда аъамм аз гиёҳу ҳайвон кофӣ надонистаанд. Албатта намегӯям, лозим надонистаанд

ва бори дигар ба назарияи дафъиюлвуҷуд будани ҷондорон бозгашт кардаанд, балки мегӯям кофӣ надонистаанд.

Ҳақиқат ин аст, ки иллати ин ки назарияи такомул бар зидди истидлоли маъруфи илоҳиюн аз роҳи итқони сунъ бар вуҷуди Худо талаққӣ шуд, ҳамоно заъфи дастгоҳҳои фалсафӣ ва ҳикмати илоҳӣ буд. Онҳо ба ҷои ин ки аз пайдоиши назарияи такомул ба нафъи мактаби илоҳиюн истифода кунанд, онро чизе бар зидди мактаби илоҳӣ талаққӣ карданд, зеро чунин фарз карданд, ки танҳо бо дафъиюлвуҷуд будани ҷаҳон аст, ки ҷаҳон ниёзманд ба иллат ва падидоваранда аст, ва агар ҷаҳон ё навъе аз анвоъ тадриҷиюлвуҷуд бошад, иллатҳо ва авомили тадриҷии табиат барои тавҷеҳи онҳо кофӣ аст. Ин гуна фарзияҳо нишонаҳои заъфи дастгоҳҳои фалсафии Ғарб аст.

* * *

Илова бар ин ҷиҳат, ки дар Ғарб фарз бар ин буд, ки назарияи такомул, бурҳони назм ва итқони сунъро тазъиф мекунад, як чизи дигар низ сабаб шуд, ки мактаби такомул, зидди мактаби илоҳӣ талаққӣ шавад ва ба ин васила бозори моддигариро равнақ доданд. Он ин буд, ки фарз шуд агар Худое дар кор бошад, мебоист ашё тибқи тарҳи қаблӣ ба вуҷуд омада бошанд. Яъне вуҷуди ашё қаблан дар илми илоҳӣ пешбинӣ шуда бошад ва сипас бо ирода ва машиати қоҳираи илоҳӣ халқ шуда бошанд. Тарҳи қаблӣ ва пешбинии қаблӣ мулозим аст бо ин ки ба ҳеч ваҷҳ "тасодуф" дахолат надошта бошад, зеро тасодуф бар зидди пешбинӣ аст. Амри тасодуфӣ яъне амре ғайри мутараққаб ва ғайри мунтазир ва ғайри қобили пешбиниӣ. Аммо мо медонем, ки тасодуф нақши фавқулъода муҳим ва муассире дар хилқати коинот бозӣ кардааст. Фаразан тасодуфро барои хилқати аввалии ашё кофӣ надонем, билохира вуҷудашро ва нақши муассирашро дар ҷараёни хилқат наметавонем инкор кунем. Масалан, худи замин, ки гаҳвораи ҷондорон аст, қитъае буда, ки бар асари тасодуф, масалан наздик шудани хуршед ба як курраи бузург ва воқеъ шудани он таҳти таъсири ҷозибаи он курраи бузург, ба вуҷуд омадааст. Агар тарҳи қаблӣ ва ба истилоҳ агар тақдири азалӣ дар кор буд, тасодуф ҳеч нақше надошт. Натиҷа ин ки агар Худое дар кор бошад, ашё тибқи тарҳи қаблӣ ба вуҷуд

меоянд ва қаблан дар илми азалии илоҳӣ пешбинӣ мешаванд. Агар ашё дар илми азалии илоҳӣ пешбинӣ шуда буданд, тасодуфе дар кор набуд. Ва чун тасодуф нақши муассире дар хилқат доштааст, пас хилқати ашё мақрун ба пешбинӣ набуда ва чун мақрун ба пешбинӣ набуда пас Худое нест.

Ба илова, агар ашё бо ирода ва машиати азалӣ ба вуҷуд омада бошанд, лозим аст дафъатан ба вуҷуд оянд, зеро иродаи Худованд мутлақ ва биломонеъ ва ғайри машрут аст. Лозимаи иродаи мутлақ ва биломонеъ ва ғайри машрут ин аст, ки ҳар чизеро, ки бихоҳад, бидуни як лаҳза фосила ба вуҷуд ояд. Аз ин рӯ дар китобҳои мазҳабӣ омадааст: "*Амри илоҳӣ чунон аст, ки чун чизеро бихоҳад ва бигӯяд бош, билофосила он чиз вуҷуд меёбад*". Пас, агар ҷаҳон ва мавҷудоти ҷаҳон ба василаи ирода ва машиати илоҳӣ ба вуҷуд омада бошанд, лозим меояд, ки ҷаҳон ба ҳар шакл ва ҳар вазъе, ки дар ниҳояти амр бояд мавҷуд гардад, аз ҳамон аввал мавҷуд гардад.

Натиҷаи ин ду баён — ки яке марбут ба илми азалӣ буд ва дигаре марбут ба машиати азалӣ — ин ки агар Худое дар ҷаҳон бошад, ҳам илми азалӣ ҳаст ва ҳам машиати азалӣ, ва муқтазои илми азалӣ ва ҳамчунин муқтазои машиат ва иродаи азалӣ ин аст, ки ашё дафъатан ба вуҷуд омада бошанд.

* * *

Посух ин аст, ки: на натиҷаи илми азалӣ дафъиюлвуҷуд будани ашё аст ва на натиҷаи ирода ва машиати азалӣ, ва на ҳатто илоҳиюни ҷаҳон ва ё китобҳои мазҳабӣ ин масъаларо инчунин тарҳ кардаанд. Дар китобҳои мазҳабӣ омадааст, ки Худованд осмонҳоро дар шаш рӯз офарид.

Мурод аз ин рӯзҳо ҳар чӣ бошад, хоҳ мурод шаш давра аст ва ё мурод шаш рӯзи рубубӣ аст, ки ҳар рӯзаш баробар аст бо ҳазор сол ва ё мурод шаш рӯзи маъмулӣ яъне муодили 144 соат аст, ба ҳар ҳол аз ин ҷумла "тадриҷ" фаҳмида мешавад. Ҳеч гоҳ илоҳиюн ин масъаларо тарҳ накардаанд, ки илми азалӣ ва ё машиати мутлақаи азалӣ эҷоб мекарда, ки осмонҳо дар як лаҳза ва як он офарида шавад. Пас чӣ гуна аст, ки дар китобҳои мазҳабӣ омадааст, ки тадриҷан ва дар тӯли як замони муайян офарида шудааст? Ва низ Қуръони Карим бо камоли сароҳат хилқати тадриҷии ҷанинро дар раҳим матраҳ мекунад ва онро ба унвони далеле бар маърифати Худо

ёд менамояд. Аҳаде то кунун нагуфтааст, лозимаи илми азалӣ ва машиати азалӣ — ки чун ба чизе таъаллуқ бигирад ва бигӯяд бош, мавҷуд мешавад — ин аст, ки ҷанин дар як лаҳза пайдо гардад.

Ин аз назари китобҳои мазҳабӣ. Аммо аз назари фалсафӣ ин ки гуфта шуд лозимаи илми азалӣ ин аст, ки тасодуф ба ҳеч ваҷҳ нақши муассире надошта бошад, тавзеҳеро эҷоб мекунад.

Аз назари фалосифа, судфа ва иттифоқ, ва ба таъбире дигар, тасодуф, ба ҳеч ваҷҳ вуҷуд надорад ва он чӣ башар онро ба номи тасодуф меномад, воқеан аз навъи тасодуф нест; бо соири иллатҳо ва маълулот ва муқаддамот ва натоиҷ, кучактарин тафовуте аз лиҳози моҳият надорад.

Калимаи тасодуф дар ду маврид истеъмол мешавад:

1) Яке дар мавриди пайдоиши ҳодисае бидуни иллати фоъилӣ. Яъне ин ки фарз кунем падидае, ки набуд ва падид шуд, худ ба худ ва бидуни таъсири ҳеч омиле падид шуд. Ин навъ аз тасодуфот аз тарафи ҳамаи мактабҳо, аъамм аз илоҳӣ ва моддӣ, мардуд аст. Моддигароён низ дар хилқати олам чунин фарзеро намепазиранд. Ин навъ аз тасодуф аз маҳалли баҳси феълии мо низ хориҷ аст. Касоне, ки муддаӣ ҳастанд, ки тағйироти андоми ҳайвонҳо тасодуфӣ будааст, манзурашон ин навъ аз тасодуф нест.

2) Мавриди дигари истеъмоли ин калима ин аст, ки фарз шавад натиҷае аз муқаддимае пайдо шавад, ки муқаддимаи ӯ нест ва аз муқаддимае натиҷае пайдо шавад, ки он натиҷа, натиҷаи ин муқаддима нест, балки натиҷаи табиии муқаддамоти дигар аст, ки вуҷуд наёфтааст. Масалан, агар шумо аз Теҳрон савори автомобил шавед ва роҳи Теҳрон-Қумро пеш бигиред ва баъд аз ду се соат ба Қум бирасед, ҳаргиз намегӯед бо автомобил дар ин роҳ роҳ афтодам ва тасодуфан ба Қум расидам, зеро лозимаи табиии ин навъ сайру ҳаракат, расидан ба Қум аст. Вале агар як дӯсти қадимӣ дошта бошед, ки солҳост ӯро надидаед ва дар вақте, ки ба Қум меравед, абадан дар фикри ӯ ва дар ҷустуҷӯи ӯ нестед, ҳамин, ки дар байни роҳи Теҳрон ва Қум ба Алиобод расидед, барои рафъи хастагӣ пиёда шудед ва дар канори як миз як сандалии холӣ ёфтед ва рафтед, ки биншинед, ногаҳон рафиқи худатонро

дидед, ки бист сол буд надида будед ва маълум шуд дар Шероз буда ва меомада ба Теҳрон ва ӯ ҳам барои рафъи хастагӣ омада лаҳзае биншинад ва бо шумо баробар шудааст, дар инҷо ҳар ду нафар мегӯед, дар байни роҳи Қум ва Теҳрон тасодуфан ба ҳам расидем.

Ин ки ҳар ду нафар ин мулоқотро тасодуф талаққӣ мекунед, аз ин ҷиҳат аст, ки лозимаи табиати куллии ҳаракат аз Қум ба Теҳрон ва аз Теҳрон ба Қум чунин бархӯрде нест. Агар лозимааш ин буд, бояд ҳар вақт ва ҳар замон ва дар ҳар шароите, ки шумо аз Теҳрон ба Қум ҳаракат кунед, чунин бархӯрде даст диҳад, ва ҳол он ки чунин нест. Танҳо ин сафар, ки сафаре хосс буда ва дар замоне хосс сурат гирифтааст ва мақрун ба шароити хоссе будааст, ин натиҷаро ба бор овардааст ва ба ҳамин ҷиҳат ин мулоқот на барои шумо ва на барои дӯсти шумо ва на барои ҳар фарди дигаре монанди шумо қобили пешбинӣ набудааст. Ва агар шумо ё дӯстатон мехостед тарҳе барои сафаратон таҳия кунед, ҳаргиз наметавонистед бархӯрди дунафарии худро дар Алиобод дар тарҳ бигунҷонед, вале чизҳое, ки аз лавозими табиии ҳаракат байни Қум ва Теҳрон аст қобили пешбинӣ ва қобили гунҷонидан дар як тарҳи қаблӣ буд.

Аммо агар назари худро аз табиати куллии ҳаракат аз Теҳрон ба Қум, ба сӯи ҳамон ҳаракати хоссе, ки дар замони хосс ва шароити хосс анҷом додаед маътуф кунед ва онро дар ҳоле, ки мақрун ба як силсила шароит ва авзоъ аст ва муқорини як силсила ҳаводиси дигар аст дар назар бигиред, мебинед, ки бархӯрди шумо бо рафиқатон дар он нуқтаи муайян ва дар он лаҳзаи муайян, ба ҳеч ваҷҳ тасодуфӣ набуда, балки комилан зарурӣ ва табиӣ ва натиҷаи қаҳрии ҳаракати шумо ба Қум будааст ва барои касе, ки бар маҷмӯи авзоъ ва аҳволи шумо ду нафар огоҳ буда комилан қобили пешбинӣ низ будааст.

Ин бархӯрд аз назари касе тасодуфист, ки табиати куллии ҳаракат аз Теҳрон ба Қумро мебинад. Албатта табиати куллӣ ва умумии ин ҳаракат як силсила лавозими маҳдуд дорад. Он чӣ аз маҳдудаи он лавозим хориҷ бошад, аз назари табиати куллии ин ҳаракат амре тасодуфӣ аст.

Аммо он чӣ вуҷуд дорад, танҳо табиати омм нест; он чӣ вуҷуд дорад он табиат аст ба иловаи як силсила шароит ва замоим, ва бо дар назар гирифтани он шароит ва замоим аст, ки тасодуф аз миён бармехезад.

Дар инҷо мисоли дигаре зикр мекунем, то равшан шавад чӣ гуна тасодуф ва иттифоқ як амри нисбӣ аст; яъне аз назари касе, ки аз асбоб ва иллатҳо бехабар аст тасодуф аст, аммо аз назари олим ба асбоб ва иллатҳо, тасодуф ва иттифоқе дар кор нест.

Фарз кунед ду нафарро, ки ҳар ду узви як идораанд ва аз як марказ фармон мегиранд. Яке аз ин ду нафар, ки оқои А аст, маъмури Хуросон ва дигаре, ки оқои В аст, маъмури Исфаҳон аст. Аз марказ дастур мерасад ба оқои А, ки фалон рӯз барои фалон кор ба фалон нуқтаи осебдида биравад, ва пас аз чанде дастур ба оқои В мерасад, ки дар ҳамон рӯз барои анҷоми як маъмурияти дигар ба ҳамон нуқта биравад. Бадеҳист, ки оқои А ва оқои В якдигарро дар ҳамон маҳалл мулоқот мекунанд ва ин мулоқот барои ҳар ду нафари онҳо ҷанбаи тасодуфӣ дорад. Ҳар ду нафар мегӯянд дар фалон рӯз дар фалон нуқта тасодуфан якдигарро мулоқот кардем. Ҳар кадом аз инҳо, ки табиати кори худро дар назар мегирад, мебинад лозимаи ҳеч як аз инҳо он бархӯрд ва мулоқот набудааст ва мебинад аз назари ҳеч як аз онҳо ин мулоқот қобили пешбинӣ набудааст. Аммо аз назари марказ, ки ҳар ду маъмурияти ба зоҳир ҷудо ва беиртиботро ӯ идора мекардааст ва ба фармони ӯ сурат гирифтааст, ба ҳеч ваҷҳ тасодуф нест. Аз назари марказ, ки аз як тараф, хатти сайр аз Исфаҳонро то он нуқта, ва аз тарафи дигар, хатти сайри Машҳадро то он нуқта ба вуҷуд овардааст ва ҳар дуро тавре танзим карда, ки дар рӯзи муайян ҳар ду нафар ба он нуқта бирасанд, мулоқот ва бархӯрди ҳар ду нафар бисёр табиӣ ва қаҳрӣ аст. Ӯ наметавонад бигӯяд ин ду нафарро ман фиристодам ва тасодуфан дар як нуқта ба ҳам расиданд. Пас, тасодуф ва иттифоқ амре нисбӣ аст. Яъне нисбат ба касе, ки беиттилоъ аз ҷараёнҳост тасодуф аст, аммо нисбат ба касе, ки огоҳ бар матни ҷараёнот аст ва ба ҳамаи авзоъ ва шароит иҳота дорад — ва дар воқеъ нисбат ба матни воқеъ — ба ҳеч ваҷҳ тасодуф ва иттифоқе дар кор нест. Ин аст, ки мегӯянд:

**يقول الاتفاق جاهل السبب**

Яъне он чӣ иттифоқ ва тасодуф номида мешавад, нисбат ба ҷоҳил ба асбоб ва иллатҳо иттифоқ ва тасодуф аст, на нисбат ба олим ва муҳит бар ҷараёнот.

Аз инҷо маълум мешавад, ки барои зоти Борӣ Таъоло, ва дар ҳақиқат бояд бигӯем аз назари матни воқеъ, тасодуф ва иттифоқе дар кор нест. Пас, ин ки гуфта мешавад, *"агар қоил ба Худо бошем, бояд қабул кунем, ки ҳаводиси ҷаҳон тибқи тарҳи қаблӣ ва қобили пешбинӣ буда ва тасодуф ва иттифоқ дар кор набуда ва нақше надоштааст, ва ҳол он ки улум барои тасодуф ва иттифоқ нақши муассир ва муҳимме қоиланд"* — сухане беҳуда аст.

Ин тасодуф нисбат ба мо, ки ҷоҳил ба маҷмӯи иллатҳо ва асбобем, тасодуф аст, на нисбат ба Худованд, ки холиқ ва офаринандаи кулл аст ва муҳит бар ҳамаи асбоб ва авзоъ ва аҳвол ва иллатҳо ва шароит аст.

* * *

Аммо масъалаи иродаи азалӣ ва машиати азалӣ. Ин эрод аз эроди аввал сусттар аст. Аҷабо! Тасаввур шудааст, ки лозимаи машиати мутлақаи азалия ин аст, ки вуҷуди ҳамаи махлуқот дафъӣ ва онӣ бошад. Чӣ иштибоҳи бузурге! Лозимаи машиат ва иродаи мутлақа ин аст, ки ҳар чизе ҳамчунон ки ӯ мехоҳад ва ба шакле, ки ӯ мехоҳад, бидуни ҳеч монеъе ба вуҷуд ояд ва ҳеч фасле миёни иродаи ӯ ва шайъи иродашуда вуҷуд надошта бошад, на ин ки ҳар чизе, ки ирода мекунад дафъатан ба вуҷуд ояд, яъне дафъиюлвуҷуд бошад.

Тавзеҳ ин ки мо — ки ирода ва машиатамон ноқис ва маҳдуд аст — агар чизеро ирода кунем, бояд мутавассил ба чизҳое ғайр аз иродаи худ бишавем ва то он асбоб ва васоилро таҳсил накунем, аз иродаи мо коре сохта нест. Ҳамчунин як силсила аз мавонеъро бояд рафъ кунем ва бо вуҷуди он мавонеъ низ аз иродаи мо коре сохта нест. Аммо иродаи Худованд чун муҳит бар ҳама чиз аст ва ҳама чиз ба иродаи ӯст, асбоб ва васоит ва мавонеъ низ мавлуди ирода ва машиати ӯст. Пас, дар мартибае, ки иродаи ӯ ҳоким аст, ҳеч чизе дар баробари ӯ ба унвони шарт ё сабаб ё монеъ вуҷуд надорад; ҳамаи шурут ва асбоб ва мавонеъ ва заволи мавонеъ, маҳкуми иродаи ӯ яъне тобеъи иродаи ӯст. Пас, он чӣ ӯ ирода мекунад, бидуни ҳеч вақфае ҳамон тавр аст, ки ӯ ирода кардааст. Агар вуҷуди чизе мавқуф ба як силсила шароит аст, аз

назари он чиз саҳеҳ аст, ки бигӯем машрут ба шароите аст, аммо аз назари иродаи илоҳӣ саҳеҳ нест гуфта шавад, ки машрут ба шароите аст. Яъне иҷрои иродаи илоҳӣ машрут ба чизе нест, балки иродаи илоҳӣ онро бо ҳамон шарт ирода кардааст ва он ҳам бидуни вақфае ба ҳамон наҳв, ки ирода шуда ба вуҷуд омадааст.

Пас, маънии ин ки иродаи илоҳӣ мутлақ аст ин аст, ки ӯ ҳар чӣ бихоҳад ба ҳамон наҳв, ки мехоҳад — бидуни ин ки иҷрои иродааш мутаваққиф бар амре моварои худаш бошад — анҷом мегирад. Пас, агар ӯ вуҷуди чизеро ба шакли дафъӣ бихоҳад, он чиз ба сурати онӣ ва дафъӣ ба вуҷуд меояд. Ва агар вуҷуди чизеро ба сурати тадриҷӣ бихоҳад, он чиз ба сурати тадриҷӣ ба вуҷуд меояд; бастагӣ дорад, ки наҳваи вуҷуди он чиз чӣ наҳваи вуҷуд бошад ва зоти аҳадият вуҷуди он чизро ба чӣ шакле ирода карда бошад.

Агар ирода ва машиат ва ҳикмати илоҳӣ таъаллуқ гирифтааст, ки ҷондорон тадриҷан ва дар тӯли милёрдҳо сол пайдо гарданд, табъан мавҷудот ба ҳамон наҳв вуҷуд меёбанд. Пас, ғалат аст, ки бигӯем лозимаи машиати мутлақаи илоҳӣ ин аст, ки ҳама чиз дафъиюлвуҷуд бошад. Хайр, лозимаи машиати мутлақаи илоҳӣ ин аст, ки ҳама чиз ба ҳамон наҳв, ки ӯ ирода кардааст, хоҳ ба сурати дафъӣ ва хоҳ ба сурат тадриҷӣ, бидуни таваққуф ба амре моварои иродаи парвардигор, вуҷуд пайдо кунад.

Ба илова, ҳукамо собит кардаанд, ки умури тадриҷиюлвуҷуд наҳваи вуҷудашон мунҳасир ба тадриҷӣ аст; навъе дигар аз вуҷуд, яъне вуҷуди собит ва дафъӣ, бар онҳо маҳол аст.

Пас, қобилияти қобил низ иқтизо мекунад тадриҷро. Садрулмутааллиҳин навъе ҳаракат дар олам исбот кардааст, ки онро “ҳаракати ҷавҳария” меноманд. Бино бар асли ҳаракати ҷавҳария, ҳеч амри собите дар табиат вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад; ҳама чиз дар табиат тадриҷиюлвуҷуд аст ва ҷуз ин наметавонад бошад. Ин файласуф, ки дар айни ҳол як орифи илоҳист, ҳаргиз дар мухайялааш хутур намекард, ки рӯзе мардуме дар ҷаҳон пайдо шаванд ва лозимаи илми азалии илоҳӣ ва ё машиати азалии илоҳиро дафъиюлвуҷуд будани ҳамаи ашёъ бипиндоранд.

Мо дар чанд сол пеш мақолае таҳти унвони “*Тавҳид ва такомул*” навиштем ва роҳҳои иштибоҳи файласуфони Мағрибзаминро дар тазодди тавҳид бо асли такомул равшан кардем.

**Азалияти модда**

Боз аз ҷумла намунаҳои норасоии фалсафаи ғарбӣ ин аст, ки хаёл кардаанд назарияи азалияти модда, бо эътиқод ба Худо мунофӣ аст, ва ҳол он ки ҳеч мулозимае миёни ин назария ва инкори Худованд нест, балки ҳукамои илоҳӣ мӯътақиданд, ки лозимаи эътиқод ба Худованд, эътиқод ба азалият ва давоми файёзияти ӯ ва давоми холиқияти ӯст, ки мусталзими азалияти халқ аст.

Яке аз донишмандони русӣ дар мақолае, ки ба форсӣ дар яке аз маҷаллаҳо дар чанд сол пеш тарҷума шуда буд, навишта буд, ки Абӯалӣ ибни Сино дар миёни материализм ва идеализм дар навасон будааст.

Чаро ин донишманд дар бораи Ибни Сино инчунин изҳори назаре мекунад, ва ҳол ин ки яке аз мушаххасоти Ибни Сино ин аст, ки дар оро ва ақоиди худаш ба як равиш рафта аст ва тазабзуб ва таноқуз дар гуфтаҳояш ёфт намешавад. Шояд ҳофизаи нерӯманд ва фавқулъодааш, ки ҳеч гоҳ афкорашро фаромӯш намекард, яке аз иллатҳои ин вежагӣ аст.

Ин донишманди русӣ чун дидааст, Ибни Сино аз тарафе қоил ба азалияти модда аст ва барои замон ибтидо қоил набудааст, фикр карда пас ӯ материалист аст. Ва аз тарафи дигар, дидааст, ки аз Худо ва офариниш ва иллати нахустин дам мезанад, бо худ фикр карда, ки Бӯалӣ ба истилоҳ идеалист аст; пас, Бӯалӣ дар миёни ду қутби материализм ва идеализм дар навасон буда ва ақидаи собите дар ин замина надоштааст.

Он донишманди русӣ аз ин ҷиҳат дар бораи Бӯалӣ инчунин андешида, ки назарияи азалияти моддаро бо махлуқ будани он ва махлуқ будани ҳамаи ҷаҳон мунофӣ донистааст, ва ҳол он ки дар мантиқи Ибни Сино, ки масъалаи “маноти (меъёри) ниёзмандӣ ба иллат”-ро баррасӣ кардааст ва маноти ниёзмандӣ ба иллатро “имкони зотӣ” ташхис дода на ҳудус, ҳеч гуна таноқузе миёни ин ду вуҷуд надорад. Қаблан масъалаи “маноти ниёзмандӣ ба иллат”-ро, ки аз муҳимтарин масоили

фалсафӣ аст ва танҳо дар фалсафаи исломӣ он масъала тарҳ шудааст, тарҳ кардем ва равшан кардем, ки лозимаи маълулият ва махлуқият, “ҳудуси замонӣ” нест. Монеъе нест, ки як мавҷуд вуҷуди азалӣ ва абадӣ дошта бошад ва дар айни ҳол вуҷудаш “аз ғайр” бошад. Дар бораи ин масъала боз ҳам сухан хоҳем гуфт.

### Худо ё озодӣ?

Масъалаи маъруфе ҳаст дар фалсафа ва калом ва ахлоқ ба номи “ҷабру ихтиёр”. Баҳс дар ин аст, ки оё инсон дар корҳои худ маҷбур аст ва озодӣ барои интихоб надорад, ва ё ҳурру озод ва мухтор аст? Масъалаи дигаре дар илоҳиёт ҳаст ба номи “қазо ва қадар”. Қазо ва қадар яъне ҳукми қатъии илоҳӣ дар ҷараёноти корҳои олам ва ҳудуду андозаҳои онҳо.

Дар масъалаи қазо ва қадар баҳс дар ин аст, ки оё қазо ва қадари илоҳӣ омм аст ва шомили ҳамаи ашё ва ҷараёнот аст ё на? Ва агар омм аст, таклифи озодӣ ва ихтиёри инсон чӣ мешавад? Оё мумкин аст, ки ҳам қазо ва қадари илоҳӣ омм ва куллӣ бошад, ва ҳам инсон нақши озод ва мухтор дошта бошад? Ҷавоб ин аст, ки бале. Мо худ дар рисолае, ки дар ҳамин мавзӯъ навиштаем ва бо номи “*Инсон ва сарнавишт*” чоп шудааст, дар ин бора баҳс кардаем ва собит кардаем, ки ҳеч гуна мунофот миёни қазои омми илоҳӣ аз як тараф, ва ихтиёр ва озодии инсон аз тарафи дигар нест. Ва албатта он чӣ мо дар онҷо гуфтаем чизе нест, ки аввалин мартиба мо гуфта бошем. Он чӣ гуфтаем, иқтибос аз Қуръони Карим аст ва қабл аз мо дигарон иқтибос кардаанд, махсусан ҳукамои исломӣ муфассал дар ин боб баҳс кардаанд.

Аммо имрӯз, ки ба ҷаҳони Урупо менигарем, мебинем афроде монанди Жан Пол Сартр дар шашу панҷи ин масъала гирифторанд ва чун дар фалсафаи худ ба масъалаи интихоб ва ихтиёр ва озодӣ такя кардаанд, Худоро намехоҳанд қабул кунанд. Жан Пол Сартр мегӯяд: “*Чун ба озодӣ имону эътиқод дорам, наметавонам ба Худо имон ва эътиқод дошта бошам, зеро агар Худоро бипазирам, ночорам қазо ва қадарро бипазирам. Ва агар қазо ва қадарро бипазирам, озодии фардро наметавонам бипазирам. Ва чун намехоҳам озодиро напазирам ва ба озодӣ алоқа ва имон дорам, пас ба Худо имон надорам.*”

Аз назари ислом, эътиқод ва имон ба Худо мусовӣ аст бо ин ки инсон озод ва мухтор бошад. Озодӣ ба маънои воқеӣ, гавҳари инсон аст. Қуръони Карим Худоро бисёр бузург ва ирода ва машиаташро омм муаррифӣ мекунад, вале аз озодӣ низ сахт дифоъ мекунад:

**هَلْ أَتَى عَلَى الْإِنسَانِ حِينٌ مِّنَ الدَّهْرِ لَمْ يَكُن شَيْئًا مَّذْكُورًا. إِنَّا خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن نُّطْفَةٍ أَمْشَاجٍ نَّبْتَلِيهِ فَجَعَلْنَاهُ سَمِيعًا بَصِيرًا. إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا**

*"Оё (чунин набуд, ки) замоне тӯлонӣ бар инсон гузашт, ки чизи қобили зикре набуд? Мо инсонро аз нутфаи мухталите офаридем ва ӯро меозмойем, бад-ин ҷиҳат ӯро шунаво ва бино қарор додем. Мо роҳро ба ӯ нишон додем; ва ӯ худ мухтор аст, ки шукргузор бошад ё кофири неъмат."* (Сураи Инсон, оятҳои -1-3)

Яъне ӯ озод аст; мехоҳад роҳи саҳеҳро интихоб кунад ва мехоҳад роҳи куфрони неъматро интихоб кунад.

Боз Қуръон мефармояд:

**مَن كَانَ يُرِيدُ الْعَاجِلَةَ عَجَّلْنَا لَهُ فِيهَا مَا نَشَاء لِمَن نُّرِيدُ ثُمَّ جَعَلْنَا لَهُ جَهَنَّمَ يَصْلاهَا مَذْمُومًا مَّدْحُورًا. وَمَنْ أَرَادَ الآخِرَةَ وَسَعَى لَهَا سَعْيَهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُولَئِكَ كَانَ سَعْيُهُم مَّشْكُورًا. كُلاًّ نُّمِدُّ هَؤُلاء وَهَؤُلاء مِنْ عَطَاء رَبِّكَ وَمَا كَانَ عَطَاء رَبِّكَ مَحْظُورًا**

*"Ҳар ки ба неъматҳои зудгузар басанда кунад, аз он неъматҳо ҳар чӣ хоҳем ба ҳар кас, ки хоҳем, зуд диҳем, ва сипас ҷаҳаннамро барои ӯ қарор диҳем, ки дар он дохил шавад накӯҳида ва дур аз раҳмат. Ва ҳар кас, ки хонаи оқибат хоҳад ва барои он ба миқдори лозим ва шоиста кӯшиш кунад ва мӯъмин бошад, пас инон кӯшишашон қадрдонӣ хоҳад шуд. Ҳамаро – ҳам он гурӯҳ ва ҳам ин гурӯҳро — аз бахшиши парвардигорат мадад кунем, ва атои парвардигорат манъшуданӣ нест."* (Сураи Исро, оятҳои 18-20)

Оре, ин аст мантиқи Қуръон! Қуръон ҳеч мунофоте миёни қазои омми илоҳӣ ва ҳуррият ва ихтиёри инсон намебинад. Аз назари бурҳонӣ ва фалсафӣ низ, дар ҷои худ собит шудааст, ки миёни ин ду мунофоте нест. Аммо ин файласуфони қарни 20-ум хаёл кардаанд, ки танҳо агар Худоро напазиранд, озоданд; он ҳам бад-ин маънӣ, ки дар ин сурат метавонанд робитаи иродаи худро бо гузашта ва ҳозир, яъне бо таърих ва муҳит, қатъ кунанд ва бо чунин иродаи қатъшуда аз таърих ва муҳит, ояндаро интихоб кунанд ва бисозанд, ва ҳол он ки масъалаи ҷабру ихтиёр ба қабулу нафйи Худо марбут нест. Бо қабули Худо метавон барои иродаи инсон нақши фаъол ва озод қоил шуд, ҳамчунон ки бо нафйи Худо низ тибқи қонуни иллияти омма

метавон ба фарзияи озодии инсон эрод гирифт. Яъне решаи ҷабр ва ё таваҳҳуми ҷабр, эътиқод ба низоми қатъии иллату маълул аст, ки ҳам илоҳӣ ба он мӯътариф аст ва ҳам моддӣ. Агар мунофоте миёни низоми қатъии иллату маълул ва миёни озодӣ ва ихтиёри инсон нест — ҳамчунон, ки воқеан ҳам нест — эътиқод ба Худо сабаб намешавад мункири озодӣ бишавем. Тафсили бештари ин масъаларо аз китоби "*Инсон ва сарнавишт*" бихоҳед. Дар инҷо чанд намунаи дигар аз лағзишҳои фалсафии ғарбро дар илоҳиёт зикр мекунем.

### Тасодуф, Худо, иллият?

Барои он ки бештар бо тарзи тафаккури ғарбӣ — аъамм аз илоҳӣ ё моддӣ — дар бораи Худо огоҳ шавем, хуб аст ин баҳсро низ тарҳ кунем:

Гурӯҳе исботи Худоро дар гарави хадша ворид кардан бар қонуни иллият ва бар асли зарурати иллӣ ва маълулӣ пиндоштаанд. Яъне дар гарави ҳамон чизе, ки асоситарин пояи исботи вуҷуди Худованд аст; на танҳо асоситарин пояи исботи вуҷуди Худованд, балки асоси қабули ҳар назарияи илмӣ ва фалсафӣ аст.

Бертронд Росел дар китоби "*Ҷаҳонбинии илмӣ*" фасле боз карда таҳти унвони "*Илм ва дин*". Масоиле дар ин фасл унвон карда, ки ба гумони ӯ, маҳалли бархӯрди илм ва дин аст. Яке аз онҳо ҳамин масъала аст ва ӯ онро таҳти унвони "Ихтиёр" зикр кардааст. Иллати ин ки таҳти ин унвон зикр карда ин аст, ки дар тасаввури ғарбӣ, ихтиёр ва озодӣ, ки дар мавриди инсон ба кор бурда мешавад, иборат аст аз раҳоӣ аз қонуни иллият ва зарурати иллӣ ва маълулӣ. Пас, агар қонуни иллият ва қонуни мӯҷибият (қонуни зарурати иллӣ ва маълулӣ)-ро дар табиат инкор кунем, дар ҳақиқат ба навъе ихтиёр дар мавриди табиат қоил шудаем. Аз ин рӯ Росел ин баҳсро дар зери титри "Ихтиёр" тарҳ кардааст.

Ба ақидаи мо, тарҳи ин масъала зери ин титр ба навбаи худ нишонаи дигаре аст аз ин ки тафаккури ғарбӣ дар ин гуна масоил, дар чӣ сатҳе аст! Ба ҳар ҳол, Росел мегӯяд:

"*То ин охирҳо, агарчӣ ҳикмати котуликӣ асли ихтиёрро мепазируфт, бо ин ҳол майле ҳам ба қабули қавонини табиӣ дар ҷаҳони ҳастӣ нишон медод, ва ин асл фақат дар мавриди қабули мӯъҷизот истисно мепазируфт ва андаке таъдил меёфт… Яке аз*

*мароҳили рушди қобили таваҷҷӯҳе, ки ахиран дар шеваи амали пажӯҳишгарони мазҳабӣ ҳосил шудааст, талоше аст барои наҷоти ихтиёр ба дастёрии ҷаҳле, ки нисбат ба тарзи сулуки атомҳо доранд… Ҳанӯз бо ҳеч дараҷа итминоне наметавон эълом кард, ки усулан қонуне, ки аз ҷамиъи ҷиҳот шомили ҳаракоти атомҳо бошад, вуҷуд дорад ё ҳаракоти ин гуна атомҳо то андозае тасодуфӣ аст?.. Дар як атом ҳолатҳои мухталифе рӯй медиҳад, ки бо якдигар паёпаии мустамир надоранд ва бо фосилаҳои кучаке аз якдигар ҷудо мешаванд. Як атом метавонад як мартиба аз ҳолате ба ҳолати дигар ҷаҳиш кунад ва аз ин гуна ҷаҳишҳо барои атом фаровон иттифоқ меафтад. Дар ҳоли ҳозир қонуне вуҷуд надорад, то маълум кунад, ки дар фалон мавқеияти хосс, кадом ҷаҳиш рӯй хоҳад дод? Ва аз ин лиҳоз гуфта мешавад, ки атом таҳти ҳеч назму қоидае қарор намегирад, аммо дорои хоссияте аст, ки аз назари мушобеҳат шояд битавон ба ихтиёр таъбир кард. Эддингтон (Arthur Eddington, ахтарфизикдони англисӣ) дар китоби “Моҳияти ҷаҳони физикӣ” бо ҳамин имкон, саҳнаи бузурге оростааст.”*

Росел он гоҳ ба таърихчаи “асли адами мӯҷибият” пардохта ва изофа мекунад:

*“Ман дар шигифтам аз ин ки Эддингтон барои таъйиди ихтиёр ба ин асл мутавассил шуда бошад, зеро асли мазбур ба ҳеч ваҷҳ нишон намедиҳад, ки дар сайри табиат, ихтиёр вуҷуд дорад.”*

Он гоҳ дар бораи ин матлаб баҳс мекунад, ки он чӣ аз меконики квонтумӣ натиҷа мешавад, нафйи иллият нест; нафйи асли мӯҷибият (ва асли зарурати тараттуби маълул бар иллат) аст. Мегӯяд:

*“Пас, дар асли адами мӯҷибият чизе, ки нишон диҳад як воқеаи физикӣ бидуни иллат воқеъ мешавад, вуҷуд надорад… Ҳол, бармегардем ба атом ва ихтиёре, ки дар он пиндошта мешавад. Нахуст бояд донист, ки ҳанӯз маълум нест ҳаракати атом комилан сарсарӣ бошад. Иддаои қотеъият дар таъйид ва ё радди ин назария, ба як андоза ғайриилмӣ ва иштибоҳомез аст. Зеро илм дар ҳамин охирҳо ба кашфи ин нукта ноил омадааст, ки атом дар ҳавзаи амали қавонини физикӣ қадим нест ва бархе физикдонон бо бепарвоӣ аз ҳамин муқаддима натиҷа гирифтаанд, ки атом аслан дар ҳавзаи амали “қонун” нест… Одамӣ то чӣ андоза бояд бепарво бошад, ки рӯбинои ҳикматеро бар мабнои ҷаҳле бино кунад, ки фақат барои лаҳзае қобили давом бошад… Ба илова, эродҳои илмии маҳзе низ*

*алайҳи имон ба ихтиёр вуҷуд дорад. Баррасиҳое, ки то кунун дар мавриди рафтори ҳайвонот ё мавҷудоти инсонӣ ба амал омада равшан кардааст, ки дар инҷо низ монанди заминаҳои дигар метавон ба қавонини илмӣ (иллӣ) даст ёфт, ва ин ҳамон аст, ки дар таҷрибиёти Павлов озмудем. Саҳеҳ аст, ки мо наметавонем аъмоли одамиро бо ҳеч дараҷа аз куллият пешбинӣ кунем, лекин ин мавзӯъ то ҳадде марбут ба печидагии мекони змиодамӣ аст ва ҳаргиз баёнгари беқонунии маҳз — ки ботил буданаш дар ҳамаи мавориди таҷрибӣ ба сабт расидааст — нест ва касоне, ки моиланд ҷаҳони физикӣ аз вуҷуди қонун барканор бошад, ба назари ман натиҷаи ин майли худро дарнамеёбанд. Ҳамаи истинботи мо аз ҷараёни табиат бар асли иллият устувор аст, ва агар табиат таҳти лагоми қонун набошад, маҷмӯи чунин истинботе нақши бар об хоҳад буд. Дар он сурат, дигар нахоҳем тавонист аз чизе, ки ҳамаи ҷавониби онро шахсан наёзмудаем, огоҳӣ дошта бошем. Ва ҳатто агар ҷиддитар сӯҳбат кунем, огоҳии мо мунҳасир ба таҷрибаи худи мо хоҳад буд, он ҳам фақат дар ҳамон лаҳзаи огоҳӣ; чун ҳофиза низ ба куллӣ машмули қавонини иллият аст. Дар ин сурат, агар мо нотавон аз ин бошем, ки аз вуҷуди дигарон ва ҳатто аз гузаштаи худ истинботи муваҷҷаҳе дошта бошем, истинботи мо дар бораи Худо ё ҳар чизи дигаре, ки ҳукамои илоҳӣ орзуи онро доранд, басе ночизтар хоҳад буд… Дар воқеъ, ҳеч далели қонеъкунандае бар ин фарз вуҷуд надорад, ки ҳаракоти атомҳо тобеъи қонун набошанд, зеро фақат дар ҳамин охирҳо равишҳои таҷрибӣ тавонистаанд огоҳиҳое аз ҳаракоти атомҳои муҷаррадро ба даст биёваранд ва ҳеч баъид нест қавонини ҳоким бар ин ҳаракот ҳанӯз кашф нашуда бошанд…" (Росел. Ҷаҳонбинии илмӣ, тарҷумаи Ҳасан Мансур, с.82-88*)

Мо назари Роселро доир бар ин ки ҳеч далели қонеъкунандае бар бе қонун будани ҳаракоти атомҳо ироа нашудааст, таъйид мекунем ва балки муддаӣ ҳастем маҳол аст чунин далеле вуҷуд дошта бошад ё дар оянда пайдо шавад. Ва ҳамчунин назари вайро дар бораи ин ки агар қонуни иллият дар кор набошад ва ҷаҳон бе қонун бошад, ҳамаи истинботҳои мо дар бораи ҷаҳон ва дар бораи Худо ва дар бораи ҳар чизи дигар нақши бар об хоҳад буд, комилан саҳеҳ медонем.

Он чӣ Росел дар посухи муддаиёни бе қонун будани ҷаҳон (лоақалл дар даруни зарроти атомӣ) изҳор доштааст, ҳамон аст, ки ҳукамои илоҳии исломӣ дар посухи

Ашоира, ки мехостанд мункири зарурати иллӣ ва маълулӣ бишаванд, изҳор доштаанд. Мо дар поварақиҳои “*Усули фалсафа ва равиши реализм*” ва дар китоби “*Инсон ва сарнавишт*” назари худро дар бораи ин асл баён кардаем. Вале дар инҷо наметавонем аз изҳори тааҷҷуб дар бораи ду матлаб худдорӣ кунем:

Яке ин ки: гурӯҳе ба истилоҳ илоҳӣ хостаанд аз роҳи нафйи иллият, ва ба қавли худашон, аз роҳи ихтиёр, ва аз роҳи нафйи зарурати иллӣ ва маълулӣ ва инкори синхияти иллату маълул (иллати муайян маълули муайян ба вуҷуд меоварад) вуҷуди Худовандро исбот кунанд.

Ҳар кас, ки андак ошноӣ бо илоҳиёти исломӣ дошта бошад, медонад, ки қабули асли иллият, асли зарурати иллӣ ва маълулӣ ва асли синхияти иллату маълул, ҷузъи алифбои илоҳиёт аст.

Дигар ин ки: оқои Росел пиндошта, ки бо инкори асли иллият, танҳо зарбае, ки бар пайкари улум ворид мешавад ин аст, ки наметавонем натиҷаи таҷрибаҳои илмии худро таъмим диҳем, зеро таъмими мавриди таҷрибанашуда муттакӣ бар ин асл аст, ки: “иллатҳои яксон, дар мавориди яксон ба таври яксон амал мекунанд” . Ғофил аз ин ки бо инкори асли иллият ҳатто дар мавриди чизе, ки ҳамаи ҷавониби онро озмудаем низ наметавонем дар ҳамон ҳудуде, ки озмудаем иттилое ба даст оварем, зеро иттилои ҳиссӣ ва таҷрибии мо аз хориҷ низ тобеъи қонуни иллият аст. Агар қонуни иллият дар кор набошад, чизе оиди мо намешавад.

Оқои Росел мукаррар дар китоби “*Ҷаҳонбинӣ*”-и худ ин назарро таъйид мекунад, ки физики ҷадид ба сӯи бе қонун будани ҷаҳон пеш меравад. Аммо матлаби асосӣ ин аст, ки қонуни иллият қонуни физикӣ нест, (балки) қонуни фалсафӣ аст; аз ин рӯ, физик на метавонад онро исбот кунад ва на нафй. Вале оқои Росел ба қонуни фалсафии мустақил аз дастовардҳои улум эътиқод надорад ва ночор дар ин гирдобҳо барои ҳамеша бояд мутаҳайир бимонад.

Мо дар поварақиҳои “*Усули фалсафа ва равиши реализм*” — мақолаи “*Пайдоиши касрат дар идрокот*” — дар бораи маншаи пайдоиши мафҳуми иллият ва кайфияти интиқоли зеҳн ба ин мафҳум ва тасдиқ ба воқеияти он, баҳс кардаем ва хонандаро ба он китоб ирҷоъ медиҳем.

## Мафҳуми офариниш

Аз ҷумлаи сардаргумиҳои ғарбӣ аз ноҳияи фалсафӣ, ки ба масъалаи иллият марбут мешавад, таҳлил ва баррасии офариниш аст. Офариниш ё хилқат яъне чӣ? Оё офариниш ба маънии ин аст, ки офаринанда маъдумеро мавҷуд мекунад, ё ба маънии ин аст, ки мавҷудеро мавҷуд мекунад? Ҳеч кадом аз инҳо мафҳуми маъқуле надорад ва шиққи севвуме ҳам фарз намешавад.

Ба иборати дигар, он чӣ ба василаи як нерӯ офарида мешавад ё мавҷуд аст ё маъдум. Агар мавҷуд аст, офариниши ӯ, аз қабили таҳсили ҳосил аст, зеро мавҷудро эҷод кардан ба маънии ин аст, ки чизеро, ки як шайъ дорои он аст, ба ӯ бидиҳем, мисли ин ки масалан хатти ростро рост кунем. Ва агар маъдум аст, офариниши ӯ аз навъи таҳаққуқ бахшидан ба таноқуз аст; зеро маъдумро мавҷуд кардан яъне адамро табдил ба вуҷуд кардан, ва табаддули адам ба вуҷуд яъне ин ки адам вуҷуд, ва нестӣ ҳастӣ бишавад, ва ин таноқуз аст. Пас, офариниш ё табдили вуҷуд ба вуҷуд аст ва ё табдили адам ба вуҷуд. Аввалӣ таҳсили ҳосил аст ва дуввумӣ таноқуз, ва ҳар ду маҳол аст.

Ин аст шубҳаи маъруфе, ки дар ин замина ҳаст. Дар миёни уламои исломӣ, он ки беҳтар аз ҳама ин шубҳаро парвариш дода Имом Фахруддини Розӣ аст.

Ҳукамои исломӣ ҳисоби мустақилле барои ин масъала боз кардаанд, ки ба “масъалаи ҷаъл” маъруф аст ва таҳлили олӣ ва дақиқ дар мафҳуми иллият, офариниш ва амсоли инҳо ба амал овардаанд ва ин шубҳаро решакан кардаанд.

Аввалан, нишон додаанд, ки агар ин истидлол саҳеҳ бошад, ба таври куллӣ иллиятро якҷо бояд канор гузошт, аъамм аз иллияти табиӣ яъне таҳрик ва табдили чизе ба чизи дигар, ва ё иллияти илоҳӣ яъне эҷод ва офариниш.

Сониян, муҳаққақ сохтаанд, ки ду навъ иллият ва ду навъ “ҷаъл” мутасаввар аст: яке, ҷаъли басит ва дигар, ҷаъли мураккаб. Ҳамаи он таваҳҳумот аз инҷо пайдо шуда, ки ҳамаи ҷаълҳо ва иллиятҳоро аз навъи ҷаъл ва иллияти мураккаб пиндоштаанд. Мо дар инҷо дар садади таҳқиқи он масъала, ки доманаи васеъе дорад нестем, ва агар ворид бишавем ва ҳамаи ҷавониби масъаларо тарҳ кунем, матлаб ба дарозо хоҳад кашид. Дар инҷо танҳо дар садади нишон додани иллатҳои гароиш ба моддигарӣ

аз назари норасоиҳои фалсафӣ дар Ғарб ҳастем ва ночор он андоза ин матлабро тарҳ мекунем, ки решае аз ин гароишҳоро ироа диҳем.

Яке аз он решаҳо ҳал нашудани мафҳуми офариниш, ва ба ибораи дигар, таҳлили дақиқ нашудани мафҳуми иллият аст, ки дар фалсафаи исломӣ дар мабҳаси маъруфи "ҷаъл" ба амал омадааст.

Дар инҷо ба ин муносибат муҷаддадан иборote аз Росел ба унвони як файласуфи моддии Ғарб нақл мекунем. Бертронд Росел дар китоби собиқуззикр дар фасли номбурдашуда баҳсеро таҳти унвони "*Худои офаридгор*" тарҳ кардааст. Дар онҷо назарияи маъруфи физики ҷадидро матраҳ кардааст мабнӣ бар ин ки ҷаҳон рӯ ба таҳлил (завб шудан) ва коҳиш меравад, пас, далел бар ин аст, ки ҷаҳон поён дорад. Ва ин, ба навбаи худ, далел бар ин аст, ки ҷаҳон нуқтаи оғозе аз назари замон дорад, зеро он чӣ оғоз надорад поён надорад, ва он чӣ поён дорад ҳатман оғоз дорад. Вале мумкин аст чизе оғоз дошта бошад ва поённопазир ҳам бошад. Аз инҷо натиҷа гирифта шуда, ки пас, ҷаҳон ба василаи як нерӯ офарида шудааст, пас назарияи моддигароён ботил аст.

Росел дар мақоми баёни ин матлаб, ки назарияи ҷадид таъйиде бар назарияи илоҳиюн нест, мегӯяд:

*"Яке аз ҷиддитарин мушкилоте, ки дар асри ҳозир бо илм рӯ ба рӯст, аз ин ҳақиқат ношӣ мешавад, ки ҷаҳон зоҳиран рӯ ба таҳлил (завб шудан) меравад. Ба унвони намуна метавон аз аносури радиоактив ном бурд. Ин гуна аносур ба таври мудовим ба аносури соддатаре таҷзия мешаванд ва ҳанӯз феълу инфиъоле, ки дар ҷиҳати акси он барои аз нав ба вуҷуд овардани унсури мураккаб сурат бигирад, шинохта нашудааст. Албатта, ин нукта муҳимтарин ва мушкилтарин ҷанбаи таҳлил рафтани ҷаҳон нест, зеро агарчӣ мо феълу инфиъоли дигаре дар табиат суроғ надорем, ки ҷараёни акси ин феълу инфиъолро нишон диҳад, бо ин ҳол, метавонем вуҷуди чунон феълу инфиъолотеро тасаввур бикунем ва мумкин низ ҳаст, ки дар нуқтаи дигаре аз ҷаҳон ҳамчу амале сурат бигирад. Вале ҳангоме, ки ба қонуни дуввуми термодинамик мерасем, бо мушкили асоситаре рӯбарӯ мешавем. Дар ҳолати куллӣ, қонуни дуввуми термодинамик мегӯяд, ки агар ашёи ҷаҳон ба ҳоли худ гузошта шаванд, ба беназмӣ мегароянд ва ҳеҷ вақт сомони нахустини худро бознамеёбанд.*

*Аз инҷо чунин ба назар мерасад, ки рӯзе ҳамаи ҷаҳон вазъи комилан мураттабе дошта ва ҳар чизи он дар маҳалли муносиби худ буда, аз он вақт то кунун беназмӣ ҳарҷӣ бештар шуда то ҷое, ки имрӯз ҳеч амале магар як такони бисёр қавӣ наметавонад назми нахустинро бозгардонад.” (Росел, Ҷаҳонбинии илмӣ, тарҷумаи Ҳасан Мансур, с.92-93*)

Росел пас аз тавзеҳоте дар ин замина чунин ба сухани худ идома медиҳад:

*“Ҳар андоза, ки дар замони ҳастии олам ба ақиб сафар кунем, пас аз солҳои маҳдуде, мерасем ба марҳилае, ки — дар сурати сиҳҳати қонуни дуввуми термодинамик — пеш аз он ҷаҳоне вуҷуд надоштааст, ва ин иборат аз ҳамон ҳолати аввалия аст, ки тавзеъи энерҷӣ нобаробартарин вазъи мумкинро доро будааст.” (Ҳамон манбаъ, с.94*)

Он гоҳ ба нақли сухани Эддингтон ва тардиду таҳайюри ӯ дар ин ки дар ниҳояти амр чӣ назарияеро бояд интихоб кард мепардозад. Эддингтон мегӯяд:

*“Мушкили вуҷуди як гузаштаи номутаноҳӣ, мушкили ҳавлноке аст. Ин қобили фаҳм нест, ки мо ворисони замони муқаддимотии номаҳдуде бошем ва ин масъала низ, ки лаҳзае вуҷуд дошта, ки пеш аз он лаҳзаи дигаре набудааст, худ камтар аз он номафҳум нест.” (Ҳамон манбаъ, с.94*)

Худи Росел дар ниҳояти амр инчунин изҳори назар мекунад:

*“Ё бояд қонуни дуввуми термодинамик дар ҳар замон ва макон сидқ накунад ва ё ин ки мо бояд дар маҳдуд ангоштани ҷаҳони ҳастӣ аз лиҳози маконӣ иштибоҳ карда бошем. Аммо то рӯзе, ки ин гуна истидлолот ривоҷ доранд, ман тарҷеҳ медиҳам ба таври муваққат бипазирем, ки ҷаҳон дар замоне мутаноҳӣ, вале номаълум огоз ёфтааст. Оё аз инҷо метавонем истинбот кунем, ки ҷаҳон ба дасти офаринандае халқ шудааст? Дар сурати тавассул ба қавонини ношӣ аз равиши истинботи муваҷҷаҳи илмӣ, посух мутмаиннан манфӣ аст. Далеле вуҷуд надорад, ки ҷаҳон дафъатан эҷод нашуда бошад, ҷуз ин ки ин амр ба назар аҷиб менамояд. Аммо дар табиат, ҳеч қонуне вуҷуд надорад долл бар ин ки чизҳое, ки ба назари мо аҷиб бошанд, набояд рӯй бидиҳанд. Истинботи мо аз холиқ мутародиф аст бо истинботи як “иллат”, ва истинботҳои иллӣ дар ҳавзаи илм фақат замоне муҷоз ҳастанд, ки аз қавонини иллӣ огоз шуда бошанд. Хилқат аз адам чизе аст, ки ба таҷриба мумтанеъ аст. Аз ин рӯ тасаввури ин ки ҷаҳон ба дасти холиқе офарида шудааст, ба ҳеч ваҷҳ мантиқитар аз ин фарз нест, ки ҷаҳон бидуни иллат эҷод*

*шуда бошад, зеро ин ҳар ду, қавонини иллиеро, ки мо қодир ба мушоҳидаашон ҳастем, бо як қувва нақз мекунад.” (Ҳамон манбаъ, с.96 ва 97*)

Он чӣ нақл шуд шомили ду бахш аст:

1) Яке марбут ба физики ҷадид аст, ва изҳори назар дар бораи он дар салоҳияти илми илоҳӣ нест. Аз назари илми илоҳӣ, хилқат ва офариниш наметавонад маҳдуд бошад ва аз назари замонӣ нуқтаи оғозе дошта бошад, камо ин ки наметавонад дар як ҳадди муайян мутаваққиф гардад. Файзи илоҳӣ, чӣ аз назари оғоз ва чӣ аз назари анҷом, лоянқатеъ ва номутаноҳӣ аст. Ҷаҳони кунунӣ ба шакле, ки физик тасаввур мекунад, метавонад як ҳалқа аз ҳалақоти файзи илоҳӣ бошад, ки ба якдигар муттасил ва муртабитанд, аммо наметавонад ҳалқаи мунҳасир ба фард бошад. Аз назари илми илоҳӣ, маънии ин ки ҷаҳон дар замоне мутаноҳӣ оғоз ёфтааст, ин аст, ки ин қитъа аз хилқат нуқтаи оғозе дорад, на ин ки хилқат ва офариниш дар замони мутаноҳӣ оғоз ёфтааст.

2) Бахши дуввум марбут аст ба изҳори назарҳои “файласуфонаи” ин файласуфи қарни 20-ум. Ҳадафи аслии мо аз нақли калимоти Росел, ин бахш аст. Эшон дар ҳоли ҳозир, ки физики ҷадид назарияи таҳлил ва коҳиши тадриҷии ҷаҳонро таъйид мекунад, тарҷеҳ медиҳанд, ки бипазиранд ҷаҳон дар замоне мутаноҳӣ, вале номаълум оғоз ёфтааст, вале акнун, ки иҷборан бояд пазируфт ҷаҳон дар замоне мутаноҳӣ оғоз ёфтааст, дар инҷо ду фарзия вуҷуд дорад:

1) Яке ин ки ҷаҳон дар лаҳзаи оғоз ба дасти холиқе офарида шуда бошад;

2) Дигар ин ки дар он лаҳза худ ба худ ва бидуни дахолати ҳеч омиле ҳастии ҷаҳон оғоз шуда бошад.

Эшон муддаӣ ҳастанд, аз назари қавонини иллӣ ҳеч тарҷеҳе миёни ин ду фарзия нест; ҳар ду фарзия қавонини иллиро яксон нақз мекунанд. Ҳамон тавр, ки пайдоиши худ ба худи ҷаҳон бар хилофи қавонини иллист, пайдоиши ҷаҳон ба василаи як нерӯи офаринанда низ бар хилофи қавонини иллист; зеро қавонини иллӣ, ки мо қодир ба мушоҳидаи он ҳастем, истинтоҷҳоеро аз роҳи иллият муҷоз мешуморад, ки аз қавонини иллӣ оғоз шуда бошад. Яъне иллият ва маълулиятеро ба расмият мешиносад, ки худи иллат низ ба навбаи худ маълули иллати дигаре

бошад, аммо агар иллият ва маълулияте фарз шавад, ки иллат ба навбаи худ маълул набошад, бар хилофи асли иллият аст, ки дар ҳавзаи илм мӯътабар ба шумор меравад.

Агар иллият ва маълулияте фарз шавад, ки иллат ба навбаи худ маълули иллати дигаре набошад, мусталзими ин аст, ки хилқат аз адам сурат гирифта бошад ва хилқат аз адам чизе аст, ки ба таҷриба мумтанеъ аст.

Аввалан, оқои Росел мепиндорад, ки қонуни иллият аз навъи машҳудот ва маҳсусот аст. Таваҷҷӯҳ накарда ва ё нахостааст таваҷҷӯҳ кунад, ки иллият ва маълулият маҳсус нест. Он чӣ маҳсус аст пайдарпай ва таъоқуби ҳаводис аст, на иллият ва маълулияти онҳо, ва на қавонини куллии иллӣ ва маълулӣ, балки пайдарпай ва таъоқуб низ маҳсус нест, маъқул ва интизоъӣ аст.

Сонияи, мегӯяд, қонуни иллату маълул иллият ва маълулиятеро таъйид мекунад, ки иллат низ ба навбаи худ маълули иллати дигаре бошад ва фарзи иллият ва маълулияте, ки иллат маълули иллати дигар набошад, бар хилофи қонуни иллият ва маълулият аст.

Мепурсем, чаро? Фаразан мо қонуни иллиятро як қонуни таҷрибӣ бидонем, дар куҷои ин қонун чунин маҳдудияте ва тақйиде ҳаст? Магар тасаввури мо аз иллият ва маълулият ҷуз ин аст, ки ҳар падидае ниёзманд ба омиле аст, ки ӯро ба вуҷуд оварда бошад? Аммо ин ки худи омили мазбур низ бояд падидае бошад, ки ба ёрии омили дигар ба вуҷуд омада бошад ва он омил низ ба навбаи худ ҳамин тавр то бе ниҳоят, аз кадом таҷриба ба даст омадааст?

Солисан, хилқат аз адам ба таҷриба мумтанеъ аст яъне чӣ? Магар зарурат ва имтиноъ ҷузъи умури таҷрибӣ ҳастанд? Оё имтиноъ ё зарурат як падида ва як ҳолати моддӣ аст, ки қобили таҷриба ва эҳсос бошад? Ҳаддиаксар ин аст, ки то кунун хилқат аз адам мушоҳида нашуда бошад, аммо ин ки имтиноъаш бо таҷриба собит шуда бошад яъне чӣ?

Робеъан, чӣ фарқе ҳаст миёни иллият ва маълулияте, ки иллат худ маълули иллати дигаре бошад, бо иллият ва маълулияте, ки иллат маълули иллати дигаре набошад, ки аввалӣ хилқат аз адам нест ва дуввумӣ хилқат аз адам аст? Дар ҳар ду маврид,

вуҷуде вобаста ба вуҷуди дигар ва ношӣ аз вуҷуди дигар аст. Агар хилқат аз адам сурат гирифта, дар ҳар ду ҳолат сурат гирифта, ва агар сурат нагирифта, дар ҳеч ҳол сурат нагирифтааст.

Хомисан, тибқи гуфтаи ин файласуф, физики ҷадид ба ҳар ҳол қонуни иллиятро нақзшуда эълом кардааст, зеро ин физик илзом мекунад, ки барои ҷаҳон нуқтаи оғоз қоил шавем ва ду фарз ҳам бештар барои оғози ҷаҳон вуҷуд надорад ва ҳар ду фарз ҳам ба як қувва, қонуни иллиятро нақз мекунанд.

Пас бояд бипазирем тамоми истинботҳои мо дар бораи табиат ва ҷаҳон нақши бар об аст, зеро қаблан худи ҷаноби Росел пазируфт, ки ҳамаи истинботи мо аз ҷараёни табиат, бар асли иллият устувор аст, ва агар табиат таҳти лагоми қонун набошад, маҷмӯи чунин истинботе нақши бар об хоҳад буд.

Табиати ҳастӣ ё маҳкуми қонуни иллият ҳаст ва ё нест. Агар ҳаст, пайдоишаш ҳам бояд тобеъи қонуни иллият бошад. Ва агар нест, имкон надорад, ки табиат бе лагом падид омада ва баъд ин лагом ба даҳанаш зада шавад.

Мо дар инҷо сухани Роселро ба худаш бармегардонем. Вай мегӯяд:

“*Шояд асли иллият раво ё нораво бошад, вале касе, ки фарзи норавоии онро меписандад, аз фаҳми натоиҷи мутараттиб бар назарияи хеш нотавон аст. Ин шахс маъмулан он даста аз қавонини иллиятро, ки мавриди писанди худ меёбад, аз таъарруз масун мепиндорад. Масалан, шак намекунад, ки хӯроке, ки майл мекунад, мӯҷиби серӣ ва рушди ӯ хоҳад шуд, ё то вақте, ки ваҷҳи кофӣ дар ҳисоби бонкии худ дорад, чекҳояш қобили пардохт хоҳад буд, лекин дар ҳамон ҳол, қавонини дигареро, ки мухолифи майли худ мебинад, мавриди эътироз қарор медиҳад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ҳолот, равияи мазбурро рӯиҳамрафта беш аз ҳадд соддалавҳона меёбем.*” (*Ҳамон манбаъ, с.87 ва 88*)

Ба назар мерасад, ин ҷумлаҳо дар бораи худи оқои Росел беш аз ҳама содиқ аст.

Он чӣ мо дар бораи оқои Росел дар заминаи масъалаи Худо мебинем ин нест, ки мантиқ ва истидлол эшонро ба бехудоӣ кашондааст; танҳо навъе бемайлӣ, балки таъассуби манфӣ дар эшон эҳсос мекунем. Аммо ин ки маншаи бемайлӣ чист, ниёзманд ба равонковии муфассале аз эшон аст. Дар ин равонковӣ, аз илоҳиёт ва

маълумоти мовароуттабиие, ки Росел дар оғози кӯдакӣ аз модарбузурги худ омӯхта ва мукаррар дар калимоти худ аз онҳо ёд мекунад, набояд ғофил монд.

### Бурҳони назм

Соддатарин ва умумитарин бурҳоне, ки бар вуҷуди Худованд иқома мешавад, “бурҳони назм” аст. Қуръони Карим мавҷудоти ҷаҳонро ба унвони “оёт” яъне алоим ва нишонаҳое аз Худованд ёд мекунад. Маъмулан чунин гуфта мешавад, ки назму созмони ашё, далел бар ин аст, ки нерӯи назмдиҳандае дар кор аст. Гуфта мешавад ин бурҳон — бар хилофи соири бароҳин аз қабили “бурҳони муҳаррики аввал” ва “бурҳони вуҷубу имкон” ва “бурҳони ҳудусу қидам” ва “бурҳони сиддиқин”, ки моҳияти фалсафӣ ва каломӣ ва ақлонии маҳз доранд — як бурҳони табиӣ ва таҷрибӣ аст ва моҳияти таҷрибӣ дорад, назири соири бароҳин ва истидлолоте, ки маҳсули таҷрибаи башар аст.

Дар Ғарб Дэвид Юм (*David Hume*), файласуфи ангилисии қарни 18-ум, бар ин бурҳон хадшаҳое ворид карда ва аз он ҳангом то кунун бисёре аз ғарбиҳоро ақида бар он аст, ки бурҳони назм — ки бузургтарин такягоҳи илоҳиюн аст — аз эътибор афтодааст. Бе эътибор шудани далелҳои исботи Худо, хусусан далели назм, яке аз иллатҳои гароиш ба моддигарӣ дар ҷаҳони Ғарб аст.

Инак, ба баррасии хадшаҳои ҷаноби Юм мепардозем:

Юм китобе таълиф карда ба номи “*Муҳовирот дар бораи дини табиӣ*” (*Dialogues Concerning Natural Religion*). Дар он китоб, шахсе фарзӣ ба номи Клеонтес аз бурҳони назм дифоъ мекунад ва шахси фарзии дигаре ба номи Фило бар он хадша ворид месозад, ва ба ин тартиб, миёни ин ду нафар муҳовира сурат мегирад. Албатта Юм шахсан материалист нест. Ӯ мекӯшад собит кунад, ки далелҳое, ки илоҳиюн иқома кардаанд, истеҳкоми илмӣ надорад, ҳамчунон ки далелҳои моддигароён низ чунин аст.

Ӯ мӯътақид аст, имон амре қалбӣ аст ва аз назари ақлонӣ агар бино шавад бурҳони назм милок қарор гирад, ҳамин қадр метавон гуфт, ки:

“*Назми машҳуд дар табиат агар далели кофӣ нест, лоақал қарина аст бар ин ки иллат ё иллатҳои назм дар ҷаҳон эҳтимолан шабоҳате ба ақлу хиради инсонӣ дорад. Аммо*

*бештар аз ин, мо роҳе барои басту таъмими ин далел ба манзури исботи хусусиятҳои ин иллат ё ин иллатҳо надорем." (Куллиёти фалсафа, Ричорд Попкин, тарҷумаи дуктур Сайидҷалол Муҷтабавӣ, с.231*)

Юм шахсан аз назари фалсафӣ шаккок ва "лоадрӣ" аст, вале исрор дорад, ки собит кунад бурҳони назм нотамом, балки маҳдуш аст. Мегӯянд:

*"Юм дар тамоми умри хеш бо баҳс дар бораи арзиш ва эътибори далелҳои гуногуне, ки муфоди онҳо исботи ҳастии як мавҷуди илоҳист, сару кор дошт… Юм дар осори мутанавввеъи худ истидлолеро, ки баъзе аз файласуфони динӣ ба кор бурда буданд, мавриди интиқоди шадид қарор дод, ва ин амр шояд ба иллати шуюъ ва ривоҷи бурҳони назм дар он айём будааст. Вай дар ин бора дар ҳудуди 25 сол мутановибан кор кард ва китоби машҳури худ "Муҳовирот дар бораи дини табиӣ"-ро ба анҷом расонид. (Ҳамон манбаъ, с.211*)

Юм бурҳони назмро аз забони Клеонтес чунин тақрир мекунад:

*"Ба атрофи ҷаҳон бингаред; дар кулл ва ҳар ҷузъи он наззора кунед; хоҳед ёфт, ки ҷаҳон чизе ҷуз як мошини азим нест, ки ба як иддаи номутаноҳии мошинҳои кучактар тақсим шуда ва боз ҳам қабули тақсим мекунад то ҳадде, ки ҳавосс ва қувваҳои инсонӣ дигар натавонад пайҷӯӣ ва таъйин кунад. Тамоми ин мошинҳои гуногун, ва ҳатто кучактарин аҷзоъи он, бо чунон диққат бо якдигар мутаъодил ва ҳамоҳанг аст, ки таҳсину шигифти ҳамаи одамиёнро, ки дар бораи онҳо меандешанд, бармеангезад ва ононро шефта ва маҷзуб месозад. Созгории шигифтангези васоил нисбат ба гоятҳо дар саросари табиат дақиқан — ҳарчанд хеле азимтар — ба маҳсулот ва ихтироъоти инсонӣ ва фаровардаҳои тарҳу фикру ҳушу хиради инсонӣ шабоҳат дорад. Бинобар ин, аз шабоҳат миёни осори табиӣ ва маснуъоти инсонӣ, мо аз роҳи қиёс, ба шабоҳат миёни иллатҳои онҳо, ҳукм мекунем ва созандаи табиатро назири руҳи инсон медонем, ҳарчанд ки ба таносуби азамати дастгоҳи табиат, созандаи он дорои қувваҳои азимтар аст. Танҳо ба далели ин далели гайриаввалӣ (яъне мутаъаххир бар таҷриба) аст, ки мо бедиранг вуҷуди Худо ва ҳамонандии ӯро бо руҳу ақли инсонӣ исбот мекунем." (Ҳамон манбаъ, с.209-210*)

Юм аз забон Филои шаккок, хитоб ба Клеонтес, назарияи ӯро инчунин мавриди хадша қарор медиҳад:

*“Агар мо хонае бибинем — Клеонтес! — бо бузургтарин яқин ва итминон натиҷа мегирем, ки он хона меъмор ё банное дошта; зеро ин дақиқан он навъ маълуле аст, ки таҷриба кардаем, ки аз он навъ иллат ношӣ ва содир мешавад. Аммо мутмаиннан тасдиқ нахоҳем кард, ки ҷаҳон чунин шабоҳате ба як хона дорад, ки мо битавонем бо ҳамон яқин ва итминон, як иллати мушобеҳ истинбот кунем, ё бигӯем, шабоҳат дар инҷо тамому комил аст. Ин адами шабоҳат тавре равшан аст, ки бештарин иддаое, ки метавонӣ бикунӣ, фақат як ҳадсу занну фарзе дар бораи як иллати мушобеҳ аст. Мумкин аст модда — илова бар руҳ — дар асл маншаъ ё сарчашмаи назм дар даруни худ бошад. Ва тасаввури ин ки чандин унсур ба воситаи як иллати дарунии ношинохта мумкин аст ба олитарин назму тартиб дароях, аз тасаввури ин ки инҳо ба воситаи як иллати берунӣ ба назму тартиб даромадааст мушкилтар нест. Оё касе ҷиддан ба ман хоҳад гуфт, ки як ҷаҳони муназзам бояд ношӣ аз фикру санъате инсонвор бошад? Барои муҳаққақ сохтани ин истидлол лозим аст, ки дар бораи мабдаи ҷаҳонҳо таҷриба дошта бошем. Ва мутмаиннан ин кофӣ нест, ки дида бошем, ки киштиҳо ва шаҳрҳо ношӣ аз санъат ва ихтироъи инсонӣ аст… Оё метавонӣ иддао кунӣ, ки чунин шабоҳатеро миёни сохти як хона ва пайдоиши як ҷаҳон нишон диҳӣ? Оё ба назму тартиб даромадани табиатро дидаӣ? Оё ҷаҳонҳо зери чашми ту сурат пазируфтаанд? Ва оё фурсат ва маҷоли онро доштаӣ, ки тамоми пешрафти падидор (феномен)-ро аз нахустин зуҳури назм то камоли ниҳоии он, мушоҳида кунӣ? Агар доштаӣ, пас таҷрибаи худро зикр кун ва назарияи хешро ироа деҳ! Сониян, ту бино бар назарияи худат, далеле надорӣ барои исноди камол ба Худо, ё барои ин фарз, ки ӯ аз ҳар хато ва иштибоҳ ё беназмӣ дар афъоли худ муназзаҳ ва мубаррост… Лоақал бояд эътироф кунӣ, ки барои мо ғайримумкин аст, ки бо афкор ва анзори маҳдуди худ бигӯем, ки оё ин низом агар бо соири низомҳои мумкин ва ҳатто воқеӣ муқоиса шавад, шомили иштибоҳот ва хатоҳои бузург аст ё шоистаи таҳсин ва тақдири шигарф? Оё як рустоӣ агар Энеида (шеъри ҳамосии Вергилий) барои ӯ хонда шавад, метавонад изҳори назар кунад, ки он шеър мутлақан беайб аст, ё мақоми шоистаи онро дар миёни маҳсулоти ҳуши инсонӣ таъйин кунад дар ҳоле, ки вай ҳеч маҳсули дигаре ҳаргиз надидааст? Аммо агар ин олам маҳсули комиле бошад, боз ҳам номаълум ва машкук аст, ки ҳамаи хубиҳои он асарро битавон баҳақ ба созандаи он нисбат дод. Агар як киштиро*

*баррасӣ кунем, албатта андешаи олӣ ва баланд дар бораи ҳушмандии созандаи чунин мошини печида ва судманд ва зебое пайдо хоҳем кард. Аммо вақте донистем, ки он меконикдон кавдане аст, ки ба дигарон таъассӣ (пайравӣ) карда ва аз санъате тақлид намуда, ки тайи адвор ва аъсори мутаволӣ пас аз басе озмоишҳо ва иштибоҳот ва тасҳеҳот ва санҷишҳо ва гуфтугӯҳо тадриҷан ислоҳ шуда ва пешрафт кардааст, оё боз нисбат ба ӯ ҳамон эҳсосро хоҳем дошт? Пеш аз ин ки низоми мавҷуд рақам зада шавад, мумкин аст аволими бисёр дар саросари азал сари ҳам шуда бошад ва пешрафт ва беҳбуд оҳиста аммо мудовим дар тайи адвор ва аъсори номутаноҳӣ, санъати сохти ҷаҳонро пеш бурда бошад. Дар чунин масоиле чӣ касе метавонад таъйин кунад, ки ҳақиқат чист ва ҳатто, ки метавонад ҳадс бизанад, ки дар миён басе фарзҳо, ки мумкин аст пешниҳод ё тасаввур шавад, фарзе, ки бештар эҳтимоли вуқӯъ дорад кадом аст? Мо ҳеч маълумоте барои изҳори назар дар бораи таквини ҷаҳон (назар дар бораи мабодии ҷаҳон) надорем. Таҷрибаи мо, ки худ, ҳам аз ҷиҳати қаламрав ва ҳам аз ҳайси давому истимрор, ин қадр ноқис ва маҳдуд аст, ки наметавонад ҳеч фарзияе дар бораи кулли ашё ба мо талқин кунад. Аммо агар мо ногузир ва лузуман бояд фарзияе баргузинем, бар ҳасби чӣ қоидае боисте интихоби худро муайян кунем? Оё қоидаи дигаре ғайр аз бештар будани шабоҳат миёни ашёи мавриди муқоиса вуҷуд дорад? Ва оё як гиёҳ ё як ҳайвон, ки бо рӯишу зоиш ба вуҷуд меояд, беш аз як мошини маснуъӣ, ки аз ақлу тадбир ношӣ мешавад, шабоҳати қавитаре ба олам надорад? Истидлоли тамсиле, ки дар он бурҳон ба кор рафтааст, ба фарзи ин ки вуҷуди нозимеро собит кунад, ба ҳеч ваҷҳ ишоркунанда бар сифоти писандидае, ки ба он нозим нисбат медиҳанд нест. Тасаввури Худованди некӯкор ва одил ва меҳрубон аз муқоисаи осори табиӣ бо аъмоли инсон натиҷа намешавад. Агар он нозим фарз шавад, ки монанди инсон аст, дигар далеле надорем барои ин фарз, ки сифати ахлоқии хоссе вуҷуд дорад, ки мутаъаллиқ ба холиқи табиат аст. Вақте касе маҳсул — яъне табиат — ро мутолеа кунад ва ҳамаи авсофи нохушоянди он, яъне тӯфонҳо ва зилзилаҳо ва мунозиъоти як қисмати табиат ё қисмати дигарро мушоҳида кунад, оё метавонад натиҷа бигирад, ки он тарҳрезӣ аз як ақли салим ва хуб ношӣ шудааст?.." (Ҳамон манбаъ, с.212-224*)

**Хулосаи назариёти Юм дар баёни бурҳони назм ин аст:**

а) Бурҳони назм як бурҳони таъаққулии маҳз бар асоси бадеҳиёти аввалия нест; бурҳони таҷрибӣ аст ва мавлуди таҷрибаи табиат аст ва бояд воҷиди шароити бароҳини таҷрибӣ бошад;

б) Ин бурҳон муддаӣ аст, ки аз нигоҳ ба табиат, шабоҳати комил миёни табиат ва миёни маснуъоти инсон аз қабили мошин ва киштӣ ва хона ба даст меояд ва равшан мегардад, ки ҷаҳон аз назари робитаи аҷзояш бо якдигар ва аз назари татобуқ миёни сохтмони ҷаҳон ва осор ва натоиҷе, ки бар он мутараттиб мешавад, айнан монанди як мошини бузург аст;

в) Ба ҳукми қоидаи куллӣ, ки дар бароҳини таҷрибӣ мавриди истифода қарор мегирад, шабоҳати маълулот далел бар шабоҳати иллатҳост ва назар ба ин ки маълулот ва маснуъоти инсон аз як руҳу ақлу андеша ношӣ шудааст, пас ҷаҳон низ аз як руҳу ақлу андешаи бузург ношӣ шудааст.

**Ва хулосаи назарияи вай дар нақди ин бурҳон ин аст:**

а) Асоси ин бурҳон бар шабоҳат миёни маснуъоти табиат ва маснуъоти инсон аст; бар ин аст, ки ҷаҳон аз назари таркиб ва таълифи аҷзо монанди як хона ва ё як мошин аст, ки як қувваи берунии зишуъур, яъне ақлу руҳ, онҳоро барои даст ёфтан ба як силсила ҳадафҳо ва ғаразҳо ба якдигар пайванд додааст. Аммо ин шабоҳат комил нест. Яъне қатъӣ ва яқинӣ нест, занну эҳтимол аст. Наметавон гуфт, ки шабоҳати ҷаҳон ба як мошин, аз шабоҳати он ба як гиёҳ ё як ҳайвон, ки дорои як нерӯи худтанзимии дарунӣ аст ва ба ҳеч ваҷҳ аз берун танзим намешавад, бештар аст.

б) Ин бурҳон он гоҳ як бурҳони таҷрибӣ буд, ки мукаррар таҷриба шуда буд; яъне мукаррар ҷаҳонҳое ба ҳамин шакл ва ҳамин вазъ ва ҳамин низом, аз мавҷудоти бошуъур ва инсонмаоб содир шуда буд ва мо бо таҷриба робитаи чунин навъ маълулеро бо иллате инсонмаоб эҳсос карда будем; пас аз он, бо дидани ҷаҳоне шабеҳи ҷаҳонҳои таҷрибашуда, ҳукм мекардем, ки ин ҷаҳон низ монанди он ҷаҳонҳо иллате инсонмаоб дорад. Дар сурате, ки чунин нест. Таҷрибае, ки дар мавриди сохти киштӣ ва хона ва шаҳр дорем, бо таҷрибае, ки дар мавриди ҷаҳон

бояд дошта бошем, як синх нест; пайдоиш ва таквини ҷаҳон, ки дар тӯли милёрдҳо сол тадриҷан рух дода, шабоҳате ба таквини киштӣ ё хона надорад.

в) Аз инҳо гузашта, ин бурҳон мехоҳад вуҷуди Борӣ Таъолоро исбот кунад, ки мусовӣ аст бо ҳикмати болиға ва қудрати номутаноҳӣ ва камоли мутлақ. Фаразан собит шавад, ки мабдаи ҷаҳон мавҷуде инсонгуна аст, барои муддао кофӣ нест. Ин бурҳон он гоҳ барои исботи зоти Борӣ кофӣ буд, ки мо ба таҷриба дарёфта бошем, ки ин ҷаҳон комилтарин ҷаҳони мумкин аст ва мунтабиқ бар ҳикмати болиға аст. Дар сурате, ки барои мо, ки танҳо бо ҳамин як ҷаҳон сару кор дошта ва дорем ва ҷаҳони дигаре надидаем, то миёни онҳо ва ин ҷаҳон муқоиса кунем, ғайримумкин аст, ки битавонем бифаҳмем ин ҷаҳон бар асоси ҳикмати болиға сохта шуда, яъне беҳтарин ҷаҳони мумкин аст. Дуруст мисли ин аст, ки аз як рустоие, ки ҷуз як китоб дар умраш нахонда (ҳарчанд фаразан он китоб олитарин шоҳкор бошад) дархост кунем, ки назари худро дар бораи танҳо китобе, ки хондааст эълом дорад, ки беҳтарин китоб аст.

г) Фаразан ин ҷаҳон беҳтарин ҷаҳони мумкин бошад, ки беҳтар аз он имконпазир набошад, боз ҳам далеле бар вуҷуди Борӣ Таъоло, ки камоли мутлақ ва ғании биззот ва воҷибулвуҷуд аст (бар ҳасби фарз) намешавад, зеро ин бурҳон он гоҳ далел бар вуҷуди зоти Борӣ Таъоло аст, ки собит кунад илова бар ин ки ин ҷаҳон комилтарин ҷаҳони мумкин аст ва беҳтар аз он фарз намешавад, аввалин ҷаҳонест, ки Худованд офарида ва Худованд қаблан таҷрибае дар кори хилқат надошта ва тадриҷан санъати худро такмил накарда, ва ба илова аз ҳеч санъати дигар ҳам тақлид накардааст. Вале ҳеч як аз инҳо собитшуданӣ нест. Аз куҷо маълум, ки сонеъи ин олам, ин санъатро аз ҷойи дигар тақлид накардааст? Ва аз куҷо маълум, ки худаш дар саросари азал, санъати оламсозиро такрор ва таҷриба накарда ва тадриҷан ба ин пешрафти азим дар санъат ноил нашудааст?

д) Гузашта аз ҳамаи инҳо, дар ҷаҳони мавҷуд нақсҳо ва бадиҳо ва зиштиҳо дида мешавад, ки бо ҳикмати болиғаи илоҳӣ ҷур намеояд аз қабили тӯфонҳо, зилзилаҳо, бемориҳо ва ғайра.

Инҳо хулосае аст аз эродҳои Юм, ки мо ба забоне нисбатан шарқӣ онҳоро тақрир кардем.

## Посухи ишколҳои Дэвид Юм бар бурҳони назм

Инак, баррасии эродҳои Дэвид Юм бар бурҳони назм:

**1)** Ин ки оқои Юм пиндоштааст, ки бурҳони назм моҳияти таҷрибӣ дорад монанди ҳамаи бурҳонҳои таҷрибии дигар, иштибоҳ аст. Бароҳини таҷрибӣ дар мавориде аст, ки бихоҳем робитаи як падидаи маҳсусро бо як падидаи қобили эҳсоси дигар кашф намоем. Ба иборати дигар, бурҳони таҷрибӣ танҳо дар мавриди кашфи робита миёни ду ҷузъ аз табиат метавонад ҷорӣ бошад, на дар мавриди кашфи робита миёни табиат ва моварои табиат. Ба иборати дигар, таҷриба он ҷо муяссар аст, ки падидаеро дар табиат мушоҳида мекунем ва мехоҳем иллат ё иллатҳои он падидаро бо озмоиш кашф кунем ва ё мехоҳем осор ва натоиҷ ва маълулоти онро ба даст оварем.

Масалан, бо таҷриба робита миёни ҳарорати об ва бухор шуданаш, ва ё робита миёни сардии об ва мунҷамид шуданашро меёбем. Вақте, ки ду омилро дар пайи якдигар дидем ва аз дахолати омили дигар ҳам мутмаин шудем, ҳукм мекунем, ки яке аз ин ду, иллати дигарӣ аст. Пас, шарти таҷрибӣ будани як робита ин аст, ки ҳар ду тарафи робита, қобили эҳсос ва таҳти тасаллути мушоҳидаи ҳиссии мо бошанд.

Акнун бибинем, оё истидлол аз роҳи назми ҷаҳон, бар вуҷуди нозими шуъуркунанда (яъне Худованд), як бурҳони таҷрибӣ аст? Пеш аз он ки вориди моҳияти бурҳони назм гардем, лозим аст моҳияти як истидлоли роиҷи дигарро, ки оқои Юм сад дар сад онро таҷрибӣ медонад ва бурҳони назмро чизе шабеҳи он мешуморад, баррасӣ кунем. Ва он, бурҳон ва истидлол аз осор ва маснуъоти инсон, бар ақлу андешаю ҳуши инсон аст.

Оё он истидлоли роиҷ ва оддии мо дар мавриди инсонҳо, ки аз осор ва маснуъоти инсон, ақлу андешаю мизони маълумоти ӯро кашф мекунем, воқеан як далели таҷрибӣ аст аз навъи таҷрибаҳое, ки дар мавриди кашфи равобити аҷзои табиат — назири робитаи ҳарорат ва бухор ва робитаи сардӣ ва инҷимод — ба кор меравад ё на? Ба иборати дигар, оё кашфи ақлу ҳушу илми созандаҳо аз маснуъоташон, як

далели таҷрибӣ аст ё як бурҳони ақлӣ? Мо аз куҷо медонем, ки масалан Бӯалӣ файласуф ё табиб буда ва ё Саъдӣ шоир ва адибе бо завқ будааст? Мо, ки бо ашхоси мухталиф — аз дӯсту рафиқу муаллиму шогирду ҳамкилосӣ — ҳамеша рӯбарӯ мешавем, аз куҷо мефаҳмем, ки он яке боҳуш ва дигаре камҳуш ва севвуме бомаълумот ва чаҳоруме камиттилоъ аст? Бадеҳист, ки аз осоре, ки аз онҳо буруз мекунад, аз суханоне, ки аз онҳо мешунавем, аз рафторе, ки аз онҳо мебинем ё аз осор ва навиштаҳои онҳо, ки мутолеа мекунем. Мо, ки ҳушу ақлу маълумоти онҳоро наметавонем мустақиман мушоҳида кунем ё ламс намоем.

Асосан, чизҳое аз қабили андеша ва маълумот, қобили ҳиссу ламс нест. Фаразан мағзи онҳоро ташреҳ кунем ё ба васоиле аз мағзи онҳо аксбардорӣ кунем, мумкин аст як силсила осор дар он мағзҳо бибинем, вале ҳаргиз андешаҳоро наметавонем ҳисс кунем ё ламс намоем, балки мо, он чиро, ки аз қабили андешаю ақлу ҳуш аст, ҷуз ҳамон миқдор, ки дар даруни худ дорем — яъне ақлу ҳушу андешаи худро — мустақиман дарк намекунем. Мо танҳо ба маълумот ва ақлу андешаи худ мустақиман дастрасӣ дорему бас. Аз ин рӯ, ҳеч ақлу андешаи касе дар дастраси таҷрибаи мо нест, ки битавонем бо озмоиш робитаи як асарро бо онҳо дарк кунем, балки аз назари таҷрибӣ, аз вуҷуди ақлу андешае ҷуз ақлу андешаи худамон бехабарем.

Дар айни ҳол, чаро ва ба чӣ далел, ба вуҷуди ақлу андеша дар соири афроди инсон ҳукм мекунем ва шак надорем? Ва ба чӣ далел аз рӯи осор ва маснуъот ва таҷаллиёти амали онҳо, ба мизони ақлу ҳушу андешаю маълумоту завқу эҳсоси онҳо пай мебарем?.. Ман, ки мустақиман аз вуҷуди ҳеч ақлу ҳеч андешаву эҳсос — ҷуз ақлу андешаву эҳсосоти худ — огоҳ нестам. Шояд ақлу андешаву эҳсос мунҳасиран дар ман вуҷуд дошта бошад ва дар ҳеч мавҷуди дигаре вуҷуд надошта бошад… Дарёфти ақлу андеша дар худам кофӣ нест барои ин ки ҳукм кунам, ки айнан шабеҳи он чӣ дар ман ҳаст, дар дигарон ҳам ҳаст; зеро ин, ба истилоҳи мантиқӣ, "тамсил" аст. Яъне миқёс қарор додани як фард аст барои афроди дигар; на таҷриба, ки иборат аст аз мавриди озмоиш қарор додани афроди зиёди як навъ то он ҷо, ки яқин ҳосил

шавад осори марбут ихтисос ба афроди озмоишшуда надорад, балки дар ҳамаи афроди навъ мавҷуд аст.

Ҳақиқат ин аст, ки кашфи ақлу ҳуш дар инсонҳо аз рӯи осору маснуъоташон, на аз қабили "тамсил"-и мантиқӣ аст ва на аз қабили истидлоли таҷрибӣ, балки навъе бурҳони ақлӣ аст. Дуруст аст, ки инсон вуҷуди мавҷуде ба номи ақл ё ирода ё андешаро танҳо дар даруни худ мустақиман меёбад ва ба навъи кораш — ки тадбиру андозагириву интихобу гузиниш аст — ошно мешавад, вале он ҷо, ки дар кори дигарон мутолеа мекунад, ҳарчанд ақлу шуъурро дар онҳо шуҳуд намекунад, аммо амали "гузиниш"-ро дар корҳои онҳо мушоҳида менамояд. Яъне ҳангоме, ки корҳои онҳоро мавриди мутолеа қарор медиҳад, мебинад, ки ҳамвора дар миёни анвоъу ақсоми корҳо, балки дар миёни ҳазорон шаклу сурати корҳо, танҳо як шакл ва як сурат ба натиҷае матлуб мерасад ва соири шаклҳо ба натиҷа намерасад, онҳо ҳамон шакл ва ҳамон сурати хоссро бармегузинанд, ки ба натиҷаи матлуб мерасад; соири шаклҳо ва суратҳоро раҳо мекунанд. Масалан, агар инсоне қалам ба даст бигирад ва бихоҳад онро рӯи коғаз бикашад, ки як сиёҳӣ ба як шакл расм шавад, ҳазор гуна мумкин аст; ки яке аз онҳо ин аст, ки масалан ба шакл "М" дарояд. Ва агар идома диҳад ва қаламро рӯи коғаз бикашад, ҳазор гуна шакл мумкин аст расм шавад; ки яке аз онҳо "Н" аст. Ва агар навбати дигар амали худро такрор кунад, ҳазор гуна мумкин аст; ки яке аз онҳо шакл "Т" аст.

Ҳоло агар қалам ба даст гирифт ва шакли "МИННАТ" даромад, дар ҳақиқат бояд гуфт, аз ҳазорон ҳазор эҳтимол танҳо яке аз онҳо сурат гирифтааст. Ва агар кори худро идома дод ва чанд сатр навишт ва аз маҷмӯи онҳо ин шакл падидор шуд: "*Миннат Худойро азза ва ҷалла, ки тоаташ мӯҷиби қурбат аст ва ба шукр андараш мазиди неъмат. Ҳар нафасе, ки фурӯ меравад, мумидди ҳаёт аст, ва чун бармеояд, муфарриҳи зот. Пас, дар ҳар нафасе ду неъмат мавҷуд ва бар ҳар неъмате шукре воҷиб…*" — эҳтимоли ин ки ҳамаи ин ҳуруф тасодуфан ва на аз рӯи гузиниш, яъне на аз рӯи таваҷҷӯҳ ва интихоб, сурат гирифтааст, он қадр заъиф аст, ки қобили тасаввур нест. Яъне ақли инсон одатан онро маҳол медонад. Аз ин ҷост, ки ҳукм мекунад, нерӯи "гузиниш" — яъне ҳамон чизе, ки ақлу ирода номида мешавад — вуҷуд дорад.

Ин аст масъалаи ин ки мегӯем, истидлол аз осор ва маснуъоти инсонҳо бар вуҷуди ақлу андеша дар онҳо на як тамсили мантиқӣ аст, ки сирфан аз миқёс қарор додани фард худашро барои дигарон пайдо мешавад (мисли ин ки масалан агар худаш дилдард дошта бошад, ҳукм кунад, ки ҳамаи мардум дилдард доранд) ва на як далели таҷрибӣ аст, ки ба далели ин ки мукаррар робитаи чунон осореро бо ақли инсонҳо озмоиш карда, яъне ақл ва осори онро мустақиман таҳти мутолеа қарор дода, робитаи онҳоро кашф кардааст. Балки навъе бурҳони ақлӣ аст шабеҳи бурҳоне, ки зеҳн дар мавриди сидқи қазияҳои мутавотири таърихӣ иқома мекунад. Пас, маълум шуд, ки шинохти мо ва даст ёфтан ба ақлу ҳуши инсонҳои дигар ғайр аз худамон, аз навъи далели таҷрибӣ нест, чӣ расад ба он, ки бурҳони назм — ки дар мавриди ҷаҳон ва робитааш бо зоти Борӣ Таъоло иқома мешавад — аз навъи далели таҷрибӣ бошад!

Ахиран ин иштибоҳ насиби бисёре аз нависандагони мусалмони араб ва дунболаравони эронии онҳо шудааст. Гумон бурдаанд, ки даъвати Қуръони Карим ба мутолеаи "оёти таквин", дар ҳақиқат ба маънии даъват ба Худошиносии таҷрибӣ аст. Гумон бурдаанд, ҳамин ки мо оятҳои таквинро мавриди мутолеа қарор додем ва аз ин тариқ ба маърифати Худованд ноил шудем, бо як далели таҷрибӣ Худоро шинохтаем. Ва аз ин ҷо ба як натиҷагирии музҳики дигар пардохтаанд, ва он ин ки: дар масоили илоҳиёт аз ҳамон роҳ меравем, ки уламои табиӣ барои шинохти табиат рафтанд ва дигар ниёзе ба он баҳсҳои дақиқ ва зарифи фалсафӣ дар масоили илоҳиёт надорем… Ғофил аз ин ки ҳадди таҷриба фақат шинохти осори Худованд аст, аммо шинохти Худованд ба кӯмаки осори шинохташуда аз роҳи таҷриба, навъе истидлоли ақлии маҳз аст.

* * *

**2)** Оқои Юм пиндоштааст, ки илоҳиюн мехоҳанд собит кунанд, ки олам комилан шабеҳи осор ва маснуъоти инсон аст, ва аз роҳи ин ки ташобуҳи маълулот далели ташобуҳи иллатҳо аст, хостаанд собит кунанд, ки пас олам — ки айнан монанди як мошин ва як хона аст — созандае назири созандаи мошин ва хона дорад.

Оқои Юм мефармоянд: инчунин нест; ҷаҳон беш аз он ки шабеҳ ба як киштӣ ё як мошин ё як хона бошад, шабеҳи дастгоҳи муназзам ва худтанзими як гиёҳ ё як ҳайвон аст.

Аввалан, дар посухи оқои Юм мегӯем: маънии сухани шумо ин аст, ки ҷаҳон монанди як мошин ё киштӣ нест, балки монанди худаш аст! Магар шумо интизор доштед, ки ҷаҳон монанди худаш набошад? Магар гиёҳ ё ҳайвон ҷузъе аз ҷаҳон нестанд? Дар ҳақиқат, сухан бар сари ҳамон гиёҳ ва ё ҳайвон аст, ки ба қавли шумо, чунон сохта шуда, ки монанди як дастгоҳи санъатии бисёр пешрафта — ҳазор дараҷа аз киштӣ ва мошинҳои башарӣ пешрафтатар — аз даруни худ танзим мешавад. Пас, нишонаҳои "сунъ" дар гиёҳ ва ҳайвон беш аз киштӣ ва мошин аст. Пас, агар созандаи киштӣ ва мошин аз ақлу андеша баҳраманд аст, созандаи ҷаҳон, ки намунааш гиёҳу ҳайвон аст, ба тариқи авло дорои ақлу доноӣ аст.

Сониян, ин ки оқои Юм мегӯяд ин бурҳон аз назари моҳият навъе "ташбеҳ" аст ва манзур, исботи камоли мушобеҳат миёни сунъи (сохтаи) сонеъи табиат ва миёни сунъи инсон аст, иштибоҳ аст.

(Дар ҳоле ки) маҳол аст, ки сунъи сонеъи табиат (Худо), шабоҳати комил ба сунъи инсон дошта бошад, балки сонеъи табиат ҳамчунон ки аз назари зот ва сифот муназзаҳ аст аз ин ки шабеҳи инсон бошад, аз назари феълу сунъ низ муназзаҳ аз шабоҳат аст.

Инсон, ҷузъе аз табиат аст. Ба ҳукми ин ки ҷузъе аз табиат аст, мавҷудест дар ҳоли "шудан" ва такомул. Ҳамаи талошаш ин аст, ки худро аз қувва ба феъл, ва аз нақс ба камол бирасонад. Тамоми талошҳои инсон навъе ҳаракат аз қувва ба феъл ва аз нақс ба камол аст. Ва низ ба ҳукми ин ки ҷузъе аз аҷзои табиат аст на холиқи табиат, тасарруфи ӯ дар табиат ба шакли барқарор кардани робитаи маснуъӣ (ғайритабиӣ) миёни аҷзои табиат аст. Сохтаҳои инсон аз қабили шаҳру хонаву киштӣ иборат аст аз як силсила маводди табиӣ, ки бо як иртиботи маснуъӣ ба хотири як ҳадаф ва ғояте, ки он ҳадаф ва ғоят, ҳадафи сонеъ ва созандааш аст, на ҳадафи маснуъ ва сохташуда, ва созанда мехоҳад ба василаи ин иртиботи маснуъӣ, ба ҳадаф ва ғаразе ноил ояд, бо якдигар пайванд ёфтаанд.

Пас, муқаввими сунъи башарӣ ду чиз аст:

а) Пайванди аҷзои маснуъ пайванди маснуъӣ аст ва на табиӣ;

б) Ҳадаф ва ғаразе, ки дар ин сунъ ба кор рафта, ҳадаф ва ғарази сонеъ (созандааш) аст. Яъне ин сонеъ аст, ки ба василаи ин маснуъ худро ба ҳадафе мерасонад ва аз худ рафъи нақс мекунад ва ба навъе худро аз қувва ба феълият мерасонад.

Ҳеч як аз ин ду рукн дар сунъи Борӣ Таъоло наметавонад вуҷуд дошта бошад. На мумкин аст робитаи аҷзои маснуъ бо якдигар як робитаи ғайритабиӣ бошад, ва на мумкин аст ҳадафи мавҷуд ҳадафи сонеъ бошад, балки бояд пайванди аҷзои маснуъ бо якдигар пайванди табиӣ бошад, он чунон, ки дар пайванди аҷзои манзумаи шамсӣ ё манзумаи атомӣ ё дар аҷзои як мураккаби табиии ҷамодӣ ё дар аҷзои гиёҳон ё ҳайвонот ё инсон мушоҳида мекунем.

Ин аст маънии сухани ҳукамои илоҳӣ, ки мегӯянд: “*Ғоёти афъоли Борӣ, ҳама ғоёти феъланд, на ғоёти фоъил*”. Ва ё мегӯянд: “*Ҳикмати инсон ба маънии интихоби фозилтарини василаҳо барои беҳтарини ғоятҳост, ва ҳикмати Борӣ Таъоло ба маънии расондани мавҷудот аст ба ғоёти худашон*.”

**اذ مقتضى الحكمة والعناية**
**ايصال كل ممكن لغاية**

Ва ин аст маънии суханашон, ки мегӯянд:

**العالي لا يلتفت الى الاسفل**

(Яъне) мақоми бартари аволими вуҷуд, ғоятеро дар мақоми пойинтари ин аволим ҷустуҷӯ намекунад. Ва ин аст маънии сухани онҳо, ки лозимаи махлуқияти мавҷудот ва судури онҳо аз зоти комил, ғоят доштани ҳамаи мавҷудот ва сараёни ишқ дар ҳамаи мавҷудот аст ва ғоятулғоёт зоти Ҳақ Мутаъол аст. Ва ин аст маънии суханашон, ки фоъилияти инсонҳо фоъилияти билқасд аст ва фоъилияти Ҳақ Мутаъол фоъилияти билъиноя.

Ҳақиқат ин аст, ки тасаввури Юм ва ҳамаи фалосифаи Ғарб аз қадимулайём то асри ҳозир аз бурҳони назм ҳамон тасаввури кӯдаконаи авомона аст бар асоси ин ки Худоро сонеъе монанди сонеъҳои башар фарз карда ва он гоҳ дар атрофи нафъю

исботи чунин сонеъе ба баҳс пардохтаанд. Ва ҳол он ки бо исботи чунин сонеъе, ба ҳеч ваҷҳ Худоро исбот накардаем, балки махлуқе дар ҳадди инсон исбот кардаем. Баррасии назарияи пуртамтароқи Юм дар тақрири бурҳони назм, ки наздики се қарн аст фалсафаи Ғарбро таҳтушшуъо қарор додааст, бори дигар заъфи буняи фалсафии Ғарбро — чӣ илоҳӣ ва чӣ моддӣ — равшан мекунад ва нишон медиҳад тасаввури ғарбиён аз бурҳони назм як зарра шакли фалсафӣ надорад. Аз он чӣ дар фалсафаи исломӣ дар баҳси "иноят" матраҳ аст, дар Ғарб хабаре набуда, тасаввури ғарбиён аз ин бурҳон дар ҳадди тасаввури авомуннос ва ҳаддиаксар дар ҳадди тасаввури мутакаллимин буда, на дар ҳадди тасаввури ҳукамо ва фалосифаи исломӣ.

* * *

**3)** Оқои Юм мегӯяд: фаразан бо ин бурҳон собит шавад, ки сонеъи ҷаҳон аз ақлу ҳуше монанди ақлу ҳуши инсон бархӯрдор аст, муддао, ки исботи камоли лоятаноҳии худовандӣ аст исбот нашудааст.

Иштибоҳи оқои Юм дар ин ҷо ин аст, ки пиндошта касоне, ки Худовандро камоли мутлақ ва лоятаноҳӣ донистаанд, бо иттико ба бурҳони назм — ки ба қавли ӯ як далели таҷрибӣ аст — будааст.

Мо дар ҷилди панҷуми "*Усули фалсафа ва равиши реализм*" ёдовар шудем, ки арзиши бурҳони назм танҳо дар ин ҳадд аст, ки моро то марзи мовароуттабиа савқ медиҳад. Ин бурҳон ҳамин қадр собит мекунад, ки табиат моварое дорад ва мусаххари он моваро аст ва он моваро огоҳ ба зот ва огоҳ ба афъоли худ аст. Аммо ин ки он моваро зоти воҷиб аст ё мумкин, ҳодис аст ё қадим, воҳид аст ё касир, маҳдуд аст ё номаҳдуд, илму қудраташ мутаноҳӣ аст ё номутаноҳӣ, аз ҳудуди ин бурҳон хориҷ аст. Инҳо масоиле аст, ки танҳо ва танҳо бар ӯҳдаи фалсафаи илоҳӣ аст ва фалсафаи илоҳӣ бо бароҳини дигаре инҳоро исбот мекунад.

* * *

**4)** Оқои Юм мегӯяд: фаразан ҷаҳони мо комилтарин ҷаҳони мумкин бошад, аз куҷо, ки сонеъи ҷаҳон онро аз ҷои дигар нусхабардорӣ накарда бошад ва ё худ ба тадриҷ ва муморисат санъати худро такмил накарда бошад?

Ин ишкол низ ношӣ аз он аст, ки Юм аз ҳудуди корбурди бурҳони назм ғофил аст. Ӯ пиндошта ҳамаи масоили илоҳиётро аз як бурҳон истинтоҷ мекунанд, ва он, бурҳони назм аст. Дар ҷилди панҷуми "*Усули фалсафа ва равиши реализм*" гуфтаем, ки корбурди бурҳони назм ин аст, ки собит мекунад табиат ба худ вогузошта нест; қувваҳои табиат қуввaҳои тасхиршуда аст.

Табиат ба истилоҳи фалосифа, фоъили биттасхир аст, ва ба иборати дигар, табиат моварое дорад ва он мовaро ҳоким бар табиат ва мудаббири он аст. Бурҳони назм, ки корбурдаш дар ин ҳадд аст, дар ҳудуди ҳамин корбурд, расо ва кофӣ аст. Аммо ин ки он моваро чӣ вазъе дорад, масалан оё камолаш зотӣ аст ё муктасаб аст, оё тадриҷан ба даст оварда ва ё монанди зоташ қадим аст ва амсоли инҳо, як силсила масоиле аст, ки бо як силсила бароҳини дигар қобили таҳқиқ аст. Ва фаразан бо бароҳини дигаре қобили таҳқиқ набошад ва аз масоиле бошад, ки барои ҳамеша барои башар маҷҳул хоҳад монд — ки албатта ин тавр нест ва қобили таҳқиқ аст — аз арзиши бурҳони назм намекоҳад. Ҳадафи бурҳони назм ин аст, ки моро аз табиат то марзи моварои табиат раҳбарӣ кунад. Моварои ин марз, хориҷ аз масъулияти ин бурҳон аст.

* * *

5) Оқои Юм масъалаи шурур ва офот ва тӯфонҳо ва зилзилаҳоро ба унвони нақзе бар "назми маъқул"-и ҷаҳон зикр мекунад.

Мо, назар ба ин ки дар бораи ин матлаб дар китоби "*Адли илоҳӣ*" машрӯҳан баҳс кардаем, аз тарҳи он дар ин ҷо худдорӣ мекунем ва хонандагонро ба он китоб ирҷоъ медиҳем.

## Норасоии мафоҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ

Севвумин иллати гароишҳои моддӣ, норасоии бархе мафоҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ будааст. Дар таърихи фалсафаи сиёсӣ мехонем, ки он гоҳ ки мафоҳими хосси иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Ғарб матраҳ шуд ва масъалаи ҳуқуқи табиӣ ва махсусан ҳаққи ҳокимияти миллӣ ба миён омад ва иддае тарафдори истибдоди сиёсӣ шуданд ва барои тӯдаи мардум дар муқобили ҳукмрон ҳаққе қоил нашуданд ва танҳо чизе, ки барои мардум дар муқобили ҳукмрон қоил шуданд, вазифа ва таклиф буд, ин идда

дар истидлолҳои худ барои ин ки пуштвонае барои назариёти сиёсии истибдодмаобонаи худ пайдо кунанд, ба масъалаи Худо часпиданд ва муддаӣ шуданд, ки ҳукмрон дар муқобили мардум масъул нест, балки ӯ фақат дар баробари Худо масъул аст, вале мардум дар муқобили ҳукмрон масъуланд ва вазифа доранд. Мардум ҳақ надоранд ҳукмронро бозхост кунанд, ки чаро чунину чунон кардаӣ? Ва ё барояш вазифа муайян кунанд, ки чунину чунон кун. Фақат Худост, ки метавонад ӯро мавриди пурсишу бозхост қарор диҳад. Мардум ҳаққе бар ҳукмрон надоранд, вале ҳукмрон ҳуқуқе дорад, ки мардум бояд адо кунанд.

Аз ин рӯ, табъан дар афкору андешаҳо навъе мулозима ва иртиботи тасаннуъӣ ба вуҷуд омад миёни эътиқод ба Худо аз як тараф, ва эътиқод ба лузуми таслим дар баробари ҳукмрон ва салби ҳаққи ҳар гуна мудохилае дар баробари касе, ки Худо ӯро барои риоят ва нигаҳбонии мардум баргузидааст ва ӯро фақат дар муқобили худ масъул сохтааст аз тарафи дигар. Ва ҳамчунин қаҳран мулозима ба вуҷуд омад миёни ҳаққи ҳокимияти миллӣ аз як тараф, ва бехудоӣ аз тарафи дигар.

Оқои дуктур Маҳмуд Саноъӣ дар китоби "*Озодии фард ва қудрати давлат*" навиштаанд:

*"Дар Урупо масъалаи истибдоди сиёсӣ ва ин ки асосан озодӣ аз они давлат аст, на моли афрод, бо масъалаи Худо тавъам будааст. Афрод фикр мекарданд, ки агар Худоро қабул кунанд, истибдоди қудратҳои мутлақаро низ бояд бипазиранд; бипазиранд, ки фард дар муқобили ҳукмрон ҳеч гуна ҳаққе надорад ва ҳукмрон низ дар муқобили фард ҳеч гуна масъулияте нахоҳад дошт; ҳукмрон танҳо дар пешгоҳи Худо масъул аст. Аз ин рӯ, афрод фикр мекарданд, ки агар Худоро бипазиранд, бояд ихтиноқи иҷтимоиро низ бипазиранд, ва агар бихоҳанд озодии иҷтимоӣ дошта бошанд, бояд Худоро инкор кунанд; пас, озодии иҷтимоиро тарҷеҳ доданд."*

Аз назари фалсафаи иҷтимоии исломӣ, на танҳо натиҷаи эътиқод ба Худо пазириши ҳукумати мутлақаи афрод нест ва ҳоким дар муқобили мардум масъулият дорад, балки аз назари ин фалсафа, танҳо эътиқод ба Худост, ки ҳокимро дар муқобили иҷтимоъ масъул месозад ва афродро зиҳақ мекунад ва истифои ҳуқуқро як вазифаи лозими шаръӣ муаррифӣ мекунад.

Амирулмӯъминин (ҳазрати Алӣ (а)) пешвои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва халифа, дар гирудори набарди Сиффин бо мардум сухан гуфт ва фармуд:

**أَمَّا بَعْدُ فَقَدْ جَعَلَ اللَّهُ سُبْحَانَهُ لِي عَلَيْكُمْ حَقّاً بِوِلَايَةِ أَمْرِكُمْ وَلَكُمْ عَلَيَّ مِنَ الْحَقِّ مِثْلُ الَّذِي لِي عَلَيْكُمْ... لَا يَجْرِي لِأَحَدٍ إِلَّا جَرَى عَلَيْهِ وَلَا يَجْرِي عَلَيْهِ إِلَّا جَرَى لَهُ وَلَوْ كَانَ لِأَحَدٍ أَنْ يَجْرِيَ لَهُ وَلَا يَجْرِيَ عَلَيْهِ لَكَانَ ذَلِكَ خَالِصاً لِلَّهِ سُبْحَانَهُ دُونَ خَلْقِهِ لِقُدْرَتِهِ عَلَى عِبَادِهِ وَلِعَدْلِهِ فِي كُلِّ مَا جَرَتْ عَلَيْهِ صُرُوفُ قَضَائِهِ**

*“Ҳақ Таъоло бо ҳукумати ман бар шумо, барои ман ҳаққе бар шумо қарор додааст ва шуморо ҳамон андоза ҳақ бар ӯҳдаи ман аст, ки маро бар ӯҳдаи шумост. Ҳақ ҳамвора ду тарафӣ аст; касеро бар дигарӣ ҳаққе нест, магар ин ки он дигариро ҳам бар ӯ ҳаққе аст. Ва агар касе бошад, ки бар дигарон ҳақ дорад ва дигарон бар ӯ ҳаққе надоранд, ӯ танҳо Худост ва офаридагонашро чунин мазияте нест, зеро ӯ бар бандагонаш тавоноӣ ва қудрат дорад ва қазои гуногуни ӯ ҷуз бар адолат ҷорӣ намегардад…” (Наҳҷул-балога, хутбаи 216*)

Яъне ҳақ, мутабодал аст; ҳар кас аз он баҳраманд шуд, масъулияте дар муқобил хоҳад дошт.

Аз назари ислом, мафоҳими динӣ ҳамеша мусовии озодӣ будааст, дуруст баръакси он чи — тибқи нақли оқои дуктур Саноъӣ — дар Ғарб ҷараён дошта, яъне ин ки мафоҳими динӣ мусовӣ бо ихтиноқи иҷтимоӣ будааст.

Пурвозеҳ аст, ки чунин равише, ҷуз гурезондани афрод аз дин ва савқ додани эшон ба сӯи материализм ва зиддият бо мазҳаб ва Худо ва ҳар чӣ ранги худоӣ дорад, маҳсуле нахоҳад дошт.

* * *

Се иллати дигар барои гароиш ба моддигарӣ ҳаст, ки лозим аст зикр шавад. Ин се иллат, ҳам дар миёни мо вуҷуд дорад ва ҳам дар миёни масеҳиён. Ин се иллат марбут мешавад ба равиши таблиғӣ ва ё амале, ки пайравони адён дар гузашта ва ё замони ҳозир дошта ва доранд.

## Изҳори назари ғайри мутахассис

Дар баъзе масоил, ҳамаи мардум ба худ ҳақ медиҳанд, ки изҳори назар кунанд. Дар қадим, дар бораи масоили беҳдоштӣ, матлаб инчунин буд. Агар касе мегуфт, ман фалон нороҳатӣ дорам, ҳар кас, ки мешунид, изҳори назар мекард, ки бале, иллаташ ин аст ва асараш ин аст ва чорааш ва илоҷаш ҳам ин аст, ва дигарӣ, ки мешунид, ба

наҳви дигар изҳори назар мекард. Ҳаққи изҳори назарро ҳама барои худ маҳфуз медонистанд ва агар аҳёнан нуфузу қудрате медоштанд ва лоақал бемор навъе рӯдарвосӣ аз онҳо медошт, ӯро маҷбур мекарданд, ки ин дастурро, ки натиҷаaш қатъӣ аст, ба кор бибандад. Камтар фикр мекарданд, ки изҳори назар дар масоили беҳдоштӣ, ниёзманд ба тахассус аст; бояд пизишк буд, дорушинос буд; бояд солҳо назди устод дарс хонд; бояд муддатҳо таҷрибаи илмӣ омӯхт. Аммо гӯӣ ҳама худро пизишк медонистанд. Алъон ҳам дар миёни як табақа вазъ ҳамин аст.

Дар масоили динӣ низ айнан ҳамин тавр буд ва ҳанӯз ҳам ҳамин тавр ҳаст ва идома дорад. Ҳама кас ба худ ҳақ медиҳад, ки изҳори назар кунад.

Масоили динӣ, хусусан қисматҳои Худошиносӣ ва тавҳидӣ, аз ҷумлаи печидатарини масоили илмист, ки ҳама кас шоистагии изҳори назар надорад. Албатта асоси Худошиносӣ он андоза, ки умуми мардум мукаллафанд бидонанд ва имон дошта бошанд, содда ва фитрист, аммо як қадам, ки он тарафтар биравем, баҳси сифот ва асмо ва афъол ва қазо ва қадари илоҳӣ ба миён меояд ва фавқулъода печида мегардад. Ба таъбири Амирулмӯъминин Алӣ (алайҳис салом), "дарёе амиқ аст"; танҳо наҳангҳо метавонанд дар аъмоқи ин дарё шиноварӣ кунанд. Шиносоӣ ва баррасии сифот ва асмои зоти Ҳақ коре нест, ки аз ҳама кас сохта бошад, ва ҳол ин ки мебинем ҳама кас худро дар ин қисмат аҳли назар медонад ва ба баҳсу изҳори назару истидлол мепардозад ва гоҳ сар аз суханони музҳике дармеоварад.

Менависанд, кашише мехост "асли ғоият"-ро таъриф кунад ва баён кунад, ки низоми ҷаҳон як низоми ҳадафдор аст ва ҷаҳон як ҷараёни ҳадафдореро тай мекунад, ва аз ин роҳ мехост ҳикмати Борӣ Таъоло ва илму иродаи ӯро ба субут бирасонад. Ва албатта чунонки медонем, ин матлаби душворе нест; аз хилқати ҳар мавҷуде метавон шоҳид овард, аммо кашиш хаттҳои рӯи харбузаро ба унвони мисол зикр кард. Гуфт, иллати ин ки хаттҳои муназзам рӯи харбуза кашида шуда ин аст, ки вақте мо мехоҳем харбузаро барои афроди хонавода тақсим кунем, қаблан маҳалли гузоштани корд мушаххас бошад, ки одилона тақсим кунем ва бачаҳо даъво накунанд ва ҷору ҷанҷол роҳ наяндозанд.

Мисоле ҳам аз худамон зикр кунам. Мегӯянд, шахсе ин матлабро унвон карда, ки чаро Худованд ба кабӯтар бол додааст, аммо ба шутур надодааст? Ҷавоб медод: агар шутур бол медошт, дигар барои мо зиндагӣ намемонд; шутур парвоз мекард ва хонаҳои хишту гилии мо хароб мешуд.

Аз дигарӣ пурсиданд, чӣ далеле бар вуҷуди Худо ҳаст? Гуфт: "То набошад чизаке, мардум нагӯянд чизҳо!"

Заъфи мантиқӣ, ки ғолибан дида мешавад, ки афроди новорид дар масоили марбут ба ҳикмати илоҳӣ, адли илоҳӣ, қазо ва қадари илоҳӣ, ирода ва машиати илоҳӣ, қудрати комилаи илоҳӣ, ҷабру ихтиёр, ҳудусу қидами олам, қабру барзаху маод ва биҳишту ҷаҳаннам ва сироту мизону ғайра аз худ нишон медиҳанд ва ғолибан шунавандагони онҳо мепиндоранд, ки он чӣ ин ҷоҳилон ва бехабарон мегӯянд, матни таълимоти динӣ аст ва инҳо ба аъмоқи он таълимот расидаанд, яке аз сабабҳои бузурги ломазҳабӣ ва гароишҳои моддӣ аст.

Чӣ қадр мусибат аст барои аҳли маърифат, ки афроде, ки на бо мактаби илоҳиюн ошно ҳастанд ва на бо мактаби моддигароён, аз ҳарҷу марҷу беназмӣ, ки дар системи таблиғоти динӣ вуҷуд дорад истифода карда, дар радди моддигароён китоб менависанд; лотоилоте ба ҳам мебофанд, ки асбоби тамасхур ва истеҳзост. Бадеҳист, ки чунин таблиғоте ба суди моддигарӣ аст. Аз китобҳое, ки дар замони худи мо дар ин замина навишта шудааст, фаровон метавон мисол овард.

## Худопарастӣ ё зиндагӣ

Дар инҷо муқаддиматан бояд матлаберо хотирнишон кунем, то манзур комилан равшан гардад: башар маҳкум аст аз ғароизи худ пайравӣ кунад. Дар вуҷуди башар ғароизе ниҳода шуда то ӯро ба сӯи ҳадафе, ки дар матни хилқат манзур аст, бикашонад. Албатта мақсуд ин нест, ки башар чашмбаста бояд тобеи ғароизи худ бошад, (балки) мақсуд ин аст, ки вуҷуди ғароиз беҳуда нест, наметавон онҳоро нодида гирифт, наметавон онҳоро муҳмал гузошт ва набояд ба муъориза ва муборизаи куллии онҳо пардохт. Ғароизро бояд ислоҳ ва таъдил ва раҳбарӣ кард, ки ин матлаби дигаре аст.

Масалан, дар инсон тамоюл ба фарзанд ҳаст. Ин тамоюл амри кучаке нест; аз шоҳкорҳои хилқати илоҳӣ аст. Агар ин тамоюл набуд, хилқат идома намеёфт. Мунтаҳо дар корхонаи хилқат, ин тамоюл ба сурати як амри лазизу ширин дар коми ҳар ҳайвоне рехта шудааст, то ҳар насле дар хидмати насли ояндаи хеш бошад ва аз ин хидмат низ лаззат бибарад. Ин алоқаро танҳо дар насли қаблӣ қарор надодааст. Дар инсон, насли баъдро низ ба насли қаблӣ алоқаманд гардонидааст, аммо на ба он шиддат, ки гузаштаро ба оянда алоқаманд кардааст. Ин алоқаҳо рамзи пайвандҳост.

Яке дигар аз ғароизи башарӣ, ҳисси ҳақиқатҷӯӣ ва доништалабӣ ва ковиш аст. Мумкин аст мардумро дар замоне муваққат аз таҳқиқу донишу ковиш мунсариф кард, аммо барои ҳамеша наметавон бар зидди руҳи ҳақиқатҷӯӣ ва доништалабии башар қиём кард.

Аз ҷумлаи ғароизи инсон молдӯстӣ аст. Албатта, молдӯстӣ як ғаризаи мустақим дар инсон нест; яъне инчунин нест, ки инсон молро ба хотири мол дӯст бидорад ва мавриди алоқаи ӯ бошад, аммо чун ба ҳасби табъу ғариза, ҳоҷатҳои моддии зиндагии худро мехоҳад рафъ кунад ва дар порае иҷтимоъот монанди иҷтимои мо василаи рафъи ҳоҷатҳо, пулу сарват аст — агар инсон пул дошта бошад, калиди ҳамаи қуфлҳоро дар даст дорад ва агар надошта бошад, ҳамаи дарҳо ба рӯяш баста мемонад — аз ин назар, одамӣ пулро ба унвони калиди ҳамаи қуфлҳо аз назари моддиёти зиндагӣ дӯст медорад.

Ҳамчунонки гуфтем, бо як амри табиӣ ва ғаризӣ наметавон мубориза кард; бад-ин маънӣ, ки барои ҳамеша наметавон онро таътил кард, ҳарчанд мумкин аст дар як муддати маҳдуд ҷомеаро бад-он сӯ кашонд ва ҳам мумкин аст афроде маҳдудро барои ҳамеша бад-он сӯ кашонд, аммо башар ва ҷомеаи баширриро наметавон аз муқтазаёти яке аз ғароиз барои ҳамеша мунсариф кард. Масалан, имкон надорад, ки битавонем ҳамаи афродро барои ҳамеша қонеъ кунем, ки розӣ шаванд ҳамаи дарҳо ба рӯяшон баста бошад ва аз он калиди links мармуз ва ҷодуӣ ба номи "пул" ё "сарват" ба унвони як шайъи палид ва манфур дурӣ гузинанд.

Ҳоло агар бо номи Худо ва бо номи дин бо ин ғароиз мубориза шавад, агар таҳти ному унвони дин таҷаррудд (безанӣ) ва руҳбоният муқаддас шумурда шавад ва издивоҷ палидӣ, агар таҳти он ному унвон ҷаҳл мӯҷиби наҷот муаррифӣ гардад ва илм сабаби гумроҳӣ, агар бо он ному унвон, сарвату қудрат мояи бадбахтӣ шинохта шавад ва фақру заъфу дастнорасӣ мояи саодату хушбахтӣ, чӣ паёмадҳое даст медиҳад? Инсонеро дар назар бигиред, ки аз тарафе таҳти таъсири ҷозибаи динӣ ва талқиноти динӣ аст ва аз тарафи дигар таҳти таъсири ҷозибаи шадиди ин умур; билохира ё ин тарафро мегирад ё он тарафро ва ё монанди бисёре аз мардум дар кашокаши ин ду ҷозиба гирифтор мешавад; аз касоне мешавад, ки дар бораашон гуфтаанд:

*Як даст ба мусҳафему як даст ба ҷом,*

*Гаҳ назди ҳалолему гаҳе назди ҳаром.*

Руҳияи музабзаб пайдо мекунад:

**لا الی هؤلاء ولا الی هؤلاء**

(“*На бо онҳо ва на бо инҳо*”) Дар воқеъ як бемори равонии дурусту ҳисобӣ мешавад бо ҳамаи аво़ризу осораш.

Кори дин ва рисолати дин маҳви ғароиз нест; таъдил ва ислоҳ ва раҳбарӣ ва ҳукумат ва тасаллут бар онҳост. Чун ғароизро наметавон ва набояд аз байн бурд, қаҳран дар иҷтимоъоте, ки бо номи Худо ва дину мазҳаб барои нобудии ғароиз қиём мекунанд ва Худопарастиро бо зиндагӣ мутазодд муаррифӣ мекунанд, худи ин маъонӣ ва мафоҳими олӣ шикаст мехӯранд ва материализм ва соири мактабҳои зиддихудоӣ ва зиддидинӣ ривоҷ мегирад. Аз ин рӯ, бидуни тардид бояд гуфт, ки зоҳидмаобони ҷоҳили ҳар муҳите — ки бадбахтона дар миёни худи мо ҳам зиёд ҳастанд — аз авомили муҳимми гароиши мардум ба моддигарӣ мебошанд.

Росел мегӯяд, таълимоти калисоӣ башарро дар миёни ду бадбахтӣ ва маҳрумият қарор медиҳад: ё бадбахтии дунё ва маҳрумият аз неъматҳои он, ва ё бадбахтӣ ва маҳрумият аз охирату ҳуру қусури он. Мегӯяд, аз назари калисо, инсон илзоман бояд яке аз ду бадбахтиро таҳаммул кунад: ё ба бадбахтии дунё тан диҳад ва худро маҳрум ва мунзавӣ нигаҳ дорад ва дар муқобил дар охират ва ҷаҳони дигар аз

лаззатҳо баҳраманд гардад, ё агар хост дар дунё аз неъматҳо ва лаззатҳо баҳраманд бошад, бояд бипазирад, ки дар охират маҳрум хоҳад монд. Аввалин суолу эроде, ки бар ин мантиқ ворид аст, аз ноҳияи мантиқи тавҳид ва Худошиносӣ аст. Охир чаро Худо илзоман башарро ба таҳаммули яке аз ду бадбахтӣ маҳкум кардааст? Чаро ҷамъ миёни ду хушбахтӣ номумкин аст? Магар Худованд бахил аст?! Магар аз хазонаи раҳмати ӯ кам мешавад?! Чӣ монеъе дорад Худо, ҳам хушбахтии дунёро барои мо бихоҳад ва ҳам хушбахтии охиратро?! Агар Худое дар кор аст, ки аз вуҷуд ва қудрати ғайри мутаноҳӣ лабрез аст, боисте саодати комили моро бихоҳад, ва агар саодати комили моро мехоҳад, ҳам хушбахтии дунёи моро мехоҳад ва ҳам хушбахтии охирати моро.

Бертронд Росел аз касоне аст, ки ин таълими калисоӣ сахт ӯро озор медодааст ва шояд ин таълим таъсири фаровоне дар гароишҳои зиддихудоӣ ва зиддидинии ӯ доштааст.

Касоне, ки ин фикрро таблиғ карда ва мекунанд, хаёл кардаанд, ки иллати ин ки дар дин як силсила чизҳо аз қабили шаробу қимору зинову зулму ғайра наҳй шуда ин аст, ки ин умур саодат ва хушбахтӣ ва баҳҷат меоварад ва дин бо хушиву баҳҷат мухолиф аст ва Худо хоста ӯ дар дунё хушиву саодату масаррат надошта бошад, то битавонад дар охират хушбахт бошад!

Ва ҳол ин ки амр дуруст баръакси ин аст. Ин ҷилавгириҳо ва маҳдудиятҳо ба хотири ин аст, ки ин умур мӯҷиби бадбахтӣ ва тирагии зиндагӣ мегардад. Агар Худо гуфт шароб махӯр, маъноят ин нест, ки агар шароб бихӯрӣ, дар дунё хушбахт мешавӣ ва хушбахтии дунё бо хушбахтии охират носозгор аст, балки чун шароб мӯҷиби бадбахтист, ҳам дар дунё ва ҳам дар охират, аз он ҷилавгирӣ шудааст. Тамоми муҳаррамот инчунинанд; яъне агар мӯҷиби бадбахтӣ набуданд, ҳаром намешуданд. Ва ҳамчунин дар мавриди воҷибот; яъне воҷибот чун мӯҷиби хушбахтӣ ҳастанд ва дар ҳамин зиндагии дунё низ асари нек доранд, воҷиб шудаанд, на ин ки воҷиб шудаанд, то қадре аз хушбахтии дунё бикоҳанд. Қуръон бо камоли сароҳат фавоиду масолеҳи воҷибот ва мазорру мафосиди муҳаррамотро тавзеҳ медиҳад. Масалан дар ду оят нерӯбахшии намозу рӯзаро баён мекунад, мефармояд:

وَاسْتَعِينُواْ بِالصَّبْرِ وَالصَّلاَةِ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلاَّ عَلَى الْخَاشِعِينَ

*“Аз шикебоӣ ва намоз кӯмак ҷӯед, ва он (намоз) басе сангин аст магар барои хушӯъпешагон.”* (*Сураи Бақара, ояти 45*)

Ва дар бораи рӯза мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

*“Эй касоне, ки имон овардаед! Рӯза бар шумо навишта шудааст, ҳамчунон ки бар касоне, ки қабл аз шумо буданд навишта шуд, шояд, ки ботақво шавед.”* (*Сураи Бақара, ояти 183*)

Яъне намоз бихонед ва рӯза бигиред, то руҳатон нерӯманд гардад ва ахлоқи зишт аз шумо зудуда шавад. Намозу рӯза навъе кору амал ва навъе тамрину тарбиятанд, ки ҷилави фаҳшо ва корҳои зиштатонро мегиранд.

Дар ин таълимот, на танҳо масоили зиндагӣ ва масоили маънавиро бо якдигар мутаноқиз намедонад, балки масоили маънавиро василаи созиши бештар бо як муҳити зиндагии саодатмандона муаррифӣ мекунад.

Таълимоти хилофи ҳақиқати бархе мубаллиғон, мӯҷиб гашт, ки мардум аз дин фирорӣ шаванд ва Худошиносиро мусталзими қабули маҳрумият ва таҳаммули бадбахтӣ ва зиллати инҷаҳонӣ бипиндоранд.

## Муҳити ахлоқӣ ва иҷтимоии номусоид

Иллати дигари гароишҳои моддӣ ин аст, ки фазои руҳӣ ва ахлоқии инсон бо андешаи Худошиносӣ ва Худопарастӣ номусоид бошад. Худошиносӣ ва Худопарастӣ табъан мусталзими як навъ таъолии руҳии хоссе аст; базре аст, ки дар заминҳои пок рушд мекунад. Заминҳои фосид ва шӯразор ин базрро фосид мекунад ва аз миён мебарад. Агар инсон дар амал шаҳватрон ва моддапараст ва асири шаҳавот гардад, тадриҷан афкор ва андешаҳояш ҳам ба ҳукми асли интибоқ бо муҳит, худро бо муҳити руҳӣ ва ахлоқии ӯ созгор мекунанд, яъне андешаҳои мутаъолии Худошиносӣ ва Худопарастӣ ва Худодӯстӣ ҷои худро ба афкори пасти моддигарӣ ва ин ки ҳастӣ лағв ва беҳуда аст, ҳисобу китобе дар кори олам нест, дам ғанимат аст ва амсоли инҳо медиҳад.

Ҳар фикру андешае барои ин ки рушд кунад ва боқӣ бимонад, заминаи руҳии мусоиде мехоҳад. Чӣ қадр зебо ва олӣ дар осори динӣ гуфта шудааст, ки:

لا يدخل الملائكة بيتا فيه كلب أو صورة كلب

*“Фариштагон ба хонае, ки дар он хона саг ё тасвири саг вуҷуд дошта бошад, ворид намегарданд.”*

Гуфтем фазои руҳии номусоид. Мумкин аст пурсиш шавад, ки фазои иҷтимоӣ чӣ тавр? Ҷавоб ин аст, ки мо иллати наздик ва мубоширро гуфтем. Шак нест, ки фазои иҷтимоӣ низ бояд мусоид бошад. Вале таъсири фазои иҷтимоӣ бар рӯи ақоид таъсири мустақим нест, таъсири ғайримустақим аст. Фазои фосиди иҷтимоӣ фазои руҳиро фосид мекунад ва фазои фосиди руҳӣ заминаи рушди андешаҳои мутаъолиро заъиф ва заминаи рушди андешаҳои пастро тақвият мекунад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки дар ислом ба ислоҳи муҳити иҷтимоӣ эҳтимоми зиёд шудааст. Ва боз ба ҳамин ҷиҳат аст, ки сиёсатҳое, ки мехоҳанд андешаҳои мутаъолиро дар мардум бикушанд, заминаи фасоди ахлоқӣ ва амалии онҳоро фароҳам мекунанд ва барои фароҳам кардани ин замина, муҳити иҷтимоиро бо васоиле, ки дар ихтиёр доранд фосид менамоянд.

Мо барои ин ки таъсири фазои номусоиди руҳиро дар гароишҳои моддӣ равшан созем, ночорем матлаберо, ки қаблан ба он ишора кардем муҷаддадан тавзеҳ диҳем. Қаблан гуфтем, ки моддигарӣ гоҳе эътиқодӣ аст ва гоҳе ахлоқӣ. Моддияти ахлоқӣ яъне ин ки шахс ҳарчанд аз назари эътиқод мӯътақид ба мовароистабиат аст ва лекин аз назари ахлоқу амал, моддӣ аст. Моддияти ахлоқӣ — ҳамчунон ки гуфта шуд — яке аз иллатҳо ва мӯҷиботи моддияти эътиқодӣ аст. Ба иборати дигар, шаҳватрониҳо ва афсоргусехтагиҳо ва ғарқ шудан дар манҷалоби шаҳватпарастӣ яке аз мӯҷиботи гароишҳои фикрии моддӣ аст.

Моддияти ахлоқӣ яъне ин ки инсон аз ҳаёт ва зиндагӣ ҳеч гуна идеяи ахлоқӣ ва маънавӣ надошта бошад.

Оё мумкин аст касе эътиқодан илоҳӣ бошад, вале амалаш ҷилвагоҳи эътиқодаш набошад ва аз назари амал, моддӣ бошад? Ва оё мумкин аст касе аз назари эътиқод, моддӣ бошад, вале аз назари амал, моддӣ набошад ва зиндагиаш зиндагии муназзаҳ ва беолоиш аз тундравӣ ва таҷовуз ва ситам бошад? Билохира оё инфикоки моддияти ахлоқӣ аз моддияти эътиқодӣ имконпазир аст? Посух ин аст, ки оре,

имконпазир аст ва зиёд воқеъ мешавад, аммо чизе нест, ки давом ёбад ва рӯи он битавон ҳисоб кард, зеро як ҳолати ғайритабиӣ аст ва он чӣ бар хилофи табиат ва равиши табиии низоми асбоб ва мусаббабот аст давом нахоҳад ёфт. Ва билохира он ҷо, ки инфикок аст, ё равиш ва амал дар эътиқод муассир меафтад ва онро мунқалиб мекунад ва ё эътиқод ва идея таъсир мекунад ва тарзи амалро мунқалиб месозад. Ва билохира ё эътиқод фидои амал мешавад ва ё амал фидои эътиқод.

Инро наметавон бовар кард, ки касе битавонад як умр зиндагӣ кунад, ки фикран ва имонан илоҳӣ бошад, вале амалан моддӣ; оқибат яке аз ду тараф ғолиб хоҳад шуд, ё ба ин сӯ ва ё ба он сӯ хоҳад рафт. Камо ин ки он касе ҳам, ки аз назари фикру имон моддӣ аст, хоҳ нохоҳ, дер ё зуд ё бармегардад ва илоҳӣ мешавад ва ё ин ки таназзуҳи ахлоқии ӯ табдил ба моддияти ахлоқӣ мегардад. Ин ду наҳв моддият (моддияти эътиқодӣ ва моддияти ахлоқӣ) иллату маълули якдигаранд ва аз навъи иллату маълулҳои мутақобил ҳастанд. Яъне ҳар кадом, ҳам иллати дигарӣ воқеъ мешаванд ва ҳам маълули он.

Вақте инсон фикраш ба ин ҷо мунтаҳӣ гашт, ки ҷаҳон бидуни ҳадаф аст ва ҳушу ақлу идрок дар он вуҷуд надорад ва хилқати афроди инсонӣ ҳам тасодуфӣ аст ва хилқате аст бар асоси абас ва парвандаи инсонҳо низ пас аз марг ба куллӣ баста мешавад, табъан ба фикр меафтад “пас дамро бояд ғанимат шумурд! То кай дар фикри хубу бад будан ва умрро беҳуда талаф кардан?”. Тарзи тафаккури беҳудашумории ҳастӣ ва ҳаёт ва офариниш табъан ба моддияти эътиқодӣ мунтаҳӣ мегардад; махсусан, ки ин тарзи тафаккур фавқулъода ранҷовар ва тоқатфарсост. Ғолибан соҳибони ин андешаҳо аз худ, яъне аз андешаҳои худ, ки монанди мору ақраб онҳоро мегазад, фирор мекунанд ва ба дунболи василае ҳастанд, ки он андешаҳои газанда ва хурдкунандаро аз онҳо дур созад. Дар пайи умури фаромӯшиовар мераванд; ба мухаддирот ва мускирот паноҳ мебаранд; ҳаддиақалл ин аст, ки ба маҷолис ва маҳофили айшу ишрат барои фаромӯш кардани худ ва андешаҳои худ рӯ меоваранд ва тадриҷан ғарқ дар моддияти ахлоқӣ мегарданд.

Пас, иллати ин ки моддияти эътиқодӣ мунҷар ба моддияти ахлоқӣ мегардад танҳо ин нест, ки мантиқан асоси ахлоқи мубтанӣ бар ифофу тақво мутазалзил мегардад

ва далеле барои чашмпӯшӣ аз лаззатҳои моддӣ боқӣ намемонад; танҳо ин нест, ки бо аз миён рафтани садди маънавии афкори илоҳӣ, ҷозибаи шаҳавот кори худро мекунад; балки иллати дигаре ҳам дар кор аст, ва он ин ки андешаҳои материалистӣ дар бораи ҷаҳон ва ҳаёт ва хилқат одамиро сахт дар ранҷу фишор мегузорад ва дар одамӣ ҳолати майл ба фирор аз ин андешаҳо ва паноҳ бурдан ба умури фаромӯшиовар, аъамм аз айшу ишратҳо ва ё мухаддирот ва мускирот, ба вуҷуд меоварад. Таъсири дофеъаи ин андешаҳои саҳмнок камтар аз таъсири ҷозибаи лаззати моддиёт нест.

Акси ин ҳолат низ мумкин аст. Яъне ҳамон тавр, ки моддияти эътиқодӣ мунҷар ба моддияти ахлоқӣ мешавад, моддияти амалӣ ва ахлоқӣ низ дар ниҳояти амр мунҷар ба моддияти эътиқодӣ мешавад. Яъне ҳамон тавр, ки фикру андеша бар рӯи ахлоқу амал асар мегузорад, ахлоқу амал низ рӯи фикру эътиқоду андеша асар мегузорад. Мақсуди аслӣ дар ин баҳс — ки аз иллатҳои гароишҳои моддӣ баҳс мекунем ва суханамон ба масъалаи фазои номусоиди руҳӣ ва ахлоқӣ расидааст — ҳамин қисмат аст.

Мумкин аст суол шавад чӣ робитае мобайни амал ва фикр ҳаст? Масъалаи фикр аз масъалаи амал муҷаззост. Мумкин аст инсон ҷуре фикр кунад ва низоми фикриаш собит бимонад, аммо амалу ахлоқаш мутобиқи он набошад ва ба наҳви дигаре сайр кунад.

Ҷавоб ин аст, ки имон ва эътиқод, як фикри муҷаррад ва хушк нест, ки гӯшае аз зеҳнро ишғол кунад ва бо соири қисматҳои ҳастии инсон сару коре надошта бошад. Дар байни афкори инсон, афкори бе иртибот ба амал бисёр аст, монанди афкору иттилооти риёзии инсон ва қисматҳои бисёре аз иттилооти табиӣ ва ё ҷуғрофиёӣ. Аммо баъзе аз афкор аст, ки вақте дар инсон пайдо шуд, ба ҳукми ин ки бо сарнавишти инсон пайванд дорад, мехоҳад бар саросари вуҷуди инсонӣ тасаллут ёбад ва ҳамаро дар қабзаи хеш қарор диҳад; ҳангоме, ки пайдо мешавад, занҷирвор як идда андешаҳои дигареро ба дунболи хеш меоварад ва хатти машйи инсонро иваз мекунад. Айнан достони кӯдаки мактаб аст, ки ҳар чӣ устод мегуфт бигӯ "алиф", намегуфт. Пас аз он ки исрори бисёр карданд, ки "алиф" гуфтан барои ту

чӣ зараре дорад? Ҷавоб дод, ки агар “алиф” бигӯям, ба он хатм намешавад; пас аз он бояд бигӯям “б” ва билохира силсилаи дарозе хоҳад дошт. Ман аз аввал, “алиф” намегӯям, ки то ба охир роҳат бошам.

Саъдӣ мегӯяд:

*Дил гуфт маро илми ладуннӣ ҳавас аст,*

*Таълимам кун агар туро дастрас аст.*

*Гуфтам, ки “алиф”, гуфт: дигар? Гуфтам: ҳеҷ*

*Дар хона агар кас аст як ҳарф бас аст.*

Масъалаи Худо айнан ҳамон “алиф”-и мактаб аст, ки инсон вақте гуфт, билофосила баъдаш бояд бигӯяд “б” ва ба тартиб соири алифбои маърифат ба дунболи он. Инсон вақте Худоро пазируфт, бояд бипазирад, ки Худо олими сирру хафиёт аст, қодири мутлақ аст, ҳакими мутлақ аст, абас ва беҳуда дар кори ӯ вуҷуд надорад; пас, аз хилқати инсон низ ҳадаф ва ғаразе дар кор аст ва беҳуда нест. Қаҳран ин фикр ба дунбол меояд: оё зиндагии инсон ба ҳамин ҳаёт ва зиндагӣ маҳдуд аст ва ё ин ки инсон таклиф ва вазифаи дигаре дорад? Оё он ки инсонро офаридааст, вазифаеро ҳам ба ӯҳдаи ӯ гузоштааст ё ин ки нагузоштааст? Ва агар вазифае ҳаст, он вазифа чист ва чӣ гуна бояд рафтор кард? Ин аст “алиф”, ки то охир гиребони инсонро раҳо намекунад, магар ин ки саропои зиндагии худро таслими ин “алиф” кунад. Яъне ин хатти сайре аст, ки “алифи Худо” барои инсон муайян мекунад.

Рӯи ин ҳисоб аст, ки Худошиносӣ фазои руҳӣ ва амалии мусоиде лозим дорад ва агар фазои руҳӣ ва амалии мусоиде набуд, ҳамон решаи аслӣ низ хушк мегардад; ҳамчун базре, ки дар замине афшонда мешавад, ки агар муҳит мусоид набошад, фосид мегардад ва аз байн меравад.

Тавҳид иқтизо мекунад як заминаи омодаи руҳиро барои таъолӣ. Тавҳид муқтазии таъолии руҳӣ аст; мехоҳад руҳро бартарӣ диҳад ва бо ҳадафҳои ҳаёт ва хилқат созгорӣ диҳад ва ба ҳамин ҷиҳат дар Қуръони Карим ҳама сухан аз қобилият ва покӣ ва истеъдод аст, мегӯяд:

**هدى للمتقين**

*“Ҳидоят аст барои парҳезкорон.” (Сураи Бақара, ояти* 2)

**لينذر من كان حيا**

*“Қуръон барои ин аст, ки ту ба василаи он зиндаҳоро эъломи хатар кунӣ.” (Сураи Ёсин, ояти 70*)

Аз тарафи дигар, исёнҳои ахлоқӣ ва амалӣ руҳро аз он мақоми қудси воло таназзул медиҳанд ва аз ин рӯ ин фикр ва он амал ду нерӯи мутазодд бо якдигаранд.

На танҳо дар мафоҳими муқаддаси мазҳабӣ матлаб инчунин аст, балки дар тамоми мафоҳими муқаддас, ҳарчанд ғайримазҳабӣ, матлаб ба ҳамин минвол аст. Шарофат ва шаҳомат ва шуҷоати руҳ дар ҳама кас рушд намекунад. Иззат ва озодагӣ ва адолатхоҳӣ ва хайрхоҳи башар будан дар ҳама кас рушд надорад. Дар инсони шаҳватрон ва айёш инҳо рӯ ба забунӣ ва фарсудагӣ мераванд. Дар инсони аз худ гузашта ва аз тан раҳида рушд мекунанд, ва аз ин рӯ дар он ҷо, ки инсон ба шаҳвату айшу нӯш гароидааст, ҳамаи хислатҳои инсонӣ мурдааст ва инсон дар лаҷани зиштиҳои ахлоқӣ фурӯ рафтааст ва бад-он сабаб ҷомеа ва инсонҳо дар роҳи суқут меафтанд. Як намунаи таърихии ин матлаб, достони суқути Испониёи исломӣ аст. Калисо ҳар чӣ хост Испониёро аз чанголи мусалмонон бадар оварад, натавонист, то нақшае моҳирона кашид ва таъолии руҳро аз онон гирифт; ононро ба бодагусорӣ ва айёшӣ одат дод ва ғайрату шарафашонро бурд ва ба дунболи он сиёдат ва истиқлолашон ва сипас дину эътиқодоташон ҳамаро нобуд сохт.

Авлиёи Ҳақ ҳатто аз бисёре аз лаззоти мубоҳ чашм мепӯшиданд ва аз гирифторӣ дар лаззоти ҳалол низ парҳез доштанд, зеро медонистанд он ҷо, ки инсон пойбанди лаззат шуд, таъолии руҳ аз ӯ гирифта мешавад, чӣ расад ба он ҷо, ки пойбанди гуноҳ бошад.

Дар осори исломии мо ин матлаб ба ин сурат тарҳ шуда, ки гуноҳ сиёҳдилӣ меоварад ва сиёҳдилӣ беимонӣ. Ба иборати дигар, сияҳкорӣ сияҳдилӣ меоварад ва сияҳдилӣ сияҳфикрӣ:

**ثُمَّ كَانَ عَاقِبَةَ الَّذِينَ أَسَاؤُوا السُّوأَى أَن كَذَّبُوا بِآيَاتِ اللَّهِ**

*“Он гоҳ фарҷоми касоне, ки бадӣ карданд, басе бадтар буд, чаро ки оятҳои Худоро такзиб карданд…” (Сураи Рум, ояти 10*)

**Сангари қаҳрамонӣ ва пархошгарӣ**

Иллатҳо ва авомиле, ки қаблан таҳти унвонҳои "норасоии мафоҳими калисоӣ", "норасоии мафоҳими фалсафӣ", "норасоии мафоҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ", "нақси равишҳои таблиғӣ" ва "номусоид будани фазои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ" аз онҳо ёд шуд ё танҳо ба гузашта ва таърих марбут аст ва дар гароишҳои моддии асри мо нақше надорад ва ё аз авомили муштараки ҳамаи асрҳост ва дар асри мо нақши бахусусе надорад.

Акнун мехоҳем гароишҳои моддии асри худамонро баррасӣ кунем. Дар асри мо (даврони навишта шудани ин китоб, ки тақрибан 60 сол қабл аз ин замон аст. С.И.) каму беш материализм навъе кашиш ва ҷозиба дорад, албатта на аз навъи кашиш ва ҷозибае, ки дар ду қарни пеш аз назари равшанфикрӣ ва ҳамоҳангӣ бо улум дошт. Дар қарни 18-ум ва 19-ум дар асари ҳамон норасоии мафоҳими калисоӣ ва мафоҳими фалсафии урупоӣ, мавҷе падид омада буд мабнӣ бар ин ки ё илму дониш ва ё мазҳабу Худо. Аммо тӯле накашид, ки ин мавҷи козиб дарҳам шикаст ва равшан гашт, ки пучу беасос аст.

Ҷозиба ва кашиши материализм дар асри мо аз ноҳияи дигар аст; аз ноҳияи хоссияти инқилобӣ ва пархошгарӣ ва муборизаталабие аст, ки бад-он маъруф шудааст.

Имрӯз каму беш инчунин дар мағзи ҷавонон фурӯ рафтааст, ки ё бояд Худопараст буд ва мусолиматҷӯ ва офиятталабу сокиту сокину бетафовут, ва ё бояд материалист буд ва мутаҳаррик ва пархошгар ва душмани истеъмору истисмору истибдод.

Чаро чунин андешае дар мағзи ҷавонон роҳ ёфтааст? Чаро материализм ба он хоссият шинохташуда ва мактаби илоҳӣ ба ин хоссият? Аз куҷои материализм он истинбот мешавад ва аз куҷои мактаби илоҳӣ ин?

Посухи ин пурсишҳо возеҳ аст. Лузуме надорад, ки мантиқан аз материализм он истинбот шавад ва аз мактаби илоҳӣ ин. Ҷавон, ки бо ин истинтоҷоти мантиқӣ сару кор надорад. Ҷавон як чиз мебинад ва ҳамон кофист барои натиҷагирии ӯ. Ҷавон мебинад, ки қиёмҳо ва инқилобҳо ва набардҳо ва муборизаҳоро тарафдорони материализм идора мекунанд ва илоҳиюн ғолибан дар ҷиноҳи бетаҳаррукҳо ва

бетафовутҳо қарор доранд. Барои ҷавон ҳамин қадр кофист, ки дар қазовати худ мактаби илоҳиро маҳкум ва мактаби моддиро таъйид намояд.

Дар ҳоли ҳозир қисмати умдаи муборизоти қаҳрамононаи зидди истибдоду истисморро афроде раҳбарӣ мекунанд, ки каму беш тамоюлоти материалистӣ доранд. Бидуни тардид сангари қаҳрамониро то ҳудуди зиёде онҳо ишғол кардаанд. Хоссияти таҳаррук ва инқилобӣ буданро онҳо нисбатан ба худ ихтисос додаанд. Бояд эътироф кунем, ки мафоҳими динӣ дар асри мо аз ҳар гуна ҳамосае тиҳӣ гаштааст. Ва аз он тараф бо таваҷҷӯҳ ба аксуламале, ки зулму ситамгарӣ дар руҳи табақаи маҳрум ва ситамкаш эҷод мекунад ва бо таваҷҷӯҳ ба руҳи қаҳрамонпарастӣ, ки дар ҳамаи афроди башар вуҷуд дорад, кофист, ки арзиши мусбати ин таблиғи амалиро ба нафъи материализм, ва арзиши манфии он равиши амалиро, ки акнун илоҳиюни мо доранд, алайҳи Худо ва мазҳаб дарк кунем.

Ин ҷараён аҷиб ба назар мерасад; қоидатан мебоист баръакс бошад, зеро лозимаи Худошиносӣ ва Худопарастӣ ин аст, ки инсонро ба ҳадафҳои мофавқи моддиёт вобаста мекунад ва ӯро дар роҳи ҳадафҳои олии худ богузашт менамояд, бар хилофи материализм, ки табиатан одамиро бо модда ва моддиёт ва он чӣ марбут ба ҳаёти фардӣ ва шахсӣ — он ҳам дар ҳудуди шуъуни моддии зиндагӣ — аст пойбаст мекунад.

Ба илова, таърих нишон медиҳад, ки ҳамвора паёмбарон ва пайравони онҳо будаанд, ки дар муқобили фиръавнҳо ва намрудҳо ва соҳибони қудрат бапо хостаанд ва қудратҳои аҳриманиро дарҳам кӯфтаанд. Паёмбарон буданд, ки бо нерӯи имон, аз табақаи маҳрум ва истисморшуда қудрате азим алайҳи “мутрафин” (ба таъбири Қуръон) ба вуҷуд меоварданд. Қуръони Карим дар сураи Қасас мефармояд:

**وَنُرِيدُ أَن نَّمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ. وَنُمَكِّنَ لَهُمْ فِي الْأَرْضِ وَنُرِيَ فِرْعَوْنَ وَهَامَانَ وَجُنُودَهُمَا مِنْهُم مَّا كَانُوا يَحْذَرُونَ**

*“Мо мехоҳем бар хоршумурдашудагон дар замин миннат ниҳем ва онҳоро пешво ва ворис мавҳибатҳо ва қудратҳое, ки ситамгарон ба зӯр тасоҳуб кардаанд, қарор диҳем ва қудрату нерӯи онҳоро (ки қудрату нерӯи миллӣ аст) дар замин мустақар созем ва ба*

*Фиръавну Ҳомон (самбулҳои зӯру истибдод) ба дасти ин хоршумурдашудагон, онро бинумоёнем, ки аз он парҳез мекарданд.”* (*Сураи Қасас, оятҳои 5-6*)

Дар ҷои дигар мефармояд:

**وَكَأَيِّن مِّن نَّبِيٍّ قَاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُواْ لِمَا أَصَابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَمَا ضَعُفُواْ وَمَا اسْتَكَانُواْ وَاللّهُ يُحِبُّ الصَّابِرِينَ. وَمَا كَانَ قَوْلَهُمْ إِلاَّ أَن قَالُواْ ربَّنَا اغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَإِسْرَافَنَا فِي أَمْرِنَا وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وانصُرْنَا عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ. فَآتَاهُمُ اللّهُ ثَوَابَ الدُّنْيَا وَحُسْنَ ثَوَابِ الآخِرَةِ وَاللّهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ**

“*Чӣ бисёр паёмбароне, ки мардони илоҳии бисёре ба ҳамроҳии онҳо ба пайкор бархостанд ва ба ҳеч ваҷҳ бар асари сахтиҳо ва масоибе, ки ба онҳо дар роҳи Худо расид, суст нашуданд ва заъиф нагаштанд ва оҳанги зорӣ сар надоданд. Оре, Худованд собиронро дӯст медорад. Сухан ва тақозояшон аз парвардигорашон ҷуз ин набуд, ки: парвардигоро! Аз тақсирҳои мо ва зиёдаравиҳои мо дар кор даргузар ва моро собитқадам бидор ва бар кофирон пирӯз гардон. Пас, Худованд ҳам подоши дунё ва подоши неки охират ба онҳо дод. Худованд некӯкоронро дӯст медорад.”* (*Сураи Оли ИМрон, оятҳои 146-148*)

Дар оятҳои сураи Қасас чунин омада буд: “*Мехоҳем онҳоро дар замин мустақар созем*”. Акнун ояте аз Қуръон зикр мекунем, ки равшан мекунад пайравони мактаби анбиё он рӯзе, ки қудраташон дар замин мустақар гардад, чӣ гуна амал мекунанд. Дар сураи Ҳаҷ мефармояд:

**الَّذِينَ إِن مَّكَّنَّاهُمْ فِي الْأَرْضِ أَقَامُوا الصَّلَاةَ وَآتَوُا الزَّكَاةَ وَأَمَرُوا بِالْمَعْرُوفِ وَنَهَوْا عَنِ الْمُنكَرِ وَلِلَّهِ عَاقِبَةُ الْأُمُورِ**

“*Онон, ки чун қудрати онҳоро дар замин мустақар созем, намозро (ки мазҳар ва ойинаи пайванди онҳо бо Худост) бапо медоранд ва закотро (ки мазҳар ва самбул ва василаи кӯмак ба халқи Худост) адо мекунанд ва амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар менамоянд (яъне дар ишоъаи хубиҳо ва изолаи бадиҳо кӯшиш мекунанд), ва албатта оқибат ва саранҷом ба дасти Худост.”* (*Сураи Ҳаҷ, ояти 41*)

Яъне онҳо ба ҳар ҳол дар анҷоми вазифаи худ кӯшо мебошанд, аммо ба натиҷа расидан ва нарасидан ба таври қатъ амре аст, ки тобеъи як силсила шароит ва масолеҳ аст, ки ба дасти Худост.

Ҳамчунин дар ҳамон оятҳои сураи Қасас чунин омада буд: “*Мехоҳем… онҳоро пешвои дигарон қарор диҳем*” . Акнун ояте аз Қуръон зикр мекунем, ки дар онҷо равшан мекунад, ки бар ҳасби суннати илоҳӣ чӣ қавме салоҳияти пешвоӣ доранд. Дар сураи Саҷда мефармояд:

وَجَعَلْنَا مِنْهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا لَمَّا صَبَرُوا وَكَانُوا بِآيَاتِنَا يُوقِنُونَ

*“Мо аз миёни онҳо (қавме, ки таҳти фишору шиканҷа буданд) пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо дигаронро раҳбарӣ мекунанд, бад-ин ҷиҳат, ки муқовимат карданд ва сарсахтӣ нишон доданд ва таслим нашуданд, ва дигар ин ки ба оятҳои мо ва ваъдаҳои барҳаққи мо ва сунану навомиси мо яқин доштанд.” (Сураи Саҷда, ояти 24*)

Қуръони Карим дар ҷои дигар мефармояд:

وَفَضَّلَ اللهُ الْمُجَاهِدِينَ عَلَى الْقَاعِدِينَ أَجْرًا عَظِيمًا

*“Худованд муҷоҳидон ва пайкоркунандагон ва бапохостагонро бар нишастагон ба аҷру подоши азиме бартарӣ додааст.” (Сураи Нисо, ояти 95*)

Дар ҷои дигар мефармояд:

إِنَّ اللهَ يُحِبُّ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِهِ صَفًّا كَأَنَّهُم بُنيَانٌ مَّرْصُوصٌ

*“Дар ҳақиқат Худованд дӯст дорад касонеро, ки дар роҳи ӯ саф дар саф чунонки гӯӣ биное рехташуда аз сурбанд пайкор мекунанд.” (Сураи Саф, ояти 4*)

Дар ҷои дигар хостаҳои қаҳрамонона ва пархошгаронаи онҳоро инчунин мунъакис мекунад:

رَبَّنَا أَفْرِغْ عَلَيْنَا صَبْرًا وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وَانصُرْنَا عَلَى الْقَوْمِ الْكَافِرِينَ

*“Парвардигоро! Зарфи қалбҳои моро аз нерӯи пойдорӣ ва хештандорӣ лабрез фармо; қадамҳои моро собит бидор ва моро бар кофирон пирӯзӣ деҳ!” (Сураи Бақара, ояти 25*)

Мунҳасир ба ин оятҳо нест, фаровон аст. Оё аз ин бештару беҳтар ҳамоса метавон ёфт? Саросари Қуръон ҳамосаи пайкору ҷиҳоду амр ба маъруфу наҳй аз мункар аст. Бо ин ҳол, чӣ гуна аст, ки сангари инқилобу пархошгарӣ аз илоҳиюн гирифта шуда ва материалистҳо ин сангарро тасоҳуб кардаанд? Он чӣ мояи таъаҷҷуб аст ин аст, ки ҳатто пайравони Қуръон низ ин сангарро аз даст додаанд. Аз калисо таъаҷҷубе нест. Калисо қарнҳо Қуръону исломуПаёмбари гиромии исломро мавриди таъну шамотат қарор дод, ки чаро по аз гилеми руҳбонияту савмаъанишинӣ дарозтар кардааст? Чаро бо ситамгарони замон ба набард бархостааст? Чаро алайҳи қудратҳои дунявӣ бапо хостааст? Чаро кори Қайсарро ба Қайсару кори Худоро ба Худо вонагузоштааст?

Аммо алҳаққ аз муддаиёни пайравии Қуръон ҷои таъаҷҷуб аст. Ба ақидаи мо, холӣ кардани ин сангар аз тарафи Худопарастон ва ҳамчунин ишғоли ин сангар ба василаи пайравони мактаби моддӣ, ҳар кадом иллати ҷудогона дорад.

Ин сангар аз тарафи Худопарастон он гоҳ холӣ шуд, ки дар муддаиёни пешвоии динӣ, руҳи офиятталабӣ падид омад. Ва ба иборати саҳеҳтар, ин падида аз он вақт рух дод, ки мардуми офиятталаб ва аҳли зиндагии рӯзмарра ва ба таъбири худи дин, мардуми аҳли дунё, ба ҷои паёмбарон ва пешвоёни динӣ нишастанд ва мардум ба ғалат инҳоро, ки руҳияе бар зидди руҳияи паёмбарону имомону тарбиятшудагони воқеии онҳо доштанд — ва агар ташобуҳе дар кор буд андаке дар қиёфаву либос буд — намоянда ва мазҳар ва ҷонишини онҳо донистанд.

Бадеҳист, ки инҳо мафоҳими динироончунон тавҷеҳ карда ва мекунанд, ки таклифе барои худашон эҷод ва эҷоб накунад ва бо офиятталабӣ кучактарин тазодду тасодуме надошта бошад. Дониста ва ё надониста мафоҳиме аз динро тағйир доданд ва алайҳи худи дин ба кор бурданд. (Мисли мафҳуми тақия)

Имрӯз мебинем, ки ин калима (тақия) аз мафҳуми аслии худ ба куллӣ тиҳӣ гашта ва мафҳуми зидди мубориза ба худ гирифтааст. Аз назари офиятталабон, тақия яъне аз майдон бадар рафтан ва саҳнаро ба душман вогузор кардан, ва дар муқобил, ба ҷарру баҳсу ҷанҷол пардохтан.

Аммо чӣ гуна шуд, ки моддигароён ин сангарро ишғол карданд? Мумкин аст гуфта шавад, иллати ин ки моддигароён ин сангарро ишғол карданд, ин буд, ки илоҳиюн холӣ карданд. Вале ин гуфта саҳеҳ нест; иллати дигаре дар кор аст.

Дар ин ҷиҳат калисо беш аз ҳама масъул аст. Дар Ғарб — ҳамчунонки қаблан ишора шуд — аз як тараф мафоҳими номаъқуле дар бораи Худо ва ҷаҳони дигар ва Исои Масеҳ арза шуд, ки афкори ҳурру озоду равшан наметавонистанд бипазиранд. Он чӣ ҳам ба унвони “ҳикмати илоҳӣ” арза мешуд, ки вобаста ба калисо буд низ ҳамин тавр; ба изофаи ин ки навъе иртиботи маснуъӣ миёни имон ба Худо ва машрӯъ шумурдани истибдодҳо ва ихтиноқҳо аз як тараф ва миёни бехудоӣ ва ҳаққи ҳокимияти миллӣ ва пайкор дар роҳи касби ҳуқуқ, аз тарафи дигар барқарор шуд.

Инҳо мӯҷиб шуд, ки бархе муслиҳони иҷтимоӣ ва парчамдорон, барои ин ки худро дар роҳи муборизоти иҷтимоӣ яксара аз ин қайдҳо озод кунанд, аз асос мункири Худо ва ҳар маънӣ ва мафҳуме, ки аз фикри Худо муншаъиб шавад гаштанд ва ба сӯи материализм рӯ овnövарданд.
Пайравони онҳо, ки аз назари иҷтимоӣ шефта ва фирефтаи онҳо буданд, тадриҷан чунин фикр карданд, ки шояд андешаи материализм чунин мӯъҷизае дорад ва чунин афроди мубориз ва пархошгаре ба вуҷуд меоварад, ва ҳол он ки он афрод аз материализм нерӯ нагирифта буданд, балки ин материализм буд, ки аз ин афрод нерӯ гирифт ва эътибор ва ҳайсият касб кард. Иллати гароиши он афрод ба материализм маҳосини материализм набуд, балки мафосиде буд, ки дар дастгоҳҳои ба истилоҳ динӣ ва мазҳабӣ аз ҷанбаҳои фикрӣ, ахлоқӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ падид омада буд.
Алъон мебинем, ки навъе иртиботи тасаннуъӣ миёни сотсиалисм — ки марбут аст ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсии иҷтимоъ — ва миёни материализм дар назари бархе кӯтаҳназарон мавҷуд аст, ва ҳол ин ки ҳеч иртиботе нест. Дар ҳақиқат, ба миқдори зиёде дар асри ҳозир материализм ба воситаи пайванди дурӯғине, ки бо сотсиалисм пайдо кардааст, ҳайсият ва эътибор ёфтааст.
Албатта намехоҳем муболиға карда бошем; намехоҳем иддао кунем, ки дар ҳоли ҳозир материализм тавонистааст тамоми сангарҳои инқилоб ва навҷӯӣ ва навсозӣ ва пархошгариро аз дасти илоҳиюн бигирад. Махсусан дар ҷаҳони ислом ин куллият ба ҳеч ваҷҳ содиқ нест. Таърихи ним қарни ахири муборизоти зидди истеъморӣ дар сарзаминҳои исломӣ беҳтарин шоҳиди муддаост ва пешбинӣ мешавад, ки мусалмонони бедордил тадриҷан ин сангарро, ки баҳаққ моли худашон аст тасоҳуб кунанд. Ҳатто гуфта мешавад, он чӣ дар ҷануби шарқи Осиё мегузарад, ки эъҷоби ҷаҳониёнро барангехтааст, бар хилофи бархе таблиғот, бо навъе маънавият ва ҷанбаҳои зидди материалистӣ тавъам аст. Вале инкор ҳам набояд бикунем, ки дар гузаштаи наздик чунин будааст ва ҳанӯз ҳам соҳиби аслии ин сангарҳо ҳамон бехудоҳо қаламдод мешаванд.

**Натиҷа**

Натиҷае, ки амалан аз баррасии иллатҳо ва омилҳои гароишҳои моддӣ бояд бигирем чист?

Муҷаддадан бояд эътироф кунам, ки муддаӣ нестам ин баррасӣ як баррасии ҷомеъ ва комил аст. Мумкин аст иллатҳо ва омилҳое аз назари ман пинҳон монда бошад. Мумкин аст дар арзёбии баъзе омилҳо иштибоҳ карда бошам. Мусалламан дигарон, ки ҷараёни таърихро бо зербиноҳои иқтисодӣ тавҷеҳ мекунанд, ба шакли дигар ин ҳаводисро таълил менамоянд ва ояндаро ҳам ба шакле дигар пешбинӣ мекунанд. Мо ҳарчанд мутолеоти худро барои изҳори назари қатъӣ дар бораи иллатҳо ва омилҳои гароишҳои моддӣ кофӣ намедонем ва худро ниёзманд ба баррасии дақиқтар ва комилтаре медонем, аммо ҳозир ҳам нестем аз дигарон тақлид кунем ва чашмбаста таслими гуфтаҳои онҳо бишавем.

Акнун бибинем аз назари алоқамандон ба басту ишоъаи калимаи тавҳид, ки наҷоти инсониятро дар гарави Худошиносӣ ва Худопарастӣ медонанд, маънавиятро аз заруратҳои зиндагии фардӣ ва иҷтимоии инсон мешиносанд, эътироф доранд, ки башарият минҳои маънавият умеде ба бақояш нест, худашро ва тамаддунашро ва заминеро, ки бар он қарор гирифта ба дасти худ нобуд хоҳад сохт — оре, аз назари ин афрод — чора чист ва чӣ бояд кард?

Агар баррасиҳои гузаштаро милок қарор диҳем, бояд аввалан мактаби илоҳиро ба таври маъқул ва илмӣ ва истидлолии саҳеҳ арза бидорем: ба Худованд тасвири инсонӣ надиҳем, барояш чашму гӯш насозем, миёни чашми чапаш ва чашми росташ фосила муайян накунем, ӯро дар лабараторияҳо ва ё дар болои абрҳо ва мофавқи осмонҳо ва дар қаъри дарёҳо ҷустуҷӯ накунем, масъалаи танзеҳро, ки Қуръони Карим фаровон бар он такя кардааст дар назар бигирем ва ӯро бартар аз хаёлу қиёсу гумону ваҳм бидонем, ӯро фақат оғозкунандаи ҷаҳон надонем, миёни ӯ ва иллатҳои замонӣ тақсими кор барқарор накунем, бо тасаввуроти номарбут дар бораи илми азалӣ ва иродаи азалӣ мубориза кунем, ва хулоса, ҷилави ҳар гуна лағзиши фикриро дар масоили илоҳиёт бигирем.

Албатта, ин кор вақте муяссар аст, ки ба як мактаби истидлолии систематики илоҳӣ, ки посухгӯи ин ниёз бошад, бипайвандем. Маорифи исломӣ аз ин назар фавқулъода ғанӣ аст ва метавонад посухгӯи хубе ба ин ниёз бошад. Ҳукамои исломӣ бо илҳом аз Қуръони Карим ва калимоти Расули Акрам (с) ва пешвоён тавонистаанд як мактаби мустадал ва мустаҳкаме дар ин замина ба вуҷуд оваранд. Касе, ки бо ин мактаб ошно бошад, намегӯяд маънии иллати нахустин ин аст, ки як шайъ худаш поягузори вуҷуди худаш бошад. Намегӯяд агар ҳама чизро иллати нахустин ба вуҷуд овардааст, худи иллати нахустинро чӣ чиз ба вуҷуд овардааст? Намегӯяд мушкили иллати нахустин лоянҳал аст. Намегӯяд агар қоил ба Худо шавем, барои замон бояд ибтидои замонӣ қоил шавем. Намегӯяд агар Худоро исбот кунем, бояд озодиро нафй кунем. Намегӯяд ё Худо ё озодӣ ва амсоли инҳо.

Дар гузаштаи таърихи исломӣ, Ашъариён ва Ҳанбалиён ҷумуд ва қишрияте ба вуҷуд оварданд, ки илоҳиёти исломиро таҳдид мекард, вале натавонист дар муқобили таҳаррук ва таъолоие, ки маорифи амиқи исломӣ дарбар дошт муқовимат кунад. Мутаассифона ахиран гурӯҳе аз нависандагони ба истилоҳ равшанфикри мусалмони араб, таҳти таъсири фалсафаи ҳиссии Ғарб аз як тараф ва собиқаи ашъаригарӣ аз тарафи дигар, навъе ҷумуди фикрӣ ва лоадригарӣ дар илоҳиётро таблиғ мекунанд ва як навъ ашъаригарии пайвандхӯрда бо фалсафаи ҳиссиро ривоҷ медиҳанд. Фарид Ваҷдӣ ва то ҳадде Сайид Қутб, Муҳаммад Қутб, Сайид Абулҳасани Надвӣ аз ин табақаанд. Каму беш мавҷи ин тарзи тафаккур ба миёни мо ҳам расидааст.

Ин табақа таҳти унвони ин ки моварооуттабиа водие аст ношинохта ва барои башар маҷҳул аст ва аз ҳудуди тавоноии ақлу андешаи башар хориҷ аст ва мо ҳам шаръан мукаллаф нестем вориди ин водиҳои ношинохта бишавем, ба таври куллӣ боби маорифро садд мекунанд. Инҳо хаёл мекунанд ҳадди ниҳоии илоҳиёт ин аст, ки дар низомоти хилқат мутолеа кунем ва ангушти ҳайрат ба лаб бигирем. Ангушти ҳайрат ба дандон газидан ҳаддиаксари Худошиносӣ аст. Бинобар ин, як давра таърихи табиӣ мутолеа кардан, барои ҳамаи масоили илоҳиёт кофӣ аст; китобҳои амсоли Мурис Метерлинг як илоҳиёти комил аст.

Инҳо намедонанд, ки мутолеаи низоми хилқат, қадами аввал аст, на қадами охир; ҳаддиаксар ин аст, ки бо ин қадам то марзи миёни табиат ва моварои табиат мерасем, на бештар.

Мо дар ҷилди панҷуми “*Усули фалсафа ва равиши реализм*” роҳҳои мухталифи Худошиносӣ ва аз он ҷумла роҳи ҳиссу илм, яъне роҳи мутолеаи табиатро арзёбӣ кардаем ва ҳудуди онҳоро мушаххас кардаем ва собит кардаем, ки аввалан, роҳи инсон барои таҳсили маорифи илоҳӣ ва мовароуттабиӣ ба монанди як илми мутқан ва мубарҳан боз аст ва баста нест. Сониян, аз назари ислом, инсонҳо мукаллафанд ва ё лоақал муҷозанд, ки бо маорифи мовароуттабиӣ ба монанди масоили таҳқиқӣ ва истидлолӣ ва бурҳонӣ, на тақлидӣ, ошно бишаванд. Ва солисан, роҳи ҳиссу илм ё роҳи табиат, ҷоддае аст, ки аз табиат то марзи моварои табиат кашида шудааст ва на бештар. Намегӯям ҷоддае аст, ки аз табиат то марзи улуҳият кашида шудааст ва ба истилоҳ барои сафари “минал-халқ илал-Ҳақ” кофист, балки мегӯям ҷоддае аст, ки то марзи моварои табиат кашида шудааст; яъне ҳамин қадр собит мекунад, ки табиат мотавое дорад ва мусаххари он моваро аст; аммо худи он моваро махлуқ аст ё на? Яъне оё қудрати мовароуттабиӣ ҳамон холиқи кулл аст ё худи ӯ низ ба навбаи худ махлуқ ва мусаххари моварои худ аст? Фаразан ӯ худ моварое надорад, оё ӯ худаш басит аст ё мураккаб? Воҳид аст ё касир? Илму қудраташ мутаноҳӣ аст ё ғайримутаноҳӣ? Файзаш маҳдуд аст ё номаҳдуд? Башар дар баробари ӯ маҷбур аст ё озод?… Ва даҳҳо пурсиши дигар, ба ҳеч як аз ин пурсишҳо наметавонад посух диҳад.

Аммо илму фанне ҳаст, ки ба ҳамаи ин пурсишҳо посух медиҳад; метавонад моро бо усулм бурҳоним худ, ҳам аз халқ то Ҳақ ба парвоз дароварад ва ҳам метавонад моро “бил-Ҳақ фил-Ҳақ” сайру ҳаракат диҳад ва бо як силсила маорифи марбут ба олами рубубӣ ошно созад.

Ба ҳар ҳол, як гоми мубориза бо моддигарӣ, арза кардани як мактаби илоҳист, ки битавонад посухгӯи ниёзҳои фикрии андешамандони башар бошад.

Дар марҳилаи дуввум бояд пайванди масоили илоҳӣ бо масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ мушаххас шавад. Мақоми мактаби илоҳӣ аз назари пуштвона будани ҳуқуқи сиёсӣ

ва иҷтимоӣ равшан гардад. Дигар қабули Худо мулозим бо қабули ҳаққи зӯргӯӣ ва истибдоди ҳукмрон талаққӣ нагардад. Хушбахтона аз ин назар низ таълимоти исломӣ ғанӣ ва расост, ҳарчанд камтар арза шудааст. Вазифаи донишмандони равшанфикри исломӣ аст, ки мактаби ҳуқуқии исломро аз виҷҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ — ва билахасс аз виҷҳаи иқтисодӣ — муаррифӣ кунанд.

Дар мароҳили дигар бояд бо ҳарҷу марҷи таблиғӣ ва изҳори назарҳои номутахассис мубориза шавад. Дигар барои хаттҳои рӯи харбуза ва барои бол надоштани шутур, аз он фалсафаҳо бофта нашавад. Ба масъалаи муҳити мусоиди ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ки ҳамоҳанг бо мафоҳими мутаъолии маънавӣ бошад, бояд камоли аҳаммият дода шавад. Масъалаи муҳити мусоид — ки аз назари ислом амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои чунин манзуре аст — гузашта аз соири ҷиҳот, аз ҷанбаи эҷоди замина барои рушди мафоҳими олии маънавӣ фавқулъода зарурӣ аст.

Аз ҳама заруритар ин ки дар асри мо бояд алоқамандон ва ошноён ба мафоҳими воқеии исломӣ саъй кунанд бори дигар ҳамосаро, ки рукне аз мафоҳими исломӣ буд, бад-онҳо баргардонанд. Албатта бозгардонидани ҳамоса ба мафоҳими исломӣ ниёзманд аст ба ҷиҳоде фикрӣ ва қаламӣ ва забонӣ… ва ҷиҳоди дигари амалӣ.

***Вассалому ало манит-табъал-ҳудо!***

*Поёни китоб*